**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ**

**АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ**

**Ба ҳуқуқи дастнавис**

**УДК 378: 796 (575, 3)**

**ББК 74, 58 + 75, 1 (тадж)**

**Ф-13**

**ФАРЗОНАИ САЙФИДДИН**

# АҲАМИЯТИ ПЕДАГОГИИ АФКОРИ МУТАФАККИРОНИ АСРҲОИ XII - XIII ДАР ТАРБИЯИ НАСЛИ НАВРАС ДАР ШАРОИТИ МУОСИРИ ТАҲСИЛОТ

**ДИССЕРТАТСИЯ**
**барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD,**
**доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010301-Педагогикаи умумӣ,**
**таърихи педагогика ва таҳсилот**

**Роҳбари илмӣ:** Иброҳимов Г.,

номзади илмҳои педагогӣ, дотсент

**КӮЛОБ - 2025**

# МУНДАРИҶА

МУҚАДДИМА…………………………………………………………….. **4-15**

**БОБИ I. МАСОИЛИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ НАВРАСОНУ ҶАВОНОН ДАР ОСОРИ МУТАФАККИРОНИ ФОРСУ ТОҶИКИ АСРҲОИ XII - XIII** ........................................................... **16-115**

1.1.Масоили тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ дар осори мутафаккирони асрҳои XII - XIII ва аҳамияти он дар тарбияи наврасон ва ҷавонон........................................................................................ 16-68

1.2. Сарчашмаҳои асосии таълимоти педагогӣ ва меъёрҳои тарбиявии мутафаккирони форсу тоҷик............................................... 68-78

1.3. Моҳият ва ҳамбастагии назариёти мутафаккирони форсу-тоҷик дар муқоиса бо назарияи инсондӯстӣ ва худшиносӣ........................... 78-114

Хулосаи боби якум............................................................................. 114-115

**БОБИ 2. ВАЗЪИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ НАВРАСОНУ ҶАВОНОН ВА КОРИ ТАҶРИБАВӢ- ОЗМОИШӢ ОИД БА ТАКМИЛИ ОН БО ИСТИФОДАИ АФКОРИ ПЕДАГОГИИ МУТАФАККИРОНИ ФОРСУ ТОҶИКИ АСРҲОИ XII-XIII......... 116-161**

2.1.Технологияи истифодаи ахлоқи мутафккирони форсу тоҷик дар раванди муосири таълим ва тарбияи насли наврас.............................. 116-134

2.2.Афкори мутафаакирони форсу тоҷик оид ба саодат ва адолат….. 134-148

2.3. Таҳлил ва арзёбии самарабахшии натиҷаҳои кори таҷрибавӣ – озмоишӣ оид ба ташаккули тарбияи насли наврас……….......…… 148-156

**ХУЛОСАИ УМУМӢ……… …………………………........................ 157-159**

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо...................................... 159-161

**ФЕҲРИСТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА.............................. 162-175**

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия……………………….......... 175-176

# ИХТИСОРАҲО:

ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон

ТТ – Таълиму тарбия

МТМУ – муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ

МТ – муассисаи таълимӣ

ТА-тарбияи ахлоқӣ

ТҶ-тарбияи ҷисмонӣ

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Асоси сиёсати фарҳангии давлати мо тавассути тарғиби ҳамаҷонибаи таърихи ибратомӯзи халқамон, мероси гаронбаҳои фарҳангиву адабии миллати куҳанбунёдамон, арзишҳои милливу умумибашарӣ, баланд бардоштани сатҳи худшиносиву худогоҳӣ, ифтихори миллӣ, эҳсоси ватандӯстиву ватанпарастии ҳар як фарди ҷомеа, таҳкими ваҳдати миллӣ ва дастовардҳои истиқлолияти Ватанамон мебошад.

Рушди ҷомеа дар ҳар кишвари мутараққӣ бо ғановати маънавии таърихи гузаштагонаш иртибот дорад ва танҳо ифтихорот аз дастовардҳои тамаддуни миллӣ, омӯзиши таърих, шинохти фарҳанг ва қадрдонии муттафаккирони хирадманд ва аҳли илму адаби миллати хеш метавонад дар рафти таълиму тарбияи насли нав саҳмгузор бошад ва ин наслро ба баҳрабардорӣ аз ғояҳои маънавии хеш, ба худшиносии амиқ оварда расонад.

Аз ин ҷост, ки ҳар миллати соҳибтамаддун барои рушд додани соҳаи маориф ва заковати маънавии мардуми хеш, пеш аз ҳама, ба тариқи инкишоф додани илму маърифат, гиромӣ доштани мактаб, муаллим, китобу барномаҳои таълимӣ, талқини масъулияти падару модар, дарки худшиносӣ ва шинохти ҷойгоҳи хеш дар ҷомеа ва ба ин монанд бештар таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд ва русуму анъанаҳои таълимии гузаштаро ҳамчун маҳсули хиради инсонӣ сармашқи фаъолият дар ин соҳа қарор медиҳад.

Мутобиқи нишондоди сарчашмаҳо, дар раванди таълим ва тарбияи насли наврас омӯзиши осори маданӣ- фарҳангии гузаштагони мо нақши ниҳоят муҳим ва созгор мебозанд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Қабл аз ҳама, бояд қайд кард, ки масъалаи дар рӯҳияи арзишҳои миллии ниёгон тарбия намудани насли наврас дар Консепсияи мактаби миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (1993) Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2006) ва дигар санадҳои муҳими соҳаи маориф, ки пас аз соҳибистиқлолӣ аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ таҳия ва тасдиқ гардидаанд, ба таври барҷаста ҳамчун вазифаи умдатарини раванди

таълиму тарбия дар шароити муосир инъикос ёфта, ба аз худ кардани боигарии миллӣ ва тарбияи насли аз ҷиҳати маънавӣ ҳаматарафа рушдёфта равона карда шудаанд.

Дар асарҳои адабиётшиносон С. Айнӣ, К. Айнӣ, А. Афсаҳзод, З. Аҳрорӣ, Ш. Мухторов, Т. Мирзод, М. Муллоаҳмадов ва дигарон, муаррихон Б. Ғафуров, Н. Неъматов, А. Мухторов, С. Шарипов ва дигарон дар доираи таҳқиқоти гузаронидашуда ғояҳо ва назарияҳои педагогии мутафаккирони асримиёнагии форсу тоҷик, аз қабили Низомии Ганҷавӣ, Фаридуддини Аттор, Убайди Зоконӣ, Амир Хусрви Деҳлавӣ, Ибни Туфайл, Саъдии Шерозӣ, Имом Ғазолӣ, Муҳаммад Қутбва Насриддини Тусӣ ва дигарон мавриди таҳқиқу таҳлили ҳаматараф ва амиқ қарор гирифтаанд. Дар таълифоти адабӣ ва таҳқиқоти илмии олимони номбаршуда истинодҳо ва ишораҳои арзишманд дар бораи таъсири мутақобилаи тарбия ва ҳиссиёти ватандӯстии халқи тоҷик мавҷуданд.

Олимони тоҷик Ҳ. Афзалов [25], И. Каримова [54]; [55, С. 113-115]; [56], М. Лутфуллоев [66]; [67]; [68]; [69]; [70]; [71]; [72], Ш.А. Сафаров [144]; [145], А. Паҳлавонов [80], А. Набиев [77], А. Нуров [143], С.Ф. Шарифзода [99]; [100]; [101]; [102], С. Сулаймонӣ [86], Қ. Хоҷаев [123, С. 238-247]; [124, С. 163-166]; [125, С. 41-49]; [126, С. 192-194]; [127, С. 108- 114]; [128, С. 235-239], М. Раҷабов [81]; [82], А. Халимов [94]; [95]; [96]; [97]; [98] ва дигарон таҳқиқоти бунёдии марбут ба афкори педагогии халқи тоҷикро гузарониданд. Дар онҳо ҷанбаҳои тарбияи ватандӯстии хонандагон дар асоси мероси педагогии гузаштагон ва анъанаҳои миллии халқи тоҷик мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Пас аз ба даст овардани соҳибихтиёрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиш ва таҳқиқи ҷанбаҳои гуногуни афкори педагогии халқи тоҷик идомаи худро дар асарҳои илмии М. Лутфуллозода, И. Х. Каримова, Ф. Шарифзода, Қ. Қодирова, К. Хоҷаев, Б. Маҷидова, К. Абдураҳимов, Х. Раҳимзода, И. Давлатшоев, М. Раҷабов, З. Сиддиқов ва дигарон ёфтанд.

Дар иртибот ба масъалаи матраҳ ёдовар бояд шуд, ки солҳои 60-уми асри гузашта роҷеъ ба истифодаи мероси маънавии гузаштагони халқи тоҷик

монографияи олими тоҷик М.Орифӣ «Аз таърихи фикрҳои педагогии халқи тоҷик дар асрҳои XVI-XVIII" (1962), китоби ҳаммуалифонаи дарсии Х.Авзалов ва Б.Раҳимов «Таърихи педагогикаи халқи тоҷик» (1994), асари илмии Т.Атахонов, М.Лутфуллоев, Ф.Шарифов «Очеркҳои педагогӣ» (2005), монографияи М.Лутфуллоев «Эҳёи педагогикаи Аҷам» (1997), А.Паҳлавонов «Идеяҳои педагогии халқи тоҷик дар асрҳои XVI ва XVIII» (1994), К.Қодиров «Таърихи идеяҳои педагогии халқи тоҷик» (1998) ва дигарон ба табъ расида, мавриди баҳраёбии умум ва дастрасии аҳли маорифи кишвар гардиданд.

Таҳқиқоти осори мутафаккирони асрҳои XII - XIII хело барвақт огоз гардида, диққати асосии олимон ба он нигаронида шуда буд, ки осори мутафаккиронро ҳаматарафа омӯхта, ҷабҳаҳои педагоги-психологии назарияи уро дар таълиму тарбияи насли наврас мувофиқи матлаб истифода баранд, вале мутаассифона дар аксари маврид андешамандони соҳа ба ин мақсад ноил нагардидаанд.

Ҳамаи таҳлилҳои адабии дар боло зикршуда нишон медиҳанд, ки ақидаҳои педагогии мутафаккирони асрҳои XII - XIII то ба имрӯз дар Тоҷикистон ва берун аз он ҳаматарафа омӯхта нашудааст. Ин назар ба он боис гардид, ки мо низ «Аҳамияти педагогии афкори мутафаккирони асрҳои XII - XIII дар тарбияи насли наврас дар шароити муосири таҳсилот»-ро мавзуъи таҳқиқотии рисолаи илмии хеш қарор диҳем ва дар радифи дигар устодон тавонем, андаке ҳам бошад, дар ин ҷода дар рушди илми педагогикаи тоҷик саҳмгузор бошем.

Рӯ овардан ба ақидаҳои педагогии мутафаккирони асрҳои XII - XIII моро ба он водор месозад, ки пеш аз ҳама, дар зимни таълиму тарбияи насли навраси замони муосир ва густариши ҷаҳони маънавии онҳо ба тариқи андешаҳои маорифпарваронаи ин орифони шаҳир таҳаввулоти ҳақиқатбинонаву худшиносиро бедор карда тавонем.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ**. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи татбиқи нақшаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии шуъбаи филологияи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи

Абдурахмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон барои солҳои 2017-2021 дар мавзуи “Роҳу усулҳои ташаккули ҳисси ватандӯстӣ ва худшиносии хонандагон дар заминаи мероси маънавии халқи тоҷик” ва талаботи асосии Барномаи тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонон дар шаҳри Душанбе барои солҳои 2019-2022 иҷро шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот: о**шкор намудани хусусият ва шароитҳои мусоиди педагогии истифодаи афкори педагогии мутафаккирони асрҳои XII-XIII ва талаботи имконпазири онҳо дар раванди педагогии муосир.

Аз рӯйи мақсад, объект, предмет ва фарзияи таҳқиқот **вазифаҳои зерини таҳқиқот** муайян ва муқаррар карда шуданд:

- баррасии вазъи омӯзиши афкори педагогии мутафаккирони форсу тоҷики асрҳои XII-XIII дар тарбияи насли наврас;

- ошкор сохтани ҷанбаҳои педагогӣ ва психологии мутафаккирони асрҳои XII-XIII , ки ба таълим ва тарбияи насли наврас;

- нишон додани накши ғояҳои таълимӣ ва тарбиявии дини Ислом дар ташаккули назарияи педагогии мутафаккирони асрҳои XII-XIII;

- коркарди пешниҳоду тавсияҳо оид ба истифодабарии назарияи педагогии мутафаккирони асрҳои XII-XIII дар раванди таълиму тарбияи насли наврас.

**Объекти таҳқиқот: С**арчашмаҳои илмӣ-адабӣ, таърихӣ-педагогии асрҳои XII-XIII, ки ақидаҳои педагогиро дар тарбияи насли наврас дар шароити муосири таҳсилот инъикос карда метавонанд.

Инчунин, осори Низомии Ганҷавӣ, Фаридуддини Аттор, Убайди Зоконӣ, Амир Хусрви Деҳлавӣ, Ибни Туфайл, Саъдии Шерозӣ, Имом Ғазолӣ, Муҳаммад Қутбва Насриддини Тусӣ ва дигарон низ метавонем ба мушоҳида гирем.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот**. Афкори ахлоқӣ-педагогии мутафаккирони асрҳои XII-XIII ва аҳамияти онҳо дар тарбияи насли наврас дар шароити муосири таҳсилот.

**Фарзияи таҳқиқот.** Раванди таълиму тарбияи насли наврас дар руҳияи арзишҳои миллӣ боз ҳам самараноктар ва ба мақсад мувофиқтар хоҳад шуд, агар:

- дар асоси таҳлили далелҳои таърихӣ-педагогӣ фарзияи илмӣ, ки пештар аз ҷониби дигар муҳаққиқон ба таври мукаммал мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст, асоснок карда шаванд;
- дар таркиби арзишҳои педагогии ниёгон ғояҳои ахлоқиву тарияивии мутафаккирони асрҳои XII-XIII, ки як ҷузъи фарҳанги миллӣ мебошад, дақиқ муайян карда шавад;
- ақидаҳои педагогии мутафаккирони асрҳои XII- XIII барои баланд бардоштани сатҳи худшиносӣ ва ифтихороти миллии насли наврасу ҷавон дар рафти корҳои таълимиву тарбиявӣ васеъ истифода бурда шавад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот.** Таҳқиқот дар се марҳилаи бо ҳам алоқаманд гузаронида шудааст. Дар ҳар марҳила мо дар мавриди таҳқиқ ва таҳлилҳо пеши худ мақсаду вазифаҳои мушаххас гузоштем ва то ҳадде саъюу кӯшиш намудем, ки ба ҳалли дурусти он ноил шавем.

**Марҳилаи якум (2015-2016).** Ба таври кофӣ ва дар пояи таҳлили педагогӣ ва фалсафӣ муайян кардани мақсади асосӣ ва вазифаҳои таҳқиқот дар мавриди ақидаҳои маорифпарваронаи мутафаккирони асрҳои XII - XIII.

**Марҳилаи дуюм (2016-2019).** Бар асоси ақидаҳои педагогии мутафаккирони асрҳои XII - XIII гузаронидани таҳқиқот дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи милии Тоҷикистон, Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикстон ба номи Садриддин Айнӣ, Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улугзода, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, бойгонии шаҳрӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ, Академияи милии илмҳои Тоҷикистон, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва ғ.

**Марҳилаи сеюм (2019-2022).** Ҷамъбаст ва ба низом даровардани натиҷаи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, асоснок кардани далелҳои ба кори таҳқиқоти алоқаманд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот:** Назарияи таҳқиқотро асарҳои безаволи намояндагони адабиёти форсу тоҷик, асарҳои фалсафӣ, таърихи, педагоги, мантиқӣ, равоншиносӣ, таҳқиқоти олмимону муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, Конуститутссияи ҶТ “Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи маориф”, “Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”,Стратегияи миллии рушди маорифи ҶТ то соли 2020, Қонуни ҶТ “Дар бораи масулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”, ки ба тарбияи ахлоқӣ ва маънавии насли наврас дар шароити муосир нигаронида шудаанд, ташкил медиҳанд. Асосҳои методологии таҳқиқотро мафҳумҳои асосии дарки назарияи диалектикӣ-материалистӣ ва талаботи аз онҳо бавуҷудоянда, назарияи маҷмуӯи маълумот ва таълимот дар бораи арзишҳои миллӣ, моҳият ва нақши онҳо дар ҷомеа, асосҳои педагогиву психологӣ ва фалсафии ташаккули худшиносӣ ва ҳуввияти миллии шахс, консепсияҳои илмии дар риштаи назария ва амалияи тарбияи насли наврас аз рӯйи анъана ва урфу одатҳои миллӣ мавҷуда, мероси педагогии олимони шинохтаи ватанӣ ва хориҷӣ, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи маориф, ки моҳияти ҷараёни таълим дар муассисаҳои таълииро муайян мекунанд, принсипҳои ягонагии мантиқӣ ва таърихӣ, системанокӣ ва илмият ташкил медиҳад. Дар давоми таҳқиқот, ҳамчунин, китобҳои илмию дарсӣ ва нуқтаи назари муҳаққиқони ҷумҳуриҳои гуногун ба инобат гирифта шудаанд. Асоси таърихнигории корро сарчашмаҳои таърихӣ, таҳқиқоти илмӣ ва адабиёти илмию динӣ ташкил медиҳанд.

Таҳлили андешаҳои педагогии мутафакирони XI- XII бо баҳисогирии талаботи объективӣ, омӯзиш ва арзёбии масоили одобу ахлоқи ҷавонон, ташаккулу рушди шахсияти инсон ба ин вобаста ва дар муқоиса бо талаботи имрӯз мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

**Сарчашмаи маълумот.**

1. Мероси қадимаи форсу тоҷик “Авасто”;

2. “Ҳай ибни яқзон”- и Ибни Сино ва осори мутафакирони форс-тоҷик, ки зери таъсири он таълиф шудаанд.

3. Таълимдори шарқшиносони тоҷик ва шуравӣ доир ба осори мансури намояндагони адабиёти форси-тоҷик дар асрҳои XII- XIII

4.Осори мансур манзуми классикони мутафаккирони форс точики асрҳои XII – XIII.

5. Осори мутафаккирони форсу тоҷики асримиёнагӣ: Низомии Ганҷавӣ, Фаридуддини Аттор, Убайди Зоконӣ, Амир Хусрви Деҳлавӣ, Ибни Туфайл, Саъдии Шерозӣ, Имом Ғазолӣ, Муҳаммад Қутб ва Насриддини Тусӣ. Осори бунёдии муҳаққиқони ватанӣ: М. А. Орифӣ, И. О. Обидов, Х.С. Афзалов, Х. Раҳимов, Б. Раҳимов, А.П. Паҳлавонов, М. Лутфуллозода, Қ.Б. Қодиров, Ф. Шарифзода, И.Х. Каримова, Х.Х. Тиллашев, З. Раҷабов, Б. Маҷидова, М.Б. Каримзода ва дигарон.

6. Қонунҳо, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, консепсияву стратегия ва барномаҳои давлатӣ, санаҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф ва ғ.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Омӯзиш, таҳлил, муқоиса ва таҳқиқи осори ахлоқӣ педагогии намояндагони оламшумули форс- тоҷик масъалаи муҳиме мебошад, ки заминаҳои таърихӣ ва фалсафӣ амиқ доранд. Мутобиқи мақсади гузошташудаи таҳқиқот ба он аз дидгоҳи педагогӣ, равоншиносӣ, мантиқӣ ва фалсафӣ ворид шуда, омӯзиши афкори маорифпарваронае ва ахлоқӣ-маънавии афкори мутафаккирони асрҳои XII – XIII-ро аз нуқтаи назари илми муосир дида баромада, татбиқи онро тавассути усулҳои эмприкӣ: озмоиш, мубоҳиса, сӯҳбат,муқоиса, таҳлил,таҷзия, арзёбӣ, саволу ҷавоб,тестҳои соҳавӣ дида баромадем.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Пойгоҳи таҳқиқот. Кори таҷрибавӣ-озмоишӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣгузаронида шуд. Дар озмоиши педагогӣ ду гурӯҳ (озмоишӣ ва назоратӣ)-и хонандагони синфҳои 10-11 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ бо шумораи умумии 1122

нафар ҷалб карда шуданд. Ҳамчунин дар пурсиш 300 нафар донишҷӯёни Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов фаро гирифта шуданд. Азбаски рисола дар асоси дурнамои корҳои таҳқиқотии кафедраи педагогикаи ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба нақша гирифта шуда буд, инчунин, пойгоҳи таҳқиқот ин муассисаи олӣ мебошад. Ҳамзамон робитаи диссертант бо дигар муассисаҳои олии кишвар: Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи омӯзгории ба номи С. Айнӣ, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав доими буда, онҳоро низ ҳамчун пойгоҳи таҳқиқот ҳисобидан мункин аст.

**Навгонии илмӣ:** Бори аввал аст, ки ба тариқи таҳқиқоти яклухт:

- нерӯи тарбиявии афкори педагогии мутафаккирони форсу тоҷики асрҳои XII – XIII ҳамчун воситаи муассири тарбияи насли наврас ошкор карда шуд;

- технологияи тадбиқи таълимоти педагогии мутафаккирони асрҳои XII-XIII дар ташаккули шахсияти инсони даврони муосир баррасӣ карда шуданд;

- технологияи истифодаи ахлоқи мутафккирони форсу тоҷик дар раванди муосири таълим ва тарбияи насли наврас муайян карда шуданд;

- андешаҳои педагогии мутафаккирони асрҳои XII- XIII оид ба масъалаҳои таълим ва тарбияи насли наврас баррасӣ карда шуданд:

- шароити мусоиди педагогӣ барои тарбияи ватандӯстии хонандагон бо истифодаи афкори педагогии мутафаккирони форсу тоҷики асрҳои XII- XIII, ки ба рушди шуури ватандӯстӣ ва ҳисси қарзи шаҳрвандӣ дар хонандагони синфҳои болоӣ мусоидат мекунанд, муайян карда шуданд;

- сифатҳои шахсият тибқи ғояҳои мутафаккирони асрҳои XII- XIII , ки дар ташаккулёбии шахсияти хонандагон таъсири мусбат мерасонанд, ошкор ва муайян карда шуданд;

-ҷанбаҳои асосии фаъолияти якҷояи толибилмон ва устодон вобаста ба истифодаи андешаҳои педагогии мутафаккирони асрҳои XII- XIII дар раванди корҳои таълимиву тарбиявӣ муайян карда шуд;

-истифодаи фикрҳои ахлоқии мутафаккирони асрҳои XII- XIII дар ҷараёни таълиму тарбияи шогирдон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии мамлакат асоснок гардиданд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.**

1. Ҷалби мутаххасисони соҳаи педагогию психологӣ ба афкори ахлоқӣ-педагогии мутафаккирони асрҳои XII-XIII.

2. Тарбияи ватандӯстӣ бо истифодаи афкори педагогии мутафаккирони форсу тоҷики асрҳои XII-XIII аз маҷмуи тадбиру амалҳое иборат мебошад, ки ба татбиқи имкониятҳои иҷтимоию педагогӣ ва истифодаи пурратари захираҳои мавҷудаи муассисаҳои таҳсилот, ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ, иттиҳодияҳои динӣ дар тарбияи ҳиссиёту эътиқодоти ватандӯстӣ ва омодагии ҳарбии ҳомиёни Ватан нигаронида шудаанд.

3. Таъсири ақидаҳои озодандешонаи мутафаккирони асрҳои XII-XIII-и форсу тоҷик ба ворисон ва намояндагони дигар халқияту миллатҳо.

4. Нақш ва саҳми осори мутафаккирони асрҳои XII-XIII-и форсу тоҷик дар рушди ақидаҳои прогрессивии умумибашарӣ.

5. Аҳамияти афкори мутафаккирони асрҳои XII-XIII дар тарбияи ахлоқӣ, маънавӣ,фарҳагӣ ва худогоҳии миллӣ.

**Методҳои таҳқиқот.** Ҳамин тариқ, вобаста ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот чунин методҳои таҳқиқӣ истифода шуданд:

-таҳлили назариявӣ, муқоисавӣ ва таърихӣ;

- омӯзиши сарчашмаҳо ва адабиёти дастрас оид ба педагогика, психология ва методикаи таълим;

-бархӯрди интиқодӣ;

- хулосаи умумикунонии сарчашмаҳои адабӣ;

-банизомдарории далелҳои таърихӣ;

- таҳлил ва далелҳо ва маълумот, ки дар раванди омӯзиш ва таҳқиқ ба даст омадаанд;

- методи худбаҳодиҳӣ ва мониторинги назоратӣ.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Ин гуна иқдом, пеш аз ҳама, имкон медиҳад, ки дар ҳама давру замон омӯзиши доимии ғояҳои педагогии мутафаккирони бузурги форсу тоҷикро мунтазам идома диҳем.

Андешаҳои педагогии мутафаккирони форс точики асрҳои XII – XIII имконият фароҳам мекунанд, ки дар ҷараёни таълиму тарбия тавасстуи истифодаи мақсадноки онҳо баъзе нуқсону камбудиҳое, ки дар шогирдон мавҷуданд, ислоҳ карда шаванд. Чунон ки омӯзиши мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ нишон дод, бисёр паҳлуҳои таълимиву тарбиявии осори мутафаккирони форс точики асрҳои XII – XIII амиқ ва ба таври кофӣ омӯхта нашуда, мавриди тадқиқ ва таҳлили пурра қарор нагирифтааст ва метавон арзёбӣ кард, ки аз назари илмӣ ва таҳқиқотӣ ҳанӯз ҳам ба пажӯҳиш ниёз доранд.

Арзиши амалии таҳқиқот дар коркарду ташкили технологияи истифодаи арзишҳои педагогии осори мутафаккирони форс точики асрҳои XII – XIII дар раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ, такмили стандарту барномахои таълим, дастурҳои методӣ ва китобҳои дарсӣ ифода меёбад. Баррасиву пешниҳодот ва тавсияҳои дар мавриди корбурди андешаҳои ахлоқӣ-аънавии осори мутафаккирони форс точики асрҳои XII – XIII ироашуда дар ин ҷода ин халоро ба як андоза пур карда, имконотро барои истифодаи ин арзишҳо дар раванди таълиму тарбияи муосир фарҳам хоҳанд кард.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия:** бо беихтилофии мавқеъҳои назариявие, ки ташаккули онҳо ба таҳлили ғояҳои педагогии муҳаққиқони гуногун асос ёфтааст, мувофиқати методҳои таҳқиқот бо ҳадафҳои матраҳгардида, бисёрҷанбагӣ ва бардавомии таҳқиқоти роҳандозишаванда дар дараҷаҳои назариявӣ ва амалӣ, тасвиби натиҷаҳои бадастомада таъмин карда шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ:** Мавзуи рисолаи илмӣ ба мавзуъ ва мундариҷаи бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси 6D01-03-01 педагогикаи умумӣ,таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқ мебошад.

Банди 1. Методологияи таҳқиқоти педагогӣ (ҷанбаҳои таҳқиқот дар рушд ва таҳкими илми педагогика, боҳамалоқамандӣ ва татбиқи назариявии онҳо, усулҳои таҳқиқотии педагогӣ)

Банди 2. Консепсияи миллии тарбия (сатҳу сифати тарбия ва технологияҳои амалисозии он, равандҳои навоварона дар тарбияи насли наврас).

Банди 3 - «Антропологияи педагогӣ» (низомҳои /шароитҳои/ рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия , таҳсилот;),

Банди 4 - «Назария ва консепсияи таълим» (қонуниятҳо, принсипҳои таълими бачагон дар давраҳои гуногуни бавоярасии онҳо; навъҳо ва амсилаҳои таълим, ҳудудҳои истифодаи онҳо;).

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот:** муҳаққиқ дар натиҷаи омӯзиш, ва таҳлили маъхазҳои илмӣ, таърихӣ, педагогӣ ва фалсафӣ зарурият ва аҳамияти мавзуи таҳқиқот, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, асосҳои назариявию методологии таҳқиқот, восита ва усулҳои пажуҳиш, навгониҳо ва муҳиммияти илмии таҳқиқотро асоснок сохта, мақсад, вазифаҳо, фарзия,объект ва предмет мавзуи кори илмиро муайян кардааст.Натиҷаи пажуҳиши кори илмӣ дар раванди корҳои тарбиявӣ, семинарҳо конференсияҳои илмӣ,ҷамъбасти натиҷаҳова таҳияи диссертатсия инъикос ёфтааст.

**Тасвиб ва амалисозӣ** тавассути интишори мақолаҳо дар бораи натиҷаҳои таҳқиқот ва чопи онҳо дар нашрияҳои илмӣ-педагогӣ, иштироки бевоситаву баромад бо маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва илмӣ-назариявӣ дар байни муаллимони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва шунавандагони курсҳои такили ихтисос, омӯзгорони кафедраҳои забон ва адабиёти тоҷик, педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ амалӣ гардидааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи дисертатсия:** Натиҷаи рисолаи илмӣ дар кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳӣ, семинарҳои илмӣ, конференсияҳои ҷамъбастии донишгоҳ, конференсияҳои ҷумҳуриявӣ “Омӯзгор тарбиятгари

ҷомеа. Барои конференсияи Ҷумҳурияви бахшида ба 80- солагии Иброҳимов Грез, саҳ 116 аз чоп баромад баррасӣ шудаанд.

Муаллиф дар раванди таҳқиқот 13 мақолаҳои илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз онҳо 8 адад дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти ҶТ чоп шудаанд.

**Санҷиши натиҷаҳои таҳқиқот** ба воситаи таълифи мақолаҳо оид ба натиҷаҳои таҳқиқот ва ва нашри онҳо дар маҷаллаҳои илмӣ-педагогӣ, иштироки бевосита ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва илмӣ-назариявӣ бо иштироки омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва шунавандагони курсҳои такмили ихтисос, омӯзгорони кафедраҳои забон ва адабиёти тоҷик, педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллох Рӯдакӣ.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Дисертатсия аз мудаддима, 2 боб, 6 параграф, хулоса, тавсияву пешниҳодҳо ва феҳристи адабиёт иборат мебошад. Муҳтавои таҳқиқот дар 176 саҳифаи чопи компютерӣ инъикос ёфта, рӯйихати адабиёти истифодагардида аз 151 номгӯй иборат мебошад.

# БОБИ I. МАСОИЛИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ НАВРАСОНУ ҶАВОНОН ДАР ОСОРИ МУТАФАККИРОНИ ФОРСУ ТОҶИКИ АСРҲОИ XII - XIII

## 1.1. Масоили тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ дар осори мутафаккирони асрҳои XII - XIII ва аҳамияти он дар тарбияи наврасон ва ҷавонон

Афзалияти афкори педагогӣ ва аҳамияти тарбиявӣ доштани осори бебаҳо ва бахусус “Ҳай ибни Яқзон” ба Ибни Туфайл шуҳрати ҷаҳонӣ бахшидааст. Чунон ки муҳтавиёти ин асари ҷовидонаи ӯ ҳидоятгари инсон ба роҳи камолёбӣ ва соҳиб гардидани он бо хислатҳои нек ва ба фарқият шинохтани хубу зишт равона гардида, инсонро дар масири худшиносӣ ба воя мерасонад. Зеро дар ҳар маврид инсонеро, ки ӯ дар ин асари бемисол васф менамояд, ӯро бо доштани хислатҳои неки ахлоқии ибратпазир ба намо мегузорад ва онро аз тариқи ростин ва растагорӣ ҳидоят мекунад.

Бар ин иддао, чунон ки таълим медиҳад, бояд нахуст пешаи инсони орзуҳои Ибни Туфайл некӣ ва некӯкорӣ бошад ва мутобиқи мақсадаш дилеро ба даст оварда, дар зимни аъмоли неки хеш тавонад, ки намунаи ибрати дигарон гардад, қадри одамиро донад ва ба ҷо орад, дар интихоби маслакаш мутобиқи кирдори некӯ ва рафтору гуфтори шоистааш кӯшову саҳим ва бар аъмоли хеш далеру устувор, ростқавлу росткор, хоксор ва дар аҳду вафо ва футуввату ҷавонмардӣ бемисолу беҳамто бошад, зеро чунин таълимоти муваффақона метавонад дар ташаккули шахсияти инсон саҳим ва дар ҳоли ибратомӯзӣ ба шахсияти дигарон низ муассир бошад.

Инсонеро, ки Ибни Туфайл мавриди ситоиш қарор додаасту ӯро чун инсони комил ва шахсияти ӯро шинохта ва ибратомӯз муаррафӣ менамояд, аз хислатҳои бади инсонӣ, мунофиқӣ, ғайбатгӯӣ, муфтхӯрӣ ва ришватситонӣ, айбҷӯӣ, мардумозорӣ, душманӣ, нодонию ҷоҳилият, аҳдшиканӣ, тарсӯӣ ва хиёнаткорӣ, ҳасодат, тамаъкорӣ, ғараз, мағрурӣ ва худписандӣ ва ғайра дар канор мегузорад.

Бо ҳамин тариқ, Ибни Туфайл таълимоти ахлоқиро дар асари хеш ба роҳ монда, сифатҳои ба шахсият расиданро дар инсони ормонҳои худ парвариш карда, асоси онро дар рӯнамои хисоли ҳамида ва дарёфти роҳи камолоти инсон, ки ташаккулдиҳандаи шахсияти ӯст, нишон медиҳад.

Тамоми мардуми дунё Ибни Туфайлро чун файласуф ва адиби бузурги Шарқ дар сатҳи ҷаҳонӣ мешиносанд ва қадр мекунанд. Ибни Туфайл яке аз бузургтарин намояндагони фалсафаи «машшоияи шарқӣ» ба ҳисоб меравад. Ӯ на танҳо дар боби фалсафа, инчунин роҷеъ ба ҷамъият, ахлоқ ва ирфон як қатор асарҳои нодир таълиф намудааст, ки онҳо то имрӯз ҳам арзиши худро гум накардаанд.

Ба қавли муаллифони дигар, Ибни Туфайл дар рисолаҳояш, бавижа дар «Ҳай ибни Яқзон» масъалаҳои ахлоқиро таҳқиқ намуда, одами берун аз ҷамъият ташаккулёбандаро фақат аз рӯи хислатҳои ботиниаш тасвир кардааст. Вале мақсаду мароми муаллиф, назар ба он чӣ ки тадқиқотчиёни аврупоӣ гумон бурдаанд, басо амиқ аст. Он масъалаҳоеро дар бар мегирад, ки қобили таваҷҷуҳанд. Муаллифи рисола дар назди худ мақсад гузоштааст, ки *ба* чунин савол ҷавоб ёбад: оё одам қодир аст, ки қувваи идроку хулқи худро пурра инкишоф дода, муҳити зистро дар таҷрибаи хеш мустақилона дарк намояд.

Фалсафаи машшоия аз дигар мактабҳо, ҷараёнҳо ва равияҳои фалсафаи асримиёнагии форсу тоҷик бо он фарқ мекард, ки пеш аз ҳама ҷанбаи дунявӣ-илмӣ дошт. Барои муайян намудани муносибати файласуфон, пеш аз ҳама «машшоиён» ва умуман бештари дигар равияҳо дар Шарқ, ба дин ва хусусан ба дини ислом бояд рӯйи ниёз овард, зеро дар муҳити мадание, ки онҳо дар он мезистанд, муҳити динӣ буд.

Дар иртибот ба ин ҳар як мутафаккир, албатта оиди ин ё он масъалаи динӣ ақидаи хешро изҳор мекард ва дар вобастагӣ рисолае иншо мекард. Ақидаҳои тасаввуфии Ибни Туфайлро на дар асарҳои калонҳаҷми фалсафӣ, балки дар рисолаҳои ҳаҷман хурди ӯ ҷустан лозим аст. Рисолаи «Ҳай ибни Яқзон» аз қабили хамин рисолаҳо мебошад» [62, №7-8].

Ба ҳамин монанд, чунон ки дар боло тавсиф намудем, ақида ва назари аҳли маърифат қариб дар ҳама ҳолат ба шинохти ахлоқӣ, ки бар таълимоти ирфон равона шудааст, бар асоси дин бархурдорӣ дошт ва мебинем, ки дигар мутафаккирон низ монанди Ибни Туфайл дар ин масъала арзи назариёти хешро доранд.

Аз ҷумла, ба ақидаи Ибни Сино, ахлоқ яке аз омилҳои санҷидашуда дар умури амалӣ ва динӣ буда, ҳадафи он ба даст овардани неъмати ақлонӣ ва саъю кӯшиш барои такомули хулқи мадании инсон мебошад.

Пеш аз такомули ахлоқӣ, инсон бояд камбудиҳои худро ошкор намояд, ки дар ин кор ба ӯ метавонанд ёру дӯстонаш кӯмак кунанд ва рафтори неки ӯро нек ё рафтори бадӣ ӯро бад нишон диҳанд [59, 16].

Дар ин миён Ибни Рушд низ аз ҷумлаи мутафаккиронест, ки мақому мартаба ва манзалати ақлро хеле боло бардоштааст. Файласуф рафтору кирдори инсонро ба қазою қадар не, балки ба худи ӯ ва ахлоқу фитрат ва хиради ӯ муносиб, ва алоқаманд шуморида аст.

Ҳамин тариқ, дар таълимоти Ибни Рушд хирад на фақат ба сифати меҳварии ахлоқ, балки ҳамчун меъёри муайяанкунадаи хулқи инсон низ ба нишон дода шудааст.

Дар таърихи баррасиҳои илм дар атрофи мавзуъи ахлоқ оид ба маъсалаи некӣ ва бадӣ ақидаҳои гуногун ва гоҳо пурихтилоф вуҷуд доранд. Чунончи, Афлотун некии олиро муайянгари сифати Худо медонад. Арасту бошад, сарчашмаи некиро дар ҳаёти воқеъӣ меҷӯяд.

Ба ақидаи Арасту, инсон барои некӣ кардан офарида шудааст ва аз ин ҷост, ки инсон, дар навбати аввал, ба зебоии ҳаёт ва накукорӣ саъю кӯшиш мекунад, ки ин низ марбути боровардаи ахлоқ ва хираду тафаккури ӯ мебошад. Аз ҳамаи некиҳо, ба фикри Арасту ҳамон некӣ комил ва мӯҷиби қабул аст, ки вай дар байни норасоӣ ва ифроткорӣ ҷои мобайниро ишғол менамояд, яъне ба ақидаи Арасту, ҷустӯҷуи мобайнӣ - ин камоли некист [24, 285].

Низомии Ганҷавӣ низ аз зумраи мутафаккиронест, ки ахлоқи покро тараннум намуда, инсонро ба дӯстӣ, ёру бародарӣ, накӯкорӣ, хулқу одоб,

рафтору кирдори нек даъват карда, одамони бадкирдору бадахлоқро мазаммат намуда, зарари иҷтимоии онро барои ҷамъият дар бахши осори худ бараъло нишон додааст.

Низомӣ ба муқобили беҳудагардӣ баромада, одамонро ба соҳиб гардидан бар хулқи ҳамида, меҳнат, ба дӯстию рафоқат даъват карда, ҳисси вафодориро беҳтарин падидаи хислати ахлоқии инсон шуморидааст:

Тухми адаб чист? -Вафо коштан!

Ҳаққи вафо чист? -Нигаҳ доштан!

Ҳамин тавр, Низомӣ низ ба монанди Ибни Туфайл ва дигар мутафаккирон дар осораш ба таблиғи беҳтарин сифатҳои инсонӣ кӯшида, хислатҳои бадро мазаммат карда, имконияти ислоҳ намудани ахлоқи бадро бо камоли боварӣ таъкид кардааст.

Мутафаккири бузург ватандӯстӣ ва хизмат баҳри ватанро вазифаи муқаддаси ҳар як инсон шуморидааст. Ин ақидаҳо дар осори ӯ бо як тарзи нав садо дода, инсонро ба ободонии Ватан даъват намуда, хизмат ба халқу ватанро беҳтарин хислат ва иқдоми хуби инсон донистааст. Чунон ки дар байти зерин мегӯяд:

Кӯш, то халқро ба кор ойӣ,

То ба хулқат ҷаҳон биёройӣ.

Бо назардошти чунин ҳамфикрӣ ва бархурди ақидаҳои мутафаккирон, нақши омӯзгор ва ҳидоятгар хеле муҳим аст, чунон ки диққати Ибни Туфайл низ дар осори ӯ бештар ба мавқеъи омӯзгор ва тарбиятгар равона гардидааст, ки дар фаъолияти онҳо ҳамеша масъалаи ташаккули шахсияти инсон ба тариқи тарбияи сифатҳои ахлоқӣ аввалиндараҷа ба шумор меравад.

Масъалаи хулқи инсон аз тарафи Унсурулмаолии Кайковус низ бисёрҷиҳата дида ва санҷида шудааст: аз ҷиҳати анатомӣ - гигиенӣ, психологӣ, ахлоқӣ ва тиббиву эстетикӣ. Ӯ дар тасарруфи идеологияи замон аст ва асоси афкори ахлоқӣ - равоншиносии ӯро ахлоқи мусулмонӣ - динӣ ташкил менамояд. Масалан, ӯ мафҳуми ҷиҳати ахлоқии одами некро бо риоя кардани қонуниятҳои динӣ алоқаманд мекунад.

Бо андешаи ӯ, накӯкорӣ ва ахлоқ ба ақл муҳокимаронӣ ва инкишофи маънавӣ вобаста аст. Ӯ бар ақидаест, ки мутобиқ бар ин ҳикмати халқ аст: “Бузургӣ ба ақлу хирад аст, на ба ному насаб ё ба сол” ва дар муайян намудани арзиши инсонӣ муътақид аст, ки меъёри баҳо ақлу дониш ва хиради инсониро бояд гирифт, на гузашта ё авлоди ӯро. Дар асл ақлу хирад ва донишмандӣ асоси генетикӣ - ирсӣ низ доранд. Зеро дараҷа ва сифати инкишофи рӯҳӣ - маърифатии инсон ба фаъолӣ ва ё сустфаъолиятии нейронҳои асабӣ, ки дар маркази майна ҷо гирифтаанд ва асоси ирсӣ доранд, вобаста мебошад.

Адаб ва маданияти шахс дар ҷараёни зиндагӣ, дар ҷомеъа, кӯча, кор, оила, маърака ва дар муошират бо дигарон зоҳир мегардад. Махсусан таъсири сухан зиёд аст, тавре ки мегӯянд: “Ҳар сухан ҷоеву ҳар нуқта мақоме дорад”.

Беҳтарин ғавҳари ганҷинаи ҳастӣ суха наст,

Сухан гар ҷон набувад, мурда чаро хомӯш аст.

Халқи тоҷик дорои маданияти бостонист. Тартибу қоидаҳои ахлоқие, ки дар хусуси онҳо таваққуф менамоем, ҳазорҳо сол дар байни мардуми мо маъмуланд. Масалан, дар давраи пеш аз исломӣ ақидаҳои ахлоқӣ дар «Авесто», “Пирӯзинома”-и Бузургмеҳр, “Панднома”-и Анушервон ва дигар донишмандон дар шакли панду насиҳат баён шуда буданд.

Афкори ахлоқӣ пас аз истилои Араб (таҳти таъсири Қуръони маҷид, ҳадисҳои ҳазрати Расули акрам(а) фарҳанги юнонӣ ва халқҳои дигар) ҳам бо суръат инкишоф ёфтанд ва дар ин замина китобҳои хеле зиёде таълиф шуданд, ки аз ҷумла: “Абвоб-ул-кабир ва одоб-ус-сағир”-и Ибни Муқаффаъ, “Таҳзиб-ул-ахлоқ”-и Ибни Мисквайҳ ва ғайра метавонанд далели ин гуфтаҳо бошанд [59, с.13].

Дар маврид метавон аз осори Абулқосими Фирдавсӣ ба фасоҳат истифода намуд, ки камолоти инсонро бе тарбияи ахлоқӣ, меҳнатдӯстӣ, ростқавлӣ ва ақливу рӯҳӣ тасаввур карда наметавонист. Шоир ин хислатҳои инсонро тараннум карда, меҳнатро сарчашмаи ҳамагуна инкишоф ва бузургиву давлати шахсро дар ҳунармандиву меҳнатқариниаш медид:

Ҳунар мардумӣ бошаду ростӣ,

Зи кажжӣ бувад каммиву костӣ.

Саъдӣ низ ба фасоҳат овардааст, ки: “Ҳунар давлатест поянда ва агар ҳунарманд аз давлат биафтад, ғам набошад ки ҳунар дар нафси худ давлат аст: ҳар ҷо ки равад, қадр бинаду дар садр нишинад ва беҳунар луқма чинаду сахтӣ бинад” [41, с.42].

Саъдӣ накӯкориро беҳтарин хусусияти ахлоқии инсонӣ дониста ин сифатро мояи ифтихори одамият шуморидааст. Вай инсониятро як организми бутун, башариятро бошад узвҳои ҷудогонаи он шуморидааст. Ба ақидаи ӯ, агар як узви инсон дард пайдо кунад узвҳои дигари он ҳам осоиши худро гум мекунанд. Аз ин рӯ, инсонияти ҷаҳон бояд ба якдигар ғамхору мададгор бошанд. Чунон ки мегӯяд:

Банӣ-одам аъзои як пайкаранд,

Ки дар офариниш зи як ҷавҳаранд.

Чу узве ба дард оварад рӯзгор,

Дигар узвҳоро намонад қарор.

Саъдӣ худбинӣ, худтаърифкунӣ, ғайбаткунӣ ва дигар сифатҳои бади сиришти инсонро дар «Гулистон» ва «Бустон» ҳамчун сиришти бад зери тозиёнаи танқид гирифта, одамонро даъват намудааст, ки аз ин хислатҳои манҳус дурӣ ҷӯянд ва ба хисоли ҳамидаву некӯӣ гараванд, зеро зебоии инсонро низ дар ин аъмол бештар ба мушоҳида медид.

Дар ин миён метавон ба ақидаҳои панду ахлоқӣ ва таълиму тарбиявии Ҳусайн Воизи Кошифӣ низ рӯй овард, ки пеш аз ҳама бештар дар “Ахлоқи Мӯҳсинӣ”-и ӯ дарҷ ёфтаанд. Ин китоби тарбиявиро Кошифӣ ба писари султон Ҳусайн Бойқаро Абулҳасан Мирзо бахшида буд. Дар муқаддимаи он Кошифӣ чунин навиштааст: Ин асари панду – ахлоқӣ ба хотири тарғиби суннатҳои волову чашмгири ниёгон ва ба камол расонидани инсони ҳамаҷонибаи рушду нумукарда ҷомаи амал пӯшидааст, ки имрӯз ҳам мақоми тарбиявии хешро аз даст надодааст”. Ва подшоҳро риояти чиҳил сифат лозим аст, ки баъзе аз он миёни вай ва халқ ва ин чиҳил сифат бар чиҳил боб оварда шуд [197, с. 14].

Чиҳил боби ин китоб ба сифатҳои зерини инсон: ибодат, ихлос, дуо, шукрона, сабр, ризо, таваккул, ҳаё, офат, адаб, ҷидду ҷаҳд, адлу саховат, шуҷоат ва ғайра бахшида шудаанд.

Мутафаккири бузурги тоҷик Аҳмади Дониш моҳияти ҳақиқии эҷодиёти Бедилро дарк кард ва ба шогирдону пайравони худ афкори пешқадами панду ахлоқии ӯро тарғиб намуд. Мунтахаботи девони панду ахлоқии Бедил дар мактабҳои кӯҳна ба сифати китоби дарсӣ низ таълим дода мешуд. Аз маросимҳои “Бедилхонӣ”, ҳатто бесаводони бедилдӯст низ баҳра мебурдаанд ва ҳатто ҳофизони халқӣ дар маъракаҳо ғазалҳои дилнишини ӯро месуруданд, ки дар тарбия намудани ахлоқи насли наврас нақши муҳим мебозиданд.

Аз зумраи аҳли ирфон Зайниддин Маҳмуди Восифӣ (1485 – 1551-1556) васфи тарбия ва таълими ахлоқи ҳамидаи инсонро сутуда, ороиши ақлро беҳтарин сифати инсонӣ медонад ва барои тасдиқи фикри худ дар “Бадоеъ -ул вақоеъ” ҳикояеро дар бораи сабабҳои кину адовати Убайдуллохон ба вазираш Хоҷа Низом ва аз тарафи Мир аз ин раъй баргардондани Убайдуллохонро оварда нишон медиҳад, ки Мир пайваста ӯро аз боби ахлоқи ҳамида, дӯстию бародарӣ панду насиҳати зиёд мекунад ва дар зери таъсири панду насиҳатҳои ахлоқии Мир чун нури офтоб бо вазир як мешаванд. Ба қавли Восифӣ, Мир ба Убайдуллохон гуфтааст: “Эй фарзанд! Ба тарбияи ҷамоае кӯшиш кун, ки ҳам аз ҷиҳати аслу насаб ва ҳам аз фазлу камол бар дигарон бартарӣ дошта, лоиқи мартабаи баланд ва сазовори тарбия бошанд” [190, с.128].

Ҳангоми таҳияи технологияи педагогӣ (дар ҳолати мо технологияи ташаккули сифатҳои ахлоқӣ) алгоритми зерини амали омӯзгор ҷудо карда мешавад: мақсад гузоштан ҳамчун блоки бунёди мақсад (дар робита бо он сохта мешавад); ташхиси сифати телевизиони ташаккулёфта; тарҳрезии сохтори мантиқии раванди таълим барои як сол ва сохтани он дар доираи мавзуъ бо миқдори ҳатмии мураккабӣ.

Ҳамин тариқ, технологияи педагогӣ як падидаи ба низом даровардашудаи сохторӣ, имманентӣ, интегралӣ, иҷтимоӣ мебошад. Технологияи педагогӣ механизми таъсири мутақобилаи ҷузъҳои таркибии як

раванди педагогиро ошкор мекунад. Технологияи педагогии ҳар як муаллиф ба таври худ механизми чараёни мушаххаси педагогиро тасарруф ва ба тартиб даровaрда, эътимоднокии натичаҳоро кафолат медиҳад, самаранокӣ ва муваффақиятро таъмин менамояд.

В.П.Беспалько унсурҳои зерини технологияи педагогиро муайян мекунад: 1) мақсадҳо; 2) мазмун; 3) интихоби шаклҳои ташкили чараён; 4) интихоби усулҳо; 5) интихоби восита; 6) натичаҳо [16]. Дар асоси гуфтаҳои боло мо таърифи муаллифро оид ба технологияи ташаккули сифатҳои ахлоқии кормандони тибби оянда медиҳем: ин механизми таъсири мутақобилаи чузъҳои таркибии як педагогии ягона мебошад.

Арасту мегӯяд: “Оқилӣ аз хирадмандӣ чанд зина поён аст, зеро вай ба ашёи паст равона карда шудааст ва хирадмандӣ бошад ба аркони абадият ва чазбу кашиши Илоҳӣ вобастагӣ дорад...”[34,76].

Ин маъниро, ки Ибни Сино дар асри XII таблиғ кардааст, ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ онро ба тариқи назм равшантару возеҳтар ва пуртаъсиртар ифода карда, мегӯяд:

Хирад раҳнамову хирад дилкушой,
Хирад даст гирад ба ҳарду сарой…
Хирад афсари шаҳриёрон бувад,
Хирад зевари номдорон бувад.
Ҳамеша хирадро ту дастур дор,
Бад-ӯ чонат аз носазо дур дор [170,с.87].

Ибни Сино ҳамзамон қайд мекунад, ки дар баробари далериву шучоатмандӣ, саховат ва олиҳимматӣ низ падидаҳои писандидаи хисоли аҳли башарият ба шумор мераванд ва ҳар як фарди чомеаро мебояд, ки аз комёбӣ ба чунин фазоил бархурдор бошад. Ба ҳамин тариқ, аҳли башарият майл ба худшиносӣ мекунад ва дар амри тақдир инсон табиатан ба некӣ ва некӯманишӣ мегироед ва бо тағйири хулқу рафтор метавонад, ки дар ҳар сурат мададгор ва мушфиқу ғамгусори одамони барчомонда ва бесаробону бечораву бенаво бошад. Агар инсон қадршиноси камоли хеш ва дорои чунин хислатҳои ҳамида

ва фазоили фавқулодда набошад, дар асл бо мурури замон қиммату маънии инсонии худро аз даст медиҳад.

Мавриди дигари омӯзиши андешаи ин мутафаккирон дар зимни шинохти маърифату маънои далериву некӯиву караму саховат, пандомӯз аз аҳамият саршор мебошанд. Ба маънои томи хеш, саховат ва некӯманишӣ аз нигоҳи мутафаккирон бояд ба андозаи муайян ба корҳои писандида ва хайрхоҳони нигаронида шуда бошанд, вагарна маънии аслии хешро аз даст хоҳанд дод. Чунон ки маълум аст, ҳадди беинтиҳои саховат низ метавонад ба исрофкорӣ оварда расонад. Аммо исрофкор касест, ки метавонад бо ин аъмоли хеш аз хасосат ва ҳасаду бухл дур ва дар кори хайр дастдарозу ҳимматбаланд бошад. Ибни сино чунин инсонҳои иродатмандро аз қабили аҳли футувват мешумурд. Ин назариёти ӯ бештар бо ақидаи Арасту ва тамоми саромадони адабиёти классикии форс-тоҷик дар ин замина қаробат дорад. Арасту ҳам ҷойгоҳи некӯманишиву саховатмандиву хайрхоҳиро дар моварои исрофкориву хасосат муайян намуда буд, вале, ҳамзамон дар мавриди дигар Ибни Сино бо диққати хос қайд мекунад, ки ҳам исрофкорӣ ва ҳам хасисӣ аз сифатҳои пасти инсонӣ ба шумор меравандъ.

Мутафаккирон бо чунин назарсанҷии хеш одамони хасису чашмгуруснаву ҳарисро бо шахсони ҳимматбаланду саховатманду некӯманиш муқобил гузошта, онҳоро чун иллати ҷомеа муаррифӣ мекунад ва хисоли номақбули онҳоро ба сифати бенангиву бешарафии инсонӣ ҳамчун кирдори нобахшиданиву афвнашаванда медонад. Дар ин радиф ҳамзамон мутафаккирон чунин одамони ҳарису хасис ва чашмгуруснаро зери тозиёнаи танқид ва мазаммат гирифта, онҳоро нанги ҷамъият ва хасми ойину русуми башарӣ мешуморад. Ба ин монанд истилоҳи мавриди дигари тавсиф ва таҳқиқи мо метавонад мафҳуми **меҳнатдӯстӣ** бошад, ки аз нигоҳи Ибни Сино шахси дорои чунин хислату хулқ инсонеро меноманд, ки ӯ дар замиру назири хеш бо роҳи хулқу атвор ва иқдомоти ибратнамояш тавонистааст, ки худро дар чашму диди аҳли ҷомеа ҳамчун чеҳраи аҳли меҳнат ва писандидаи умум инъикос намояд.

Тавоноии педагогикаи халқӣ ба ҳисси мусбии шахсият бунёд гаштааст. Дар соҳаи шиносоӣ бо арзишҳои фарҳангӣ педагогии мардумӣ, ки дар асоси эътиқодҳо, принсипҳо, ормонҳои мардумии ҳиссиётҳои мухталифи арзишманд- сиёсӣ, ахлоқӣ, ҳуқуқӣ, шаҳрвандӣ, ватандӯстӣ нишон медиҳад. Самаранокии хулосаҳои педагогии мардум, ки дар шакли зарбулмасал, мақол, масал, афсона, эпос ва фармудаҳои кодекси рафтор ифода ёфтаанд, хеле баланд аст, зеро дар асоси онҳо-теъдоди бузурги амалҳои рафтори дар тӯли асрҳо такроршуда ҷамъбаст шуда, барои ноил шудани натиҷаи мусбати педагогӣ равона шудаанд. Фармудаҳои педагогикаи халқӣ кодекси рафтори ахлоқии хонандагон ва ҷавононро ташаккул дода, бешубҳа, тарзи муносиби амал, арзиши олии ягонагӣ ва дӯстиро нишон медиҳад. Дар баробари ин, чунонки, В.Ю.Троитский қайд мекунад, ки сиёсати даврони «бозсозӣ» имкон дод, то ки «гуногунандешӣ» эрод ва густариш ёбад, вале моҳияти ин равандҳо ба бенавоӣ ва бемасъулиятӣ, пеш аз ҳама маънавии миллии одамон овард.

Мутобиқи таълимоти худшиносии инсон ва ба камол расидани он метавон афзӯд, ки меҳнатдӯсти ҳақиқӣ сароғоз метавонад симои аслии хешро ба тариқи нишон додани поквиҷдонӣ, фурӯтанӣ ва эҳтиёткорӣ, бо мавҷудияти талаботи на танҳо корро иҷро кардан, балки онро ҳамеша хуб иҷро намудан ба намоиш бигзорад ва ё ақаллан тавонад, ки дар ин амр намунаи ибрати дигарон бошад.

Хоксорӣ низ яке аз сифатҳои ахлоқии инсон ба шумор меравад, ки дар мавриди боровардани он инсон метавонад хусусиятҳои ирода ва муносибаташро бо дигарон ба навъе ба намо бигзорад. Чунон ки донишманди шинохта А. Содиқов қайд мекунад: "Одами хоксор ба ҷиҳатҳои мусбии худаш эътибор намедиҳад, балки онро барои худ ҳамчун меъёри зарурӣ ҳисоб мекунад. Ӯ боварии қатъӣ дорад, ки одамони ӯро иҳотакарда ҳам хислатҳои арзанда доранд ва мумкин аст, ки хислатҳои онҳо назар ба оне, ки дар худаш ҳастанд, дар дараҷаи балантар истанд" [170, с.43].

**Хоксорӣ** аз назари дигар баёнгари хислати инсон дар мулоиматӣ ва мушфиқу ғамхор будани ӯ, инчунин эҳдои нармрафториву ҳалимӣ дар зимни

муносиботи ӯ бо мардум ва умуман одамон мебошад. Ҷиҳатҳои хоксорӣ дар кирдору рафтор ва пеш аз ҳама ҳангоми либоспушӣ, шиштухез ва ҳангоми гуфтори шахс бараъло ҳувайдо мегардад, ки чунин хислатҳо оинаи суратнамо ва сиратнамои ҳар инсон буда метавонанд.

Инсони хоксор дар ҳар ҳолат нисбат ба хулқу атвори хеш серталаб ва масъулиятшинос буда ва ба рафтору кирдори худ бошуурона баҳо дода онҳоро беш аз ҳар аъмоли дигар медонад. Норасоиҳо дар хулқу рафтори хешро эътироф мекунад ва барои бартараф намудани норасоиҳо дар хилқати хеш доимо саъй мекунад.

Шӯҳрату эътибори беҳуда ҷустан барои одами хоксор чандон аҳамият надорад, зеро ӯ ба василаи хоксории хеш танҳо барои обрӯву эътибори дигарон талош меварзад ва ҳамаро баробар эҳтиром мегузорад. Аз ин ҷост, ки ба ақидаи Ибни Сино одами хоксор бояд аз сифатҳои некӯву ҳамида бархурдор бошад ва чунон ки барои маърифатнокии хеш мекушад, ҳамзамон барои рушду муваффақияти маърифат ва таъмини заминаҳои таълимиву тарбиявии ахлоқи дигарон низ дар талош мебошад.

Шахси хоксор пеш аз ҳама бояд обрӯйии дигаронро низ ба ҳадди обрӯву эътибори хеш қадр кунад ва ҳамеша ба некӯманишӣ ва саховату хайрхоҳӣ низ муваффақ бошад. Ба ҳар ҳол шахси хоксор набояд аз кибру ғурур кор гирад ва бояд бо сифатҳои марбут ба ин хисоли ҳамидаи инсонӣ намунаи ибрати дигарон бошад. Зеро худписандиву такаббур метавонад дар хислати инсон муассир бошад ва зевари хоксориро аз ниҳоди одамон дур созад.

Чунон ки қайд намудем **худписандӣ ва такаббур** низ аз падидаҳои муассир мебошанд, ки метавонанд ҳам ба муҳит ва ҳам ба ҷомеаи одамон таъсиргузор бошанд. Зеро, агар наздикону атрофиёни мо мутакабир ва худбину худнамову худписанд набошанд, метавонанд намунаи ибрат бошанд ва агар меҳнатдӯсту бомаърифат ва соҳиби ахлоқи ҳамидаву шоистаи инсонӣ бошанд, ҳатман писандидаи умум мегарданд. Албатта, чунин сифати одамон дар натиҷаи муносиботи тарафайн ва муомила бо ҷомеа метавонад бештар рӯнамо гардад. Бо чунин тарзи рафтору кирдору гуфтор одамон метавонанд, ки дар

хисоли ҳамдигар таъсиргузор бошанд ва ба тариқи хислати неку ҳамида дар хислати дигарон ҳамчун намунаи ибрат саҳми назаргир гузоранд.

Муносибати этнометодологӣ ташаккули одами абстракт (мафҳум) будани одамро рад карда, мансубияти онро ба ин ё он миллатат ва ҳамчун намояндаи психологияи миллӣ, маниши (характери) миллӣ, худшиносии миллӣ эътироф мекунад. Дар айни ҳол одам аз ҷомеа ҷудо зиндагӣ карда наметавонад, балки бо намояндагони маданияти гуногун дар ҳамкорӣ умр ба сар мебарад. Муносибати этнометодологӣ дар доираи миллӣ маҳдуд нашуда, ташаккули одамро дар шароити ҳамкории байнифарҳангӣ мебинад. Муносибати этнометодологӣ дар таҳлили адабиёти таърихӣ-фалсафӣ, психологӣ-педагогӣ дар омӯзиши ҷараёни ташаккул ва густариши низоми маориф имкон медиҳад, ки як қатор принсипҳои этнопедагогӣ ва этнодидактикиро ҷудо ва пешкаш намоем. Дар зимни ин принсипҳо ғояи методологии инъикоси комили фарҳанги миллӣ ва умумиинсонӣ, дарки мазмуни таҳсилот дар методҳои таълим ва тарбия ҷой гирифтаанд, ва асоси раванди ташаккули этнопегилҳое, ки дар асоси низоми миллии таҳсилот қарор гирифтанд [1,с.23].

1.Прнисипи мутобиқати мазмуни таълим бо ақидаҳои этнофилософӣ ва ҳуввияти муосир. Таҳқиқоти як зумра олимони соҳаи таърихию фалсафӣ вобастагии мазмуни таҳсилот, методҳо ва ҷузъҳои усулҳои таълимӣро бо ақидаҳои фалсафӣ ва махсусият ҷаҳонфаҳмии халқ нисбат карданд. Системаи таҳсилот ба ташаккули одами сазовори ҷомеаи худ равона шудааст, ҳамеша ба фалсафаи анъанавии халқӣ, ки муддати ҳазорсолаҳо низоми хоси ақидаҳоро бобати олами моддӣ ва ҷамъиятӣ ба вуҷуд овардааст, такя мекунад (Г.В.Мухаметзянова) [30]. Мазмуни таҳсилоти як зумра халқҳо дар зери таъсири фалсафаи мулоҳизакориҳои ғарбӣ ташаккул ёфт, халқҳои дигар-дар зери таъсири фалсафаи ақлнораси шарқӣ ба вуҷуд омад.

Барои одами Ғарб муносибати порча-порча, басилсилаи ба олам, барои одами Шарқ муносибати бутун, яклухт ба олам дар асоси ғояи қабули олам чи хеле ки вуҷуд дорад, муносибат дида мешавад. Одами Шарқ мисли боғбон баромад мекунад: табиатро мефаҳмад ва зинда мекунад, вай бо табиат якҷоя

зиндагӣ карда, аз мавҷуди худ ишора мекунад. Дар Шарқ тарбия ва таҳсилот аз якдигар ҷудонашавандаанд. Зиёда аз ин, таҳсилот ва тарбия тобе буда, ба мазмуни тарбия шомил гашта ба сифати муҳими унсури вай маҳсуб мешавад.

Одами Шарқ барои вуҷуд доштани худ таълим мегирад, одами Ғарб бошад барои ҳосил кардани дониш. Барои халқҳои дар Шарқи рӯ ба тараққи зиндагӣ мекардагӣ дар асоси фалсафаи шарқие, ки яке аз самтҳои таҷдиди мазмун мумкин аст дар таҳсилот якбора тарбия ҳамроҳ шавад. Чунин намуди ягонаи таълиму тарбия метавонад бевосита тавассути муошırати муаллим ва хонанда ба вуҷуд биёяд. Мӯйсафедони фосил (оқсақолон) барои ҷавонон дар азхуд ва паҳн кардани тарзи ҳаёти халқи худ намунаи ибрат мебошанд.

Дар Ғарб тамоюли кандашавии тарбия аз таълим эҳсос мешавад, бо вуҷуди он, ки дар педагогикаи халқии Ғарб тарбия ва таълим дар ягонагӣ арзи вуҷуд доштанд.

2. Прнисипи мувофиқати мазмуни таҳсилот, шакл ва методҳои таълим бо хусусият, этнопсихологии одамон.

Я.А.Коменский дар мавриди асоснок кардани принсипи ба табиат мувофиқ аз таҷрибаи халқӣ дар раванди таълим ва тарбияи кӯдакон истифода карда буд. Баъзе ҷузъҳои усулҳои дидактикӣ аз ҷониби ӯ дар шакли афиризҳо дида шудааст, дар баъзе лаҳзаҳои дигар афиризмҳои халқӣ асоси принсипҳои дидактикиро ташкил додаанд.

Низоми таълим ва тарбияе, ки худи халқ барпо кардааст, бо боварии комили К.Д.Ушинский ҳамон қувваи тарбиявиеро дорост, ки дар системаҳои беҳтарин дида намешавад. Дар таҳқиқоти методологии муосир Г.В.Мухаметзянова ва Р.А.Низамов масъалаи вобастагии роҳҳо ва усулҳои таълим мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Шаклҳо ва методҳои таълим бояд аз эътирофи он ки дарк ва тафаккури ҳар як халқ махсусияти худро дорад, бар ояд.

Барои дар амал татбиқ гардондани орзуву омоли хеш, ки инсонро ба комёбӣ метавонад расонад, одамон бояд аз арзишҳои маънавиву маърифатӣ ва аносире, ки сабабгори хисоли ӯ буда метавонанд, монади саховатмандӣ, шуҷоат, некӯманишӣ, олиҳимматӣ, софдиливу хоксорӣ, инсондӯстӣ, некахлоқӣ,

покдомонӣ, накӯкорӣ, таҳаммул, адолатпешагӣ, тараҳҳум ва нармдилӣ, шинохти маърифати тавҳид ва якдилӣ ва сулҳу субот бархурдор бошанд ва чунин сифоти ахлоқиро ба дигарон низ талқин ва тарғиб намуда тавонанд.

Ибни Сино аз зумраи он мутафаккиронест, ки тамоми чунин сифатҳо, аз ҷумлаи дороиву саховатмандиву хасисиву хоксориву фурӯтаниро ҳанӯз интиҳои аъмоли шахс намешуморад, балки чунин мешуморад, ки танҳо сифатҳои хуб дар мавриди худ метавонанд ҳамчун падидаҳои марказии ташаккули хулқи инсон чандин сифати дигарро ба сӯи худ моил гардонанд ва онҳоро дар хулқи инсон ба тавре шакл диҳанд. Чунон ки инсони хирадманд метавонад, ки ҳамчун намунаи ибрати хосу ом бо рафтору кирдору гуфтори писандидаи хеш дар ҳар инсони бадманиш ва кутоҳақлу кундзеҳн таъсиргузор бошад ва онро ба роҳи рост ва худшиносӣ ҳидоят намояд.

Ибни Сино тамоми чунин андешаҳоро мутобиқи мушоҳидаҳои хеш дар миёни мардум, бо дарназардошти сифатҳои ахлоқии башарият баҳогузорӣ мекард ва аз ин лиҳоз ҳамеша ба ҷомеа ва дар байни одамон мушоҳидакор буданро тарғиб менамуд. Зеро чунин тарзи иқдомотро роҳи расидан ба камоли инсонӣ, мақсади асосии мавҷудият ва бақои одамият мешумурд. Ба ақидаи ӯ чунин тарзи иқдомот бештар ба худшиносӣ ва виҷдони инсон далолат мекунад.

Бо назардошти ин ақида бояд қайд кард, ки виҷдон дар натиҷаи дарки масъулияти маънавии шахс дар назди дигарон ва ҷамъият аз софии хеш далолат медиҳад ва ҳамзамон метавонад ин хусусияти олии хулқи инсон робитаи ӯро бо дарёфти адолат дар миёни аҳли ҷамъият ифода намояд. Аз ин ҷост, ки нишонаи баланди олиҳимматӣ ва адолатхоҳиро ба виҷдон иртибот медиҳанд.

Инсони комил, бешубҳа, дар аъмоли худ бештар ба адолат рӯйи меорад, ки ба ин тавассут метавонад виҷдони худро низ ба намо бигзорад. Комёбӣ бар адолат ва рафъи беадолатӣ нишонаҳои зуҳури покии виҷдон ба шумор мераванд, зеро одам ба хатогиҳои содиркардаи хеш дар назди виҷдони худ иқрор мешавад ва барои такрор накардани ин хатогиҳо метавонад мубориза барад.

Ақидаи Ибни Сино дар бораи дӯстӣ низ ҷолиби буда, ба таҳлил мӯҷиби як навъи эҳсосоти махсуси инсон аст, ки ба воситаи он одамон манфиат, орзуву омол, иззату эҳтиром ва қадру манзалати ҳамдигарро баҳогузорӣ мекунанд.

Аҳамияти дӯстӣ ва волоияти чунин ақидаро мо дар асари "Ҳай ибни Яқзон"-и Ибни Сино, ки муҳим будани онро дар ҳаёти инсон таъкид намудааст, борҳо дучор меоем ва ба хулосае мерасем, ки маҳз ҳамин дӯстӣ ва садоқат бар он аст, ки инсонро саодатманд мегардонад. Зеро асоси дӯстиро мақсадҳои нек ва муносибатҳои самимиву садоқати инсонҳо замина мегузоранд ва хосу ом дар натиҷаи дӯстӣ худро хушбахту некӯрӯзгор дармеёбанд. Бо пайгирӣ аз ин таълимоти маърифатгаро, аз ҷумла, Саъдии Шерозӣ дӯстӣ ва накӯкориро беҳтарин сифати инсонӣ дониста, дар аксари маврид ин мавзӯъро зеби осори хеш гардондааст. Мутобиқи таълимоти ӯ ҳар як инсони саодатманд ва маърифатнок бояд дорои кирдори хубу нек бошад ва бо чунин тарзи рафтору кирдори худ хештанро хулқ орояд ва аз одамони нохалаф дурӣ ҷуста, аз озори заҳматкашон бипарҳезад. Аз назаргоҳи ӯ бартарӣ ва одамгарии ҳар як фард иборат аз он аст, ки нисбати corафтодагону бечорагон меҳрубон ва онҳоро мададгор бошад.

Саъдӣ дӯстию рафоқатро сутуда, инсонро даъват намудааст, ки дар зиндагӣ бо якдигар мӯнису ғамхор бошанд, қадри якдигарро донанд ва дар рӯзҳои сахт якдигарро дастгирӣ намоянд:

Дӯст машмор он, ки дар неъмат занад,
Лофи ёриву бародархондагӣ.
Дӯст он бошад, ки гирад дасти дӯст,
Дар парешонҳоливу дармондагӣ [201, с.189].

Дар ин радиф Ҳофизи Шерозӣ низ бо бардошт аз ин маърифат вобаста ба дӯстиву ҳамгироии инсонҳо ба ҳамдигар дар осори гаронбаҳои хеш фармуда буд, ки:

Дарахти дӯстӣ биншон, ки коми дил ба бор орад,
Ниҳоли душманӣ баркан, ки ранҷи бешумор орад [201, 69]!

Дӯсти ҳақиқӣ аз назаргоҳи Ибни Сино бояд беғараз ва соҳиби иродаи қавӣ бошад ва дӯстии ҳақиқӣ низ дар ҳамин тавозун бояд беолоиш ва софу мубарро бошад.

Арасту дӯстиро бо ишқ дар иртиботи шадид мешуморад. Ибни Сино низ дар пайгирии ин назари файласуфона ва ирфонии Арасту ба хулосае мерасад, ки дӯстӣ – ин муҳаббати самимӣ ба ҳама ва дар ҳар кори хайрест, ки ба тавассути дӯстии дигарон ба амал меояд ва садоқату якдилӣ, муҳаббати самимят ва висоли одамонро ба бор меорад.

Аммо чунон ки аз дидгоҳи аксарияти орифон ва равандагони тариқаи тасаввуф бармеояд, дӯстӣ ишқу самимияту муҳаббату садоқатест, ки дар амри висол ва иттисол бо Худо ба вуҷуд меояд ва дар амри дигар манбаи дӯстии одамон бо Офаридгор ба шумор меравад.

Назариёт ва ақидаҳои Ибни Сино дар мавриди дӯстӣ ва ишқу муҳаббат бо муқоиса ба дастовардҳои таълимоти илмии имрӯза хеле аҳамиятнок, муҳим ва зарур мебошанд, ки дар оянда низ қимат ва арзиши худро гум нахоҳанд кард.

Педагогикаи халқӣ, ки хеле пеш аз пайдошавии педагогикаи расмӣ ба вуҷуд омадааст, таҷрибаи чандинасраи тарбиявии халқро аз худ карда, ба тарбияи ҳамаҷонибаи рӯҳ ва тани одам нигаронида шудааст, бинобар ин, дарки мазмуни марҳилаи кунунии рушди педагогикаи ватанӣ, гуманизатсияи он, чи хеле, ки мо мепиндорем, бидуни рӯ овардан ба асли худ, омӯзиши сарвати фарҳанги педагогӣ, ки дар осори мардумӣ, шифоҳӣ, мусиқӣ, ҳунарҳои мардумӣ қарор дорад, ганҷинаҳои халқро таъмин мекунад. Омӯзиши педагогикаи халқӣ роҳи азнавташаккули манзараи объективии инкишофи идеалҳои халқӣ ва аҳкоми ахлоқии миллат мебошад.

Ибни Мисквайҳ низ монанди Ибни Сино вобаста ба ҳамин боб оид ба василаи хӯроки кӯдак дар китоби “Тазҳиб-ул-ахлоқ” низ андешаҳои худро баён карда, фармудааст: “Тарбияи кӯдакро пеш аз ҳама аз одоби хӯрокхӯрӣ сар кардан лозим аст. Аввалан, бояд бо кӯдак фаҳмонд, ки хурок на барои лаззат, ҳаловат вуҷуд дорад, балки барои сиҳатии тан лозим аст. Хӯрокро барои он истеъмол мекунанд, ки бо ёрии он ҷисм солимӣ ёбад, барои ҳаёт ғизои зарурӣ

бошад, монанди даво аз гуруснагӣ ва дард шифо бахшад, мисли он ки доруро на барои лаззат ва кайфият истифода мебаранд, балки барои шифо ёфтан, тани носолимро солим гардонидан истеъмол мекунанд".

Ҳамин тариқ, Ибни Сино дар ҳаёти кӯдак аҳамияти калон доштани хӯрокро қайд карда, тартибу низоми истеъмоли онро нишон дода, аз хӯрдӣ ба кӯдакон риоя намудани реҷаи онро онро тавсия намудааст.

Масъалаи дигар ва бисёр муҳим аз назариёти Ибни Сино марбут ба тарбияи ҷисмонии кӯдакон мебошад, ки мақсад аз пешниҳодоти ӯ ҷисми кӯдакро аз хурдсолӣ обутоб додан, ба ҳар гуна шароит тобовар кунонидан иборат мебошад. Мутобиқи таълимоти ӯ пиёдагардӣ, ҳаракату машқ, давидан ва ба корҳои ҷисмонӣ вобаста ба синну сол одат кунонидани кӯдак ҳаргиз аз аҳамият холӣ нахоҳад буд, то сустиву танбалӣ ба вай ғалаба накунад ва руҳу тавони ӯ солим гардонда шавад. Тарбияи ҷисмонӣ барои кӯдакон муфид буда, аз ҳар ҷиҳат ҷисми онҳоро обутобёфтаву зебо ва ақли онҳоро комил мегардонад. Ӯ аз ҷумла, дар ташаккул ва инкишофи ҷисмониву руҳонии кӯдакон таъсири муҳитро низ аз аҳамият саршор медид ва таъсири онро муҳимтарин омили инкишофу такомули одам меҳисобид. Мутобиқи назариёти ӯ тафаккур ва фазоили ахлоқии инсон худ аз худ пайдо намешавад, балки дар шароиту муҳити хуб, дар муносибатҳои одилонаи миёни одамон бештар ва пештар ба вуҷуд меояд. Бо баррасӣ ба масоили баёншуда ва ақидаҳои тарбиявӣ ва таълимии ӯ, аҳли илму адаб Абубукр Муҳаммад Ибни Синоро чун файласуф ва адиби бузург мешиносанд ва қадр мекунанд ва бо дарназардошти гироишҳояш ба ақидаҳои Арасту ва Ибни Сино дар заминаи тафаккурронии ҳояш, ӯро ба яке аз бузургтарин намояндагони фалсафаи «машшоияи шарқӣ» низ маҳсуб медонанд. Ӯ на танҳо дар боби ирфон ва фалсафа, инчунин роҷеъ ба масоили марбут ба таълимоти ҷамъият, ахлоқ ва маърифатгароӣ як қатор асарҳои нодир таълиф намудааст, ки ин осори пурбаҳо то имрӯз аз қадру қимати воло бархурдор мебошанд ва дар макотибу донишкадаву донишгоҳҳои мухталиф мавриди истифодаи умум қарор дода мешаванд.

Ҳамзамон дар иртибот бо мавзуъ бояд афзуд, ки таълиму тарбия баробари пайдоиши ҷамъияти башарӣ пайдо шуда, дар тамоми марҳалаҳои инкишофи иҷтимоӣ арзи вуҷуд мекунад.

Ҳамин тавр, фаъолияти тарбиявӣ ҳамчун дигар падидаҳои ҷамъиятӣ, амсоли маҳфилҳову тадрис дар макотиб ва дигар мақомоти таълимӣ, мутобиқ ба шароиту хусусиятҳои таърихии ҳар давру замон мунтазам такомул ёфта, то даврони мо дар шакли мукаммалтару бозтобёфта ва сирфан бо намунаҳои муосир омада расида аст. Чунон ки ин тавсиф дар мавриди донишандӯзӣ бо як байти даъватии асрҳо пеш гуфтаи сардафатри адабиёти классикии тоҷик Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ (858 - 941) барои омӯхтани саводу дониш мисол шуда метавонад:

Дониш андар дил чароғи равшан аст,
В-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст [1, 39].

Айни чунин даъватро дар «Шоҳнома»-и безаволи Абулқосими Фирдавсӣ низ дучор меоем, ки моломоли андарзу ҳикмат буда, хонандаро ба донишомӯзӣ ҳидоят мекунад ва манфиати донишро барои тавонмандии пиру ҷавон муфид мешуморад:

Тавоно бувад, ҳаркӣ доно бувад,
Ба дониш дили пир барно бувад [170, с.33].

Анъанаҳои фарҳангии мардумӣ бо дониши нозуки психологияи инсон ва психологияи синнусолӣ асос ёфтааст, ки равиянокии қатъии синнусолии фолклор, инчунин, мавҷудияти густурдаи расму оинҳои пештарро тасдиқ мекунад.

Педагогикаи халқӣ барои ҳар як кӯдак ва калонсол муоширати бароҳатро фароҳам меорад. Афсонаҳои халқиро гӯш кунед кӣ ҳақ ва кӣ ноҳақ аст, дар ин ҷо ташвиқи ақли солим, поя҃ҳои солими ахлоқ, бо қаноати андак ба ниёзҳо ҳамчун гарави хушбахтӣ ва оромиши рӯҳ маълум мешавад. Дӯстӣ, ҳамкорӣ ва тиҷорат карданро омӯзед, садоқатро қадр кунед, муваффақият насиби шумо хоҳад гашт. Анъанаҳои тарбиявии халқӣ на бо назария ва далелҳои илмӣ, балки ба корҳои мантиқӣ, амалҳо, ибрати шахсӣ, хулосаҳои

тайёр, таҷрибаи ҳазорсолаи сайқалёфта ва аз ҷониби ҳар як ҳамватан ба тарзи нав фаҳмидани намудҳои тайёри пешниҳодшуда нигоҳ дошта мешаванд.

Бояд гуфт, ки классикони адабиёти форс-тоҷик ҳамеша ҷамъияти адолатпаноҳу беистисморро орзу мекарданд ва билохира итминон доштанд, ки оқибат дар ҷомеа ақлу хиради инсон ва адолат тантана мекунад ва таъсири ақидаҳои маорифпарварон ва мутафаккирони моро ҳамчун дастовардҳои мактаби таҷриба ба оламиён муаррифӣ мекунанд. Аз ҷумла метавон гуфт, ки дар радифи Абӯабдуллоҳи Рӯдакиву Абӯалӣ ибни Сино, ба баъдҳо ҳазорон тани ориф оид ба тамоми намудҳои тарбия фикрҳои муфид баён кардаанд, ки имрӯз осори гаронбаҳои онҳоро метавон сармашқи кору афкори илми педагогика маҳсуб донист. Аз онҳо фақат чанд лаҳзаи марбутро, бахусус дар доираи маърифатпарварӣ ва мансубияти афкорашон ба илми таълимии педагогика зикр кардан кифоя аст, ки бо гуфтаҳои боло ҳамоҳангӣ доранд. Чунончи барои мисол:

1. Ибни Сино тарафдори таълими тафриқа буд. Дар рисолаи “Тадбири манозил” навиштааст: “Устод... бояд бидонад, кӣ наметавонад ба ҳар шогирд ҳар санъатеро таъмин кунад, балки ҳар кадом аз шогирдон завқу шоистагии омӯхтан ва фаро гирифтании саноати махсусро доранд. Бояд ба ҳар кас муносиби завқу истеъдодаш саноат омӯхт, вагарна таълиму тарбия натиҷаи номатлуб медиҳад” [5, с.25].

2. Ибни Сино маданияти баланди инсонӣ ва маърифати шоистаи педагогӣ дошт. Ӯ тибқи назарияи таълимии хеш фаъолияти хонандагонро бештар ба мустақилона фикр кардан ташвиқ намуда, тафаккури онҳоро барои мустақилона ҳал намудани масъалаҳо равона мекард. Бо ин равиши кори худ Ибни Сино дар хонандагон донишу малакаҳои мустаҳкаму амиқро ба вуҷуд меовард.

Дар ин миён «Ҳай бини Яқзон»-и Абӯалӣ Ибни Сино, «Офоқ ва анфус»-и мансуб ба Носири Хисрав, «Сайр -ул-ибод ила-л-маод»-и Абдулмаҷди Санойӣ, «Мирсод -ул ибод…»-и Наҷмуддини Розӣ, «Мисбоҳ-ул-арвоҳ»-и Авҳадуддини Кирмонӣ, «Кимиёи саъодат»-и Муҳаммади Ғазолӣ, инчунин даҳҳо асари

маъорифпарваронаи баъдӣ, ки дар онҳо нафси оқила муаллифонро ба сайри олами руҳонӣ мебарад, бешубҳа, дар зери таъсири фарҳанги дин, бо мақсади таълиму тарбияи худшиносӣ бар камол ва худошиносии инсон ба бор омадаанд ва рисолаи «Ҳай ибни Яқзон»-и Ибни Сино низ бо баррасии масоили таълиму тарбия дар ин замина таълиф ёфтааст.

Бунёди раванди таълимӣ мактабӣ ва олиро бояд принсипҳои инсонпарваронаи педагогӣ ташкил намоянд:

-принсипи эътирофи арзишҳои шахсият, ки аз эътирофи арзишҳои ботинии ҳар як донишҷӯ новобста аз он нақше, ки иҷро мекунад, мавқее, ки ишғол кардааст, ақидаҳое, ки ӯ тарафдорӣ мекунад; дар эътирофи афзалияти арзишҳои умумибашарӣ нисбат ба муносибат ба манфиатҳои ин ё он ҷомеа ё давлат иборат мегардад;

-принсипи нотакрорӣ (баназирӣ)-и шахсият аз эътирофи беҳамтоӣ, фардият ҳар як хонанда, қобилияти вай ва таносубан дар тасдиқи зарурияти ташкили раванди таълимӣ-тарбиявӣ, ки рӯ ба инкишофи ниҳоят калони фардияти мазкур дорад; ин принсип фардияти бештари раванди таълимӣ-тарбиявӣ нигаронида шуда, татбиқи онҳо дар нақшаҳо ва барномаҳои муносиб инъикос ёфтааст, ки ба ҳар як хонанда мувофиқат мекунад;

-принсипи афзалиятӣ, инкишофи шахсият ки аз баррасии инкишофи шахсии донишҷӯ ҳамчун банди пешбарандаи раванди таълимӣи мактаб ё донишгоҳ иборат аст, бо чунин муносибат таълим танҳо чун воситаи рушди шахсият амал мекунад, на ҳамчун ҳадафи мустақил (дар низоми анъанавии таълиму тарбия маҳз ба раванди азхудкунии дониш, маҳорат ва малакаҳо, ки дар ниҳоят аз самаранокии фаъолияти педагогӣ хабар медод;

-принсипи субъективии ҷараёни таълимӣ-тарбиявӣ, якум таваҷҷуҳ ба мотиватсияҳои дохилӣ (баҳо, ҳавасмандгардонӣ, канорагирӣ оиди ҷазо), таълимӣ дуюм интихоби озоди хонандагон қувваҳои муд дар соҳаи ташкили ҷараёни таълимӣ ва кули фаъолияти зиндагӣ;

-принсипи тамоюли эҳсосӣ-арзишмандии раванди таълимӣ-тарбиявӣ ягонагии эҳсос ва тафаккурро дар раванди педагогӣ пешбинӣ мекунад. Ин ҳам

ба нигоҳ доштани системаи махсуси муносибатҳо ва ҳам ба таҳияи хоси нақшаҳо ва барномаҳои таълимӣ, ки дар бештар муттаҳид намудани дониши хонандагон аз ҷиҳати эҳсосии пури доир ба манзараҳои олам нигаронида шудааст, фаҳмида мешавад.

Раванди педагогии дар зимни ин принсипҳо асосёфта бояд тамоми хонандагонро (донишҷӯён)-ро фаро гирад ва онҳоро ҳамон хеле ҳастанд, ҳамон хел қабул кунанд ва барои «аз худашон барпо» кардани одами озод, инкишофёфта ва бомаълумот ёрӣ расонад. Дар баробари ин, раванди таълимӣ дар мактаб ва муассисаҳои олӣ, ки бо мазмуни этикӣ фаро гирифтааст ба рушди муносиб ва ғании ҳар як фард-инсони фарҳанг имкон фароҳам меорад [14,с.7].

Ба ақидаи Ибни Сино, инсон олитарин падидаи олами мавҷуд ва халқкардаи боақли Худованд аст. Аз ин рӯ, ӯ бояд ҳамчун махлуқи мутаақил пайваста ба некиву накӯкорӣ ва хушахлоқӣ бикӯшад, то ин ки аз худ кору номи неке боқӣ гузорад, ки ба фоидаи ҷомеа ва инсон бошад ва худои ӯ аз ӯ ризо бошад. Ӯ таъкид мекунад, ки мақсади зиндагии инсон мисли афъоли нописанди абнои замон танҳо овораи нафс будан ё хӯрдану шикам боло кардан, варзидани бухлу ҳасад ва кину адоват набуда, балки ошомидани таом баҳри зиндагист, ки аз он инсон қувват ёфта, корҳои некӯ, писандида ва судбахшеро ба субут расонад. Вале дар ин замина покиву сафо ва худопарастии ӯ низ ба зарурати тарбиявии ӯ дахл дорад, то ки бо ибодату покии хеш намунаи ибрат бошад ва аз ин лиҳоз чун дигар мутафаккирон фарҳанги динро яке аз василаҳо ва усулҳои тарбия маънидод мекард. Чунон ки қайд мекунад, инсон ҳам офаридаи Парвардгор аст. Барои ҳамин Худо ҳарчӣ ки хоҳад бо одам мекунад. Яъне метавонад ӯро хушбахт ё бадбахт, сарватманд ё камбизоат, тансиҳат ё касалманд, заиф ё тавоно офарад. Аммо комёбӣ дар натиҷаи заковату кордонии дилхоҳи ӯ ба даст меояд. Ин ақидаро Ибни Сино дар “Ҳай ибни Яқзон» низ баён намуда, ҳама рушду тарбияи ахлоқиву маънавӣ ва нумуи одамро бо ақлу хиради инсон вобаста карда, ҳосили онро эҳдои ризои Худои якто медонад.

Якеро барориву шоҳӣ диҳӣ,
Якеро ба дарё ба моҳӣ диҳӣ.

На бар он-т меҳру на бар ин-т кин,

Ки беҳ з-он туӣ, эй ҷаҳонофарин.

Ҷаҳонро баландиву пастӣ тӯӣ,

Надонам чиӣ, ҳарчи ҳастӣ, туӣ [32, 203].

Саъдӣ тарбияи насли наврасро асосан вазифаи оила, махсусан падару модар ҳисоб карда, гуфта буд, ки агар падару модар хоҳад, ки аз худ номи нек боқӣ гузорад, бояд ҳарчӣ бештар ба тарбияи фарзандон машғул шавад. Аммо дар амри дигар, агар фарзанд асилзода бошад, ӯро дар овони хурдӣ аз назари тарбият набояд дур гузошт, зеро оҳанеро мемонад, ки ба баъдҳо дар ӯ сайқал оростан душвор аст:

Чун бувад асли гавҳари қобил,

Тарбиятро дар ӯ асар бошад.

Ҳеч сайқал дар ӯ наёрад кард,

Оҳанеро, ки бадгуҳар бошад [155, 123].

Ҳаким Умари Хайём (1040 – 1122) низ аз зумраи мутафаккиронест, ки бо як ҳиссиёти баланди инсондӯстӣ азизу муҳтарам доштани шахсро тараннум намуда, ҳурмату эҳтироми инсонро матлаби асосӣ маҳсуб дониста, дунёро ба ангуштарин ва инсонро ба нигин ташбеҳ дода, онро боиси ороишу фаҳмиши дунё ва мавҷудот медонад:

Мақсуд зи ҷумла офариниш моем,

Дар чашми хирад гавҳари биниш моем.

Ин доираи ҷаҳон чу ангуштарист,

Бе ҳеҷ шаке, нақши нигинаш моем [177, 335].

Бо ҳамназарӣ ба ин ақидаи Умари Хайём, Ибни Сино аҳаммияти махсус медод. Ӯ муҳитро тарбиятгари асосӣ, таъсири онро муҳимтарин омили инкишофу такомули одам медонад. Ба андешаи Ибни Сино муҳити ҷамъиятӣ ва муносибати байни одамон дар такомули имону маънавиёти ӯ омили ҳалкунанда аст ва нақши барозанда дорад.

Аз дидгоҳи ин мутафаккирони бузург фазилатҳои ахлоқии инсон худ аз худ пайдо намешаванд, балки дар шароиту муҳити мусоид ва бештар дар

муносибатҳои одилонаи одамон ба вуҷуд меоянд. Агар муҳити мусоид ва вазъияти солими ахлоқии инсон муҳайё бошад, он ба таълиму тарбияи шахс таъсири хуб мерасонад.

Мутобиқи ақидаи Ибни Сино, одамон табиатан бо хулқи худ зишту хуб намешванд, балки фақат дар натиҷаи таъсири муҳит, омӯзгор ва парвариш метавонанд дорои хисоли хуб ё зишт гарданд.

Мутафаккирони халқдӯсту халқпарвар хушбахтӣ ва озодии инсонро талқин намуда, тарафдори сохтани ҷаҳони нав, ҷаҳоне буд, ки барои инсон бахту саодат фароҳам намуда, онро барои ноил шудан ба камоли шахсият ва бе мушкилоти зиёд расидан ба мақсади худ комёб гардонад.

Суду зиёни хешро бишносад ва тавонад, ки зиндагиро ба ҳақиқат қадр намояд. Ин ҷо муносиб аст, ки барои мисол дар ҳамбастагиҳои назарии Ибни Сино бо муқоиса боз ҳам барои далел ба рубоии зерини Хайём рӯ биорем:

Аз омадану рафтани мо суде ку?
В-аз тори вуҷуди умри мо пуде ку?
Дар хирмани чарх ҷони чандин покон,
Ин оташи чарх чашми покони ҷаҳон,
Месӯзаду хок мешавад, дуде ку [177, 375]?

Рӯдакӣ хилофи ақидаҳои пастфитрии замони худ баромада, дар ташаккулёбии инсон нақши муҳити атроф ва тарбияро муҳим шумоpидааст. Дар ин росто ақидаҳои Ибни Сино низ дар бораи таъсири муҳит бо Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ созгоранд, чунон ки ӯ ба масъалаи таъсири муҳити атроф аҳамияти махсус дода, онро сарчашмаи тарбия ва муҳимтарин омили инкишофи ҳар як инсон мешуморад.

Ҳамин тавр, таъсири муҳит ва хусусан тарбия дар инкишоф ва ташаккулёбии шахсият ва аломатҳои инфиродии омилҳои ирсияти инсон муассир мебошанд.

Хусусияти хоси тарбия нисбати дигар омилҳои инкишофи шахсият дар он аст, ки тарбиятдиҳанда бошуурона мақсади муайян мегузорад ва барои ноил

шудан ба он саъю кӯшиш намуда, воситаҳои амалӣ гардонидани мақсадро пайдо мекунад.

Мафҳум ва мазмуни тарбия хеле васеъ мебошад. Муҳимтарин қисмҳои тарбия аз; – тарбияи меҳнатӣ, маънавӣ, сиёсӣ, ахлоқӣ, эстетикӣ, ҳуқуқӣ, башардӯстӣ ва ғайра иборатанд, ки дар байни онҳо тарбияи ахлоқӣ мавқеи намоён дорад. Зарурияти тарбияи ахлоқӣ аз он сабаб ба миён меояд, ки бояд шаҳрвандон дорои хулқу атвори нек бошанд, нормаҳо ва низоми муайяни ҷомеа, фалсафаи идоракунии давлату давлатдорӣ ва мамлакатро донанд [84, 85].

Ибни Сино сифатҳои аслии инсониятро хеле самимона ва бо тамоми нозукиҳояш таҳия намуда, зикр кардааст, ки агар инсон ба чаҳор сифати азалии хеш хуб таваҷҷуҳ дошта бошад, метавонад бо дарку эҳсоси амиқ роҳи ташаккули шахсии худро муайян намояд. Дониш, маданият, накӯкорӣ, ҷасорат, адолатмандӣ яке аз инҳо нисбати дигарҳояш афзунӣ пайдо мекунад ва ҳар кадоме ғолиб ояд, шахсро бо ҳамин сифаташ мешиносанд ва ном мебаранд.

Ибни Сино дар осори хеш қайд мекунад, ки одамон бо ҳамдигар мисли донаҳои анор дар як парда якҷоя умр ба сар бурда метавонанд, вале агар дар миёни онҳо ихтилофе ё нуқсоне пайдо шавад, онҳоро пароканда мекунад. Аз ин лиҳоз такия мекунад, ки некӣ кун, то ки номи туро ба некӣ ба забон оранд.

Абулқосим Фирдавсӣ ба тарбия ва рушди дигар хислату сифатҳои шахсият низ ақидаи хос дорад ва ба масъалаи тарбияи инсон ба таври ҳамаҷониба ва умумӣ менигарад. Аз ҷумла, ба ташаккули ҳиссиётҳои олии маънавии ватандӯстӣ, башардӯстӣ, покиву ростӣ, инкишофи ақлу хирад ва зебопарастии инсон назари хос дорад. Ба андешаи ӯ, ростӣ ва ҳақиқатҷӯӣ беҳтарин сифатҳои маънавии инсонанд, ки заволнаёбанда ва нури онҳо кам нашаванда аст. Ҳақ ба ҷониби эшон аст, ки ростиро душмани дурӯғу каззобӣ ва ба амал оварандаи адлу инсоф номидааст:

Ба гетӣ беҳ аз ростӣ пеша нест,<br>
Зи каҷӣ бадтар ҳеҷ андеша нест [41, с.21].

Дар ақидаҳои педагогии Фирдавсӣ масъалаҳои некӣ, накӯкорӣ, далерӣ, маърифатпарварӣ, инсондӯстӣ ва дигар сифатҳои ахлоқии инсон ҷои муҳимро ишғол менамояд. Ба ақидаи ӯ ҳар як шахс дар зиндагӣ бояд некӣ ва накукориро пешаи худ намуда, дар байни халқу ҷамъият аз худ номи нек боқӣ гузорад ӯ насли наврасро барои аз бар намудани беҳтарин сифатҳои инсонӣ даъват намуда гуфта буд, ки умри бадӣ кӯтоҳ аст, андеша бояд кард. Дар ин боб гуфтааст:

Биё, то ҷаҳонро ба бад наспарем,

Ба кӯшиш ҳама дасти некӣ барем [29, с.122].

Вале мутафаккирони бузург некиро на ба ҳама касон, балки ба онҳое раво мешуморад, ки ба мардум, ба ҷамъият некӣ ва накӯкорӣ карда тавониста бошанд. Нисбати касоне, ки бадкору бадрафторанд, сазои бад доданро адолат мешуморад. Хусусан нисбат ба аҳли меҳнат ва дармондагону фақирон ва дарвешону раият некӣ карданро Фирдавсӣ беҳтарин хислати инсонӣ шуморида ва мегӯяд:

Ту дарвешро ранҷ манмой ҳеҷ,

Ҳаме дод деҳу ба додан бисеҷ [36, с.138].

Садриддин Айнӣ (1878 – 1954) дар ҳаёти инсон мавқеи тарбияро басо муҳим арзёбӣ карда, қишрҳои гуногуни ҷомеаро ба тарбияи бонизом ва фарогири насли наврас ҳидоят менамояд ва умуман тарбияи фаъолонаи атвори ҷавонон асосии методологии ақидаҳои омӯзгории нависанда ба шумор меравconfigurations [199, с.116].

Асоси хушбахтии насли наврас ҳам аз назари таълиму тарбия, дар зимни меҳнатқаринӣ ва саховатпешагӣ бештар боровар мебошанд. Дар фасли “Бачаи боақл”-и “Таҳзиб-ус-сибён” омадааст: “Ба бачаи боақл падару модараш ҳар таом диҳанд, мехӯрад ва ҳар либос диҳанд, мепӯшад. Зиёда талаб намекунад. Ба чизи касе ҳавасаш намеравад... чашмсер ва назарбаланд мебошад”.

Ҳар кас ки назарбаланд бошад,

Фархундаву арҷманд бошад...

Хоҳӣ, ки шавӣ азиз, эй ҷон,

Бахшоюю бидеҳ, магиру мастон [27, с.17].

Назарбаландӣ, ба маънои қаноатпешагӣ ва саховатмандӣ, яке аз рукнҳои муҳимми ахлоқи ҳамида ба ҳисоб рафта, ба таълиму тарбияи насли наврас иртиботи комил дорад ва устод Айнӣ ин мафҳумро ба мафҳуми булҳавасӣ муқобил гузошта, бо ҳамин дар тарбияи фарзанд эҳтиёткор будани падару модарро таъкид мекунад. Холидаи шашсола (аз китоби "Духтарбача ё ки Холида") фарзанди ягонаи хонадон буд. Ин аст, ки ҳар хоҳиши ӯ аз тарафи волидайн зуд ва барзиёд ба ҷо оварда мешуд, ба дараҷае ки Холида пойбанди ҳавову ҳавас гардид: "Холида қабат-қабат либосҳо пӯшида, нигину гӯшвораҳо овехта, худро меорост, духтарони дигарро назараш намегирифт. Зеро ӯ қадру қимати одамонро дар либос медид" [26, с.20].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маъсалаҳои тарбияи идеявию сиёсӣ, шуурнокӣ, маданияти сиёсӣ, бо азму иродаи қавӣ бо сохтори ҷомеаи демократӣ, тайёр намудани одамони обутобёфта, аҳамияати калон дода мешавад. Дар кори тарбияи ҷавонон дар рӯҳи худшиносии миллӣ нақш ва мавқеи мактаби миёнаи таҳсилоти ҳамагонӣ бағоят муҳим аст.

Имрӯз масъалаи асосӣ ин аст, ки сифати таълиму тарбия махсусан тарбияи меҳнатӣ, ахлоқӣ, камолоти, идеявӣ, шуурнокӣ ва маданияти сиёсӣ боло бардошта шавад, дар ҷавонон ташкули ифтихори миллӣ, худшиносӣ, ҷаҳонбиню ҷаҳонфаҳмӣ аҳмияти хеле калон пайдо мекунад. Ҷараёни таълиму тарбия дар мактаб талаб менамояд, ки расмиятчигиро дар баҳодиҳӣ ба натиҷаҳои меҳнати омӯзгор ва талабагон барҳам дода, алоқаи таълимро бо ҳаёти имрӯзаи ҷумҳурӣ дар амал мустаҳкам намоем талабагонро бо меҳнат фоидабахши ҷамъияӣ беҳтар тайёр кунем. Дар ин соҳа, албатта муаллим нақшаи ҳалкунанда мебозад [84, с.101].

Дар илми педагогикаи муосир се вазифаи бо ҳам таъсиррасон барои тарбиятдиҳандагону тарбиятгирандагон муайян гардидааст: тараққидиҳӣ, ташкилотчигӣ ва ҳам ташаккулдиҳӣ. Моҳияти тарбиятдиҳӣ ва тарбиятгириро нисбати коллективу шахсони алоҳида, ташаккулдиҳӣ дар амал татбиқ намуда, бо ин роҳ мақсади тарбияро муайян мекунад.

Моҳияти вазифаи тараққидиҳиро дар рафти боҳамтаъсиррасонии тарафайни тарбиятдиҳанда ва тарбиятгиранда, тараққӣ додани шахсияти хонанда ташкил медиҳад.

Агар таърихи назарияи тарбияро варақгардон кунем, хоҳем дид, ки ақидаҳои гуногун доир ба тарбия мавҷуданд. Як қисми назарияҳо бо мурури замон кӯҳна шуда аз байн мерафтанд ва назарияҳо бар таълимоти нав ба вуҷуд меомаданд.

Ҷараёни тарбия ба худ хусусиятҳои хос дорад. Яке аз ин хусусиятҳо он аст, ки тарбия ҷараёни ниҳоят мураккабу диалектикӣ мебошад. Мураккабии ҷараёни тарбия пеш аз ҳама дар он ифода меёбад, ки вай бояд ташаккулёбии ҳамаи сифатҳои шахсии хонандагонро, аз он ҷумла ташаккулёбии рӯҳӣ, фикрӣ, шуур, ҷаҳонбинӣ, сифатҳои ахлоқӣ ва тараққиёти эстетикию ҷисмонии онҳоро таъмин намояд.

Асосҳои ҷараёни тарбия, манбаи асосии ташаккулёбии сифатҳои инсон дар аҳамияти ҷамъиятӣ доштани ташаккули шахсият ва муносибати он ба фаъолият рӯнамо мегардад. Агар фаъолияти аҳамияти ҷамъиятӣ доштаи тарбиягирандагон ҳар чи қадар бомақсадона ташкил карда шавад, муносибати онҳо ҳар чи қадар бофикрона ба роҳ монда шавад, ҷараёни тарбия ҳамон қадар самаранок мегардад. Чунин аст қонунияти дигари ҷараёни тарбия.

Тарбия шахсиятро тағйир медиҳад, зеро ки вай дар хонанда афкор, ҳиссиёт ва талаботҳои наверо ба вуҷуд меорад, ки онҳо барои содир гардидани рафтори муайян сабаб мешаванд. Аз ин ҷо чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки дар ҷараёни тарбия ташаккул додани шуури хонандагон масъалаи хело зарур ҳисобида мешавад, агар дар ӯ рафтору одоб парвариш карда шавад. Чи тавре ки В.А.Сластёнин менависад: “Такмил ва тараққиёти ҳар як аз ин сифатҳо барои шахсияти хонанда тарзи мувофиқи таъсиррасонии педагогиро талаб мекунад” [123, 320].

Дар адабиёти педагогии солҳои пеш нисбати раванди тарбия чунин тавсия паҳн шуда буд, ки ин ҳам аз ба таври муташаккилона, мақсаднок роҳбарӣ кардан ба тарбияи мактабиён иборат буд. Сустии муайянкунии

мазкурро мо бе душворӣ ин ҷо метавонем ба муқоиса гирем, чунон ки муқоиса кардани моҳияти мафҳуми “ҳамкорӣ” ва “роҳбарӣ” аз ҳам фарқ доранд.

Ҳамкорӣ, чӣ тавре ки ба ҳамагон маълум аст, инъкоси мураккаби тарбиятгар ва тарбиятгирандаро ифода намуда, билохира мутобиқ ба нақша корҳои фаъол мебарад, вале роҳбарии онҳоро ҳамчун объекти бефаъолият роҳбарияти педагогӣ пеш мебарад. Дар фаҳмиши ҳозиразамон раванди тарбия маҳз зимни ҳамкории тарбиятгар ва тарбиятгирандагон ба мақсади гузошташуда самараи дилхоҳ медиҳад.

Такия ва рӯ овардан ба меъёру нишондиҳандаҳо, ҳамаи маводҳои ба дастомадаро ҷамъбаст намуда, мо дараҷаи патесиалии омодагии ташаккули фарҳангии ахлокиро санҷида ва ба танзим даровардем:

1. Дараҷаи (баланд) – дарку фаҳми озоди муҳимияти васоиту васоили педагогикаи этникӣ ва имконияти ахлокиро барои кӯдакон ва ҷавонон; ифодаи муассири ташаккул ва рушди маҳоратҳои иттилоотӣ роҷеъ ба масоили этникӣ, ин чунин ба ташкили мустақилонаи фаъолияти маърифатӣ; рӯоварӣ ба ҳамкории субъект – субъекти дар корҳои амалӣ, маҳорати гузаронида тавонистани худтаҳлилкунӣ ва худбаҳодиҳии фаъолияти педагогии худ, талабот ба худинкишофдиҳӣ, худтакимилдиҳӣ ва фаъолияти эҷодӣ.

2. Дараҷаи (миёна) – сатҳи миёна бо талабот ва ҳадафу ангезаҳо нисбат ба тайёру омоданамоии худ ба фаъолияти педагогикаи этникӣ, рӯоварӣ ба истифодаи фаъоли воситаҳо ва васоили лингвистӣ дар фаъолияти педагогӣ, муносибати устувор ба арзишҳои  и минтақаи хатлонзамин; сатҳи кофии намудҳо ва мазмуни имконияти  и забони дар тарбияи насли наврас; маҳорати ташкил ва гузаронидани корҳои таълимӣ ва беруназсинфӣ ба хонандагон дар зимни технологияҳои этнологияи лингвистӣ, ҳамкорӣ бо намояндагони этносҳои мухталиф; маҳорати фаъолана интиқол дода тавонистани арзишҳо чи миллӣ ва чи умумиинсонӣ; ба таври кофӣ ифода намудани сифатҳои рефлексивӣ, қобилияти ибтидоии натиҷаҳои худтаҳлимдиҳии фаъолияти худӣ ва худтаҳлилкунию корҳои эҷодӣ.

3. Дарачаи (паст) – сатҳи пасти зарурати мотивҳои фаъолияти касбӣ; набудани майлу рағбат ба намудҳои тарбияи лингвистӣ ва фарҳанги ҷумҳурӣ ва вилояти Хатлон; муносибати манфӣ нисбат ба фаъолияти педагогӣ, аз он ҷумла нисбати корҳои фарҳанги этникӣ; набудани маҳоратҳои муносиби муошират ва ташкили раванди маърифатии худ, рушди сусти соҳаи иттилоотӣ, аҳён ифода шудан мавқеи фаъоли субъектӣ ва таҳаммулпазири нисбат ба фарҳангу маданияти дигар; нокифояи будани маҳорату қобилият нисбати худтаҳлилнамоӣ ва худбаҳодиҳӣ ва пешгӯии фаъолияти ояндаи хеш.

Ҳамин тариқ, тавсифи сатҳу дарачаи ташаккули фарҳанги и педагогии ахлоқ имкон дод, ки симои ҳар як гурӯҳро муайян намоем.

Ба сатҳи миёна донишҷӯёне шомил шудаанд, ки қисман доир ба фарҳанг ва анъанаҳои халқи худ маълумот доранд; донистани забони модарии онҳо қаноатбахш мебошад, ва майли истифодаи доимиву фаъоли он дар байни ҳамсолон ва оила кам мушоҳида мешавад; то ба охир ба аҳамияту зарурияти таълиму омӯзиши забони миллӣ сарфаҳм нарафтанд; хеле кам дар нутқи худ аз шаклу васоили эҷодиёти доимии халқ истифода мекунанд; зарурату аҳамияти чорабиниҳои фарҳанги ро макотиби олӣ меҳфаҳманд, вале иштироки хешро зарур намешуморанд; онҳо сатҳи таҳамулпазирии миёна ва пастро моликанд, дар муошират бо намояндагони миллатҳои дигар дар тамосу робита ва пасравии на чандон баланд қарор доранд [2,с. 43].

Барои самаранок гаштани ташаккулу омоданамои ахлоқлозим буд, ки шароитҳои педагогии ташаккули ро таҳия ва асоснок намоем. Мафҳуми «шароит» дар «Луғати тафсирии забони русӣ» - С. И. Ожегов чун ҳолате, ки чизе ба он вобаста аст; муҳите, ки дар он чизе рух медиҳад; қоидаҳое, ки дар баъзе соҳаҳои ҳаёт, фаъолият ва ғайра муқаррар шудаанд» [22,с.45 ]. Дар «Фарҳанги энсиклапедии фалсафӣ» мафҳуми «шароит» ҳамчун «он чизе, ки чизи дигар ба он вобаста аст; ҷузъи муҳими маҷмуи ашёҳо (чизҳо, ҳолати онҳо, таъсири мутақобила), ки аз мавҷудияти онҳо ҳатман мавҷудияти падидаи додашуда бармеояд» [12,с.56]. Яъне шароит, категорияи муносибати предмет ба олами атроф аст, ки бе он вуҷуд дошта наметавонад.

Дар педагогика шароитро ҳамчун омилҳо, шароиту маҷмуи тадбирҳо мефаҳмонд, ки самаранокии фаъолияти системаи педагогӣ аз онҳо вобаста аст. Полонский В. М. шароитро маҷмуи тағйирёбандаҳо, таъсири табиӣ, иҷтимоӣ, берунӣ ва ботинӣ муайян мекунад, ки ба инкишофи ҷисмонӣ, ахлоқӣ, равонии инсон, рафтор, тарбия ва таълим ташаккули шахсияти ӯ таъсир мерасонанд [56,с.12].

Омӯзишу таҳлили адабиёти педагогӣ ва баррасиҳои корҳои марбут ба ташкил ва фароҳам овардани шароитҳои педагогӣ дар раванди таълимӣ мактабҳои олӣ нишон доданд, ки олимон онҳоро ба гурӯҳои гуногун ҷудо мекунанд. Ҳадафи онҳо, асосан, ба фаъолият ва инкишоф ба системаи педагогӣ ва ҷиҳати қисмати раванди педагогӣ мусоидат кардан аст: Масалан, аз рӯи доираи таъсир: берунӣ ва дохилӣ; (Ю. К. Бабанский); аз рӯи хусусияти таъсир: объективӣ ва субъективӣ; аз рӯи хусусияти объекти таъсир: хос ва умумӣ ва ғайра ҷудо карда мешаванд.

Дар бораи зарурияти қаблан созмон додани шароитҳо, ки барои рушди сифатҳои муносиби шахсият муҳиманд, ҳануз Л. С. Виготский андеша ронда буд. Дар шароити имрӯза масъалаи мазкур, инъикоси худро дар асарҳои В. И. Андреев, Н. В. Иплогитова, А. Я. Наин, Н. С. Стрехова ва дигарон ёфтааст, ки онҳо аз се мавқеъ ба ин масъала наздик мешаванд.

Мавқеи аввал, ба ақидаи онҳо, он таҳқиқоте дохил мешаванд, ки шароитҳои педагогӣ ин:

– «маҷмуи ягон чораҳои таъсири педагогӣ ва имконияти муҳити моддӣ – маконӣ мебошад» (В. И. Андреев А. Я. Наин ва дигарон);

– маҷмуи чораҳои мазмун, методҳо ва шаклҳои ташкили таълим ва тарбия (В. И. Андреев);

– маҷмуи имконияти объективии мазмун, шакл, методҳо, воситаҳова муҳити моддию маконӣ, ки барои ҳалли вазифаҳои гузошта шуда равона гаштаанд (А. Я. Наин).

Мавқеи дуюмро таҳқиқотчиёне ташкил медиҳанд, ки шароитҳои педагогиро дар робита бо таркибу барпо ёфтани низоми педагогие мебошад, ки

яке аз унсурҳои онҳоро ташкил медиҳанд (Н. В. Ипполитов, И. С. Стрехов ва дигарон):

– «унсури низоми педагогие, ки инъикоскунандаи маҷмуи ботинӣ (таъминкунандаи рушди ҷанбаи шахсии субъекти раванди таълимӣ) ва зоҳирӣ (кумакунандаи амалии ҷанбаи низоми протсесуалӣ) қисмҳои таркибие, ки иҷрои минбаъдаи самараноки онро таъмин мекунад (И. В. Ипполитов);

– Тавсифи маъногии яке аз унсурҳои низоми педагогие, ки ба сифати он мазмун шаклҳои ташкилӣ, воситаҳои таълим маниши (характер) – и муносибати байни муаллим ва хонанда баромад мекунад» (М. В. Зверева).

Мавқеи сеюмро, ба андешаи Н. В. Ипполитова ва И. С. Стерхова, муҳақиқонеташкил медиҳанд, ки барои онҳо педагогӣ – ин «аз рӯи нақша мунтазам иҷро намудани корҳо роҷеъ ба аниқ намудани қонунмандиҳо ҳамчун робитаҳои босуботи ҷараёни таълимӣе, ки имконияти самараи таҳқиқоти илмӣ - педагогиро санҷишу баррасӣ мекунанд (Б. В. Куприянов, С. А. Диуина ва дигарон).

Дар робита таҳқиқоти мо истифода кардани шароитҳои педагогиро дар тайёру омода кардани омӯзгорони оянда тавассути маҷмуи имконияти раванди таълимӣ – тарбиявии мактаби олиро, ки барои ташаккулу дастовардҳои фарҳанги и хонандагон нигаронида шудаанд, дар назар дорем.

Бо мақсади ташаккулу рушди босамари ахлоқ ба мо лозим омад, ки пеш аз ҳама, ба кор карду асоснок намудани шароитҳои педагогии тайёру омоданамоии донишҷӯёни ахлоқ диққати ҷиддӣ диҳем. Барои асоснок кардани шароитҳои педагогӣ доир ба таҳлилу мутолиаи масъалаи мазкур рӯ овардем. Тайёру омоданамоии донишҷӯён тавассути ташкил кардани шароиту муҳити педагогӣ ташаккули фарҳанги этникӣ мавзуъ ва предмети таҳқиқу омӯзиши чунин муҳақиқон гашта буданд: Г. И. Волков, К. Ж. Кожакметова, Р. В. Комаров, Л. И. Любишева А. С. Магаумова, Г. М. Соловёв, Ш. Т. Таубаева, С. А. Узакбаева, М. Г. Харитонов ва дигарон.

Дар адабиёти педагогӣ – психологӣ С. А. Хазова шароитро ҳамчун «…ҳамчун васоит, методҳо ва шаклҳои ташкили раванди таълим, роҳу васоили

мушаххаси ҳамкории педагогӣ, мазмуни иттилоотии маълумот, хусусияти махсуси микриклими психологӣ, ки фароҳамовардаи таъррасони мақсадноки педагогӣ ба хонандагон мебошад» [88,с.87], шарҳ дода шудааст.

Шарҳу тавсири дигар низ мавҷуд аст:

– сифати омилҳо, раванду ҷараёнҳо ва ҳодисаҳои муҳити таҳсилотӣ, ки инъикоскунандаи талабот ба ташкили фаъолият мебошанд (Е. Ф.Бехтенова) [34];

Мазмуни ин принсип дар давраҳои гуногуни иҷтимоӣ тағйир ёфта, баъзан моҳияти давлатӣ ва баъзан сифати шахсиятӣ ҳам гирифта аст. Дар педагогикаи ватанӣ ҳам он борҳо ба дигаргунӣ дучор гардида, аз қоидаи моҳиятан умумӣ, ки тарбия бояд одамро ба ҳаёти хушбахтонаи фаъоли ҷамъиятӣ таёр кунад, канор нигоҳ дошта шуд.

Ба ин принсип такя намуда, бештари сохтори марбут ба фаъолиятҳои тарбиявӣ, ки дар ҳаёт, мутобиқи нишондодҳои мафкуравӣ, доктринаҳои сиёсӣ мебаранд, ба муваффақиятҳо низ ноил мегарданд. Тарбия бо дастгирӣ ва уствории ин сохт барои давлат ва институтҳои он, инчунин фаъолият дар органҳои давлатӣ, барои ташаккули шаҳрвандӣ ва сифати иҷтимоӣ бар асоси идеологияи қабул кардашудаи мутобиқи конститутсия, дар заминаи созгорӣ бо қонунҳо асоснок карда мешавад.

Ин принсип итоаткунии тамоми фаолияти педагогиро барои вазифаҳои тарбияи насли наврас мувофиқи нишондодҳои давлатӣ ба роҳ монда, тарбияро барои майл додани фаъолияти тарбиятгарон ҷиҳати ташаккули иҷтимоии зарурии шахсият муҳим ва муфид тарҳрезӣ менамояд.

Мутобиқ ба ин амалкард, тарбиятгар, сиёсати давалтиро нисбати тарбия адо менамояд. Агар давлат ва ҷомеа ба ин мувофиқ оянд, инчунин ба рағбати шахсии шаҳрванд созиш намоянд, он гоҳ талаботи ин принсип амалӣ мегардад. Дар акси ҳол иҷрои ин принсип душвор ва имконнопазир буда, тарбиятгарро низ дар рафти таълим аз маводи муҳим ва пурқимати тарбия маҳрум месозад.

Бо дарназардошти рушди таълим ва тарбияи ахлоқии наврасон ва ҷавонон, имрӯзҳо дар сохтори маорифи кишварамон омӯзиши ғояҳои адабиёти

маърифатии классик хуб ба роҳ монда шудааст, ки хонандаи тоҷик метавонад дар ин замина аз омӯзиши осори Ибни Сино низ ба тариқи маводҳои ҷудогона ошноӣ пайдо кунад.

Ақидаҳои ирфонӣ ва педагогии Ибни Сино, ки дар онҳо назариёт ва андешаҳои таълимӣ ва тарбиявӣ, панду ахлоқӣ ва фалсафӣ бештар таҷассум ёфтаанд, гувоҳи бараълои маърифатгароии ин шахсияти барҷастаи фарҳангу тамаддун ба шумор меравнд, ки имрӯзҳо метавонанд дар баробари осори дигар мутафаккирони адабу фарҳанги форсу тоҷик дар бахшҳои таълимии макотиби ҳамагонии кишварамон низ мавриди истифода қарор дода шаванд. Ин шахсияти башарпарвар, инсондӯст ва ватанпарвар ҳангоми тасвири воқеа ва ҳодисаҳо дар таълифҳояш бисёр фикрҳои пешқадами таълиму тарбиявӣ ва ахлоқиро тарғиб намудааст, ки ҳоло ҳам дар тарбияи ҷавонон аҳамияти калон доранд.

Дар ҳар маврид аз назаргоҳи Ибни Сино, тарбия раванди мақсадноку муташаккилест, ки инкишофи ҳамаҷонибаи шахсиятро таъмин намуда, ӯро ба меҳнату фаъолияти ҷамъиятӣ омода ва раҳнамун месозад. Дар педагогика мафҳуми тарбия маънои иҷтимоии додани таҷрибаи калонсолон ба хурдсолонро фаро мегирад. Башарият ба шарофати мавҷудияти тарбия ба дараҷаи баланди тамаддун расид. Одамон таҷрибаи гузаштагонро омӯхта, онро ба таври санҷидашуда дар рӯзгор вусъат бахшида ва афзун мегардонанд. Вобаста ба ин, бояд тазаккур дод, ки: “Таърих гувоҳ аст, ки ҳар халқи тарбиятро ба дурустӣ ташкил намуда, қуллаҳои баланди тараққиётро фатҳ карда метавонад, чунки тарбия ҳаракатдиҳандаи ҷомеа мебошад” [65, 10].

Ибни Сино на танҳо файласуф, балки ҳакиме омӯзгор, муаллиме ғамхор ва устоде дар мақоми баланди устоди мебошад. Дар асоси фикрҳои пурқимати ахлоқии Ибни Сино асрҳои аср боз наслҳои ҷавони халқҳои гуногун тарбия гирифтаанд ва тарбия мегиранд. Зеро ӯ пеш аз ҳама, асоси тарбияи ҷомеаро дар пайравӣ ва аз бар намудани донишҳои динию дунявӣ ва пайравии ашхоси муътабар, ки бо сабаби дар роҳи Ҳақ буданашон растагорӣ ёфтаанд, медонад.

Ибни Сино ба мавзӯи илм ва аҳамияти илмомӯзӣ диққати махсус дода, ӯ ҷони одамиро зинда ба илм медонад. Вай гаштаю баргашта таъкид менамояд, ки ҳатто як лаҳза ҳам аз омӯхтан осуда будан нашояд ва агар фарзанд дошта бошӣ, уро илму фарҳанг омӯзон ва барои бозӣ ба ӯ вақти кам ҷудо кун. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки ҳамчун педагог Ибни Сино зидди бозиҳои беҳуда ва зиёда аз меъёрии кудакон буда, сарфи бозӣ намудани вақти кудаконро мазаммат менамояд.

Ӯ тавассути ин асари худ таъкид мекунад, ки меъёрҳои одобу ахлоқ тасаввурот ва идеалҳои ба амиқтарин механизмҳои психологии рафтори инсон таъсир бахшида, онҳоро ба зоҳир намудани ғайрату ташаббус ва ҷасорату мардонагӣ водор месозад. Аз ин рӯ, тарбияи ахлоқӣ аз нахустин қадамҳои ҳаёти бошууронаи инсон хеле барвақт сар мешавад. Вай ба фаҳми ҳамон ҳақиқате рафта метавонад, ки ин қуллаи маданияти ахлоқии инсоният мебошад.

Ибни Сино тарбияи хусусиятҳои ахлоқиро дар кӯдакону ҷавонон кори савоб ҳисоб намуда, дар баробари ин сифатҳои пасти ахлоқиро аз қабили бадӣ, ситамкорӣ, чизпарастӣ, пурхурӣ, айбҷӯйӣ, пургӯйӣ, бешармӣ, таънакорӣ, бахилӣ, суханчинӣ ва ғайраро зери тозиёнаи танқид гирифта мазаммат намуда, чунин мешуморад, ки шахси пурхур ҳеҷ гоҳ саломату тансиҳат нест.

Мутафаккирони бузурги инсондӯст, Ибни Синои аз ҷумлаи он абармардоне ҳаст, ки дар баробари ба миён гузоштани мафҳумҳои ахлоқии инсондустӣ, ватандустӣ, некӣ, илмомӯзӣ, касбомӯзӣ, ростӣ, ҳақиқат, халқпарварӣ ва ғайраҳо комёб гардида, ба масъалаи эҳтироми модар аҳамияти калон дода, ин чеҳраи молики таълиму тарбияро ҳамчун хусусияти ифодагари тамоми покиву сафои ахлоқӣ васф намудааст.

Ҳамин тавр, чунон ки дар боло зикр намудем, Ибни Сино ба акидаи худ дар бораи тарбияи фарзанд сухан ронда, танҳо писаронро дар назар надорад, ӯ ҳамзамон образи занону духтаронеро дар осори хеш ба вуҷуд овардааст, ки онҳо дар чолокӣ, накӯкорӣ, далерӣ, қаҳрамонӣ, ҳунар, дониш, покдоманӣ ва ғайраҳо аз мардон камӣ надоранд, балки намунаи беҳини ибратанд.

Дар ақидаҳои педагогии Ибни Сино, ки саршор аз масъалаҳои некӣ ва накӯкорӣ мебошанд, ҳамчунон доимо ба таъкид ёд мешавад, ки ҳар шахс дар зиндагӣ бояд дар байни халқу ҷамъият аз худ номи нек боқӣ гузорад. Ӯ насли наврасро барои аз бар намудани беҳтарин сифатҳои инсонӣ даъват намуда, борҳо таъкид ба амал меорад, ки умри бадӣ кӯтоҳ аст ва сари ҳар иқдоме андеша бояд кард.

Ибни Сино таълим медиҳад, ки пургуйӣ ва бадгуйӣ ҳам монанди айбҷӯйӣ ва суханчинӣ сифатҳои бади ахлоқианд ва одамро мебояд, ки дар ин амр чун инсон хақиқӣ ва шарафёби номи башар ҳамеша бояд забони худро нигаҳдор бошад. Зеро дар мавриди дигар ба ақидаи халқ: “Забон дар даҳон посбони сар аст!”

Лофу газофу дурӯғгӯйӣ ва шахсони дурӯғгӯй ҳам бар хилофи ахлоқ ва дину оинанд ва албатта чунин ашхос бар зарари ҷомеа ва худашон кор карда, аз зиндагӣ фароғату роҳат намебинанд.

Аз нигоҳи тарбиятгаронаи Ибни Сино масъалаҳои некӣ ва накӯкорӣ мавқеи муҳимро ишғол менамоянд. Ӯ насли наврасро барои аз бар намудани беҳтарин сифатҳои хисоли инсонӣ даъват намуда, гуфта буд, ки умри бадӣ кӯтоҳ аст, андеша бояд кард, ки чӣ занон ва чӣ мардон бояд ҳама яксар дар чолокӣ, накӯкорӣ, далерӣ, қаҳрамонӣ, ҳунар, дониш, покдоманӣ ва ғайраҳо намунаи ибрат ва номбардори шарафи инсонӣ бошанд. Ӯ шарафи инсони комилро муаррафӣ ва тарғиб менамояд ва аз хислатҳои бадӣ кардан, суханчинӣ, мунофиқӣ, ғайбат, порахӯрӣ ва ришватситонӣ, айбҷӯӣ, мардумонро ба парҳез кардан ҳидоят мекунад.

Олими инсондӯст ва ватанпарвар ҳангоми тасвири воқеа ва ҳодисаҳо дар нигоштаҳояш бисёр фикрҳои пешқадами таълиму тарбиявӣ ва ахлоқиро тарғиб намуда, қаҳрамонони худро ба воситаи таълимоти ахлоқӣ ба сифатҳои ба шахсият расидан роҳ менамояд.

Низомӣ Ганҷавӣ (1141 – 1203) низ аз зумраи мутафаккирони ҳамзамони Ибни Сино ба шумор меравад, ки инсонро аз ҳама махлуқоти дунё баланд дониста, гуфта буд: -инсон бояд кӯшиш намояд, ки дар зиндагӣ лоиқи шарафи

инсонӣ бошад. Ба ақидаи ӯ инсон бояд дар зиндагии худ фаъолият нишон дода корҳои хубро пеш аз ҳама ба манфиати ҷамъият анҷом диҳад. Барои расидан ба ин мақсад ӯ бояд таълиму тарбияи хуб гирад. Аз тамоми илмҳои замонааш бохабар гардад, маданияти халқи худро аз худ кунад, эҳтиром намояд.

Ба ақидаи ӯ омӯхтани ҷуғрофия, фалсафа, мантиқ, адабиёт, фиқҳ, табииёт ва ғайра барои ҳар як ҷавон зарур аст. Зеро донистани ин илмҳо ба ҷавонон имконият медиҳад, ки асрори оламро фаҳмида гиранд ва аз ҷиҳати ахлоқӣ тарбия ёбанд.

Ба ақидаи Низомӣ таълими бачаро то ҳафтсолагӣ бояд бо ҳама нозукиҳо ва дар оила бояд ба роҳ монд. Муаллим ва тарбиятдиҳандаи аввалини бача падару модар ба шумор меравад. Онҳо вазифадоранд, ки ба фарзанд тарбияи ахлоқӣ, ҷисмонӣ ва эстетикӣ диҳанд. Падару модар бояд кӯшиш намоянд, ки ҳар як лаҳзаи мувофиқро барои тарбияи бачаҳо истифода бурда, ба онҳо илму ҳунар ва дониш омӯзонанд.

Намунаи чунин таълимоти Низомиро метавонем дар насиҳати ӯ ба фарзандаш Муҳаммад, дар оғози достони “Лайлӣ ва Маҷнун”-и ӯ мавриди истиқбол қарор диҳем, ки мегӯяд:

Он рӯз, киҳафтсола будӣ,
Чун гул ба чаман ҳавола будӣ.
Акнун, ки ба чордаҳ расидӣ,
Чун сарв ба авҷ қад кашидӣ.
Ғофил манишин, на вақти бозист,
Вақти ҳунар асту сарфарозист.. [120, 9]!

Низомӣ мисли мутафаккирони гузашта ба нақши илму дониш, ақлу хирад баҳои сазовор дода, ба қувваю қудрати онҳо дар тарбияи инсон боварии комил дошт. Ба ақидаи ӯ омӯхтани илму дониш аз ҷавонон меҳру муҳаббатро талаб мекунад. Зеро илму донишомӯзӣ булҳавасӣ, лоф ва тақлидро намепарварад.

Мақсаду вазифаҳои таълиму тарбияро Насриддини Тӯсӣ (1218 – 1293) аз дарк намудан ва ташаккул додани саодатмандии инсон иборат медонист. Саодатмандиро бошад ба тарбияи ҳаматарафаи нафсонӣ, баданӣ ва маданӣи

инсон вобаста медонист. Ба ақидаи ӯ, барои ба ин мақсад расидан, кӯдаконро аз хурдӣ чунон тарбия кардан лозим аст, ки онҳо фазилатро дӯст доранд ва аз разилат дурӣ ҷӯянд. Барои таълиму тарбия Насриддини Тусӣ аввал хона ва баъдан мактабро масъул шумоshould.

Мо ки дар ин рисолаи хеш бештар ба аҳаммияти тарбиявӣ ва таълимии осори Ибни Сино рӯ овардем, албатта овардани чунин мувофиқати ақидаҳои ӯро бо дигар мутафаккирон низ дар боло зикр намудем ва арзи онро ин ҷо дарҷ намудем ва ин иқдомро аз манфиат холӣ намедонем. Зеро шахсеро, ки Ибни Сино монанди дигар мутафаккирони ҳамзамони хеш мавриди ситоиш қарор додааст ва ӯро чун инсони комил муаррифӣ менамояд, аз хислатҳои номувофиқи инсонӣ дур медорад.

Ва ҳам боз мегӯяд: “Агар фарзанд духтар бошад, ӯро ба доягони мастураи некӯпарвар бисупор ва чун бузург шавад, ба муаллима деҳ, то намозу рӯза ба он чи шарти шариат он аст, аз фароиз биомӯзад. Валекин дабирӣ маёмӯзаш ва чун бузург шуд, ҳар чӣ зудтар ҷаҳд кун, ки ба шаҳвараш диҳ, ки духтар нобуда беҳ ва чун бувад, бо шӯй беҳ. Аммо то дар хонаи ту бошад, модом бар вай ба раҳмат бош, ки духтаракон асири модару падар бошанд. Аммо писарро агар падар набошад, ба талаби кори хеш тавонад рафт ва хештанро тавонад дошт аз ҳар рӯйи, ки бошад ва духтар бечора бувад.

Он чи дорӣ, аввал дар барги духтар кун ва шуғул вайро бисоз ва ӯро дар гардани касе кун, то аз ғами вай бираҳӣ. Аммо агар духтар дӯшиза бошад, талаб домоди дӯшиза то зан дил дар шӯй бибандад ва шӯй низ дар зан доштан бикӯшад ва аз ҷонибайн созгорӣ бошад” [178, 121].

Таълиму тарбия мунтазам бояд аз сини шашсолагӣ сар шавад. Зеро дар ин сину сол кӯдак аз ҷиҳати ҷисмонию маънавӣ барои пазируфтани тарбия ва омӯхтани дониш омода мешавад. Ӯ давраи бачагиро аз 6 то 14-солагӣ ҳисоб мекунад.

1. Шогирдони ҳамеша ба омӯхтани илму адаб ва некӯ доштани одобу ахлоқ шавқу ҳавас дошта, гоҳе ба якдигар мусоҳиба мекунанд ва гоҳе дар дил орзу мепарваранд, ки дар сафи номварон ва пешқадамон бошанд. Инчунин пеш

аз ҳама одамонро иззати нафс водор мекунад, ки аз дигар ҳамқадамон ва ҳамсафонашон канор намонанд.

2. Шогирдони бо ғайрат бо як дигар сухан мегӯянд, ки ин сабаби рӯшноию фузунии ақлу фаҳмишашон мегардад, зеро ҳар як сухан, ки мебинанду мешунаванд, ба якдигар мегӯянд. Ин сабаби пайдо шудани шавқу ҳавас, аз худ намудан, ба дигарон нақл кардани онҳо мегардад.

3. Ибни Сино менависад, ки «Ҳар як падар вазифадор аст, ки фарзанди худро ба мактаб фиристад. Вазифаи мактаб аз он иборат аст, ки дар бачагон рафтору кирдор ва гуфтори некро тарбия намояд ва таълими бачаҳоро таъмин намояд. Дар мактаб бачагон бояд бо якдигар дӯстӣ пайдо кунанд, ба якдигар ёрӣ расонанд, аз якдигар одобу ахлоқ омӯзанд, байни худ дар боби аз бар намудани дарсҳо мусобиқа намоянд. Чунин хислатҳо албатта дар ҳамаи бачагон имконият медиҳад, ки онҳо дар рӯҳияи коллективизм ва ваҳдату иттифоқ тарбия ёбанд ва ҷиҳатҳои худпарастӣ аз онҳо дур карда шавад» [9, с. 87].

Умуман, Ибни Сино ба барномаи таълимии мактаб дохил намудани фанҳои зеринро тавсия намудааст ва муфид будани ин пешниҳодро низ аз муваффақияти кор мешуморад: Қуръон, шариат, забони модарӣ, таърих, ҷуғрофия, ҳисоб, варзиш, адабиёт ва ғайра.

Кӯдакон тарбияи дурустро на танҳо аз суханони калонсолон, балки бештар аз рафторашон қабул мекунанд.

Агар дар таълим ва тарбияи кӯдак ҳақиқатро аз таҷрибаи ҳаёт бештар истифода кунем, пас, кӯдак он комёбӣ ва нобарориҳои ҳаётро бо ақли худомӯхта, муқоиса карда, некро аз бад ҷудо намуда, вазифаи ба ӯ вобасташударо бо фикру андешаҳои тару тозаи худ, ки то ин дам аз онҳо бехабар аст, меофарад.

Саъдӣ тарбияро яке аз омилҳои асосии ташаккулёбии шахсияти инсон шуморида, ин омили ба ҳувийят расидани инсонро дар партави кӯшиши некон бороварда мебинад ва бо таъкид ба ноаҳлон дар маврид чунин гуфтааст.

Партави некон нагирад, ҳаркӣ бунёдаш бад аст,

Тарбият ноаҳлро чун гирдакон дар гунбад аст [155, 16]!

Ба қавли ӯ, тарбия ба ҳамаи бачагон таъсир расонда метавонад. Бачае, ки аслан бадтинат аст, тарбия ба ӯ таъсири мусбат расонида метавонад, вале дар ҳолате, ки бачаро ба тариқи андарзу фаҳмондадиҳӣ моил карда тавонӣ ва вазифаи тарбиятгар низ аз ин хусусиётҳо ҳамида иборат мебошад. Аммо дар вазъи ин мушкили тарбия низ ба иқрор қоил аст, ки мегӯяд:

Шамшери нек аз оҳани бад чун кунад касе?

Нокас ба тарбият нашавад, эй ҳаким, кас [155, 17]!

Амир Хусрави Деҳлавӣ низ ҳамсони мутафаккирони дигар дар доираи таълимоти ахлоқии худ, бо пайгирӣ аз абармард Ибни Сино, Саъдии Шерозӣ ва дигарон, пеш аз ҳама, ба инкишофи илму дониш, касбу ҳунар, санъат ва маданият эътибори махсус дода аст. Аз ин рӯ, бо мақсади таъсир расондан ба ҳукуматдорони давр ва бедор намудани ҳисси маърифатпарварии онҳо дар асарҳояш ба таърифу тавсия ва тарғиби илму дониш ва касбу ҳунар дар зиндагӣ ва нишон додани афзалиятҳои онҳо эътибори зиёд медиҳад.

Мутобиқи таълимоти ӯ низ илму дониш, ба қавли шоир, омили асосии шарфмандии инсон ба шумор меравад. Масалан, вобаста бар ин боб ӯ дар “Матлаъ – ул – анвор” мегӯяд:

Шарафи одамӣ чу аз илм аст,

Ҳар кӣ доност, бандаи ӯям.

В-он ки бе илм мансабе ҷӯяд,

Мансаби ӯст мабразе гӯям [20, с.845].

Амир Хусрави Деҳлавӣ мутобиқи таълимоти ахлоқии хеш пеш аз ҳама як устод ва ҳидоятгари талқингар ва тарғибгари масъалаи зарурати алоқамандии илм бо таҷриба мебошад. Мувофиқи назарияи шоир илм – ҷисм ва таҷриба – ҷон мебошад. Чунон ки бо таъкид аз ӯ мехонем, дар ҳоле, ки бо ишорат мегӯяд:

Илм к-аз аъмол нишонаш нест,

Колбуде дораду ҷонаш нест [20, с.846].

Ӯ нишон медиҳад, ки: “...инсони бедониш ба гову хар ё магас монанд аст, ки тиллоро аз санг фарқ карда наметавонад”.

Мавриди дигар назарсанҷӣ ва муътақид будани ӯ ба таълимоти қуръонӣ бархурд мекунад. Мутобиқи он таълимоте, ки ба ниёзҳои рӯҳӣ, фикрӣ, хулқӣ ва ҷисмонии инсон ҷавобгӯ набошад, бояд ба таври ҷиддӣ ба роҳ монда нашаванд.

Барои мисол метавон аз асрори аҳодиси анбиё ва саҳобагони онҳо ба некӣ ёдовар шуд, чунон ки Алӣ ибни Абутолиб дар «Наҳҷ-ул-балоға» мефармояд: «Худ некиро ёд гиред ва онро ба аҳли хонаводаатон биомӯзонед».

Ҳамчунон аз одати Умар ибни Хаттоб буд, ки вақте мардумро аз коре манъ мефармуд, аҳли хонаводаашро даъват карда, мегуфт: «Ман мардумро аз фалон ва фалон кор боздоштам. Албатта, мардум ба шумо менигаранд, мисли он, ки парранда ба сӯи гӯшт менигарад. Пас агар шумо ба он фурӯ оед, мардум ҳам фурӯ меоянд ва агар битарсед ва бипарҳезед, мардум ҳам метарсанд ва парҳез мекунанд. Савганд ба Худо, суд намебарад касе аз шумо дар чизе, ки ман мардумро аз он манъ намудаам, магар дучанд мекунам барои ӯ азобро ба хотири наздикӣ ва мавқеияте, ки бо ман доред»[12, с. 87].

«Кимиёи саодат»-и Имом Ғазолӣ аз зумраи пурнуфузтарин китобҳои тарбиявии ирфонӣ ба шумор меравад, ки месазад дар ин иқтибос аз он, ки фармуда, бозхонем: «Дар ҳақиқат кӯдак амонатест, дар назди падару модараш ва дили покаш гавҳарест нозуку содда ва холӣ аз тамоми нақшҳову суратҳо ва дили ӯ омодаи пазириши ҳар гуна нақшу нигорест, ки дар он кашида шавад ва моил аст ба ҳар тарафе, ки майл дода шавад. Пас агар ба ӯ некӯӣ омӯзонда ва таълим диҳед, бар накӯӣ бузург мешавад ва дар дунёву охират хушбахту саодатманд мегардад. Дар савоби ӯ падару модараш, муаллим ва адабомӯзи ӯ шарик аст. Агар кӯдак ба бадӣ тарбия ёбад ва мисли чорпо бидуни парастор фурӯ гузошта шавад, он гоҳ ӯ бадбахт гашта, ҳалок мешавад, гуноҳаш бар гардани тарбиякунандагон ва касонест, ки тарбияи ӯ вазифаи онҳо буд» [7, с. 76].

Дар ҳамин иртибот ҷои дигар мутафаккирони Шарқ Муҳаммади Ғазолӣ дар «Насиҳат-ул-мулук»-и хеш бо изҳори истидлол мегӯяд: «Падару модар ба мисли сарчашмаи обе мебошанд, ки агар оби он мусаффо бошад, пас поёноб низ мусаффо хоҳад шуд».

Дар китоби :«Усули тарбиявии тифл» аллома Муҳаммад Нури Сувайд низ бо исрори далолат қайд мекунад, ки: «Ислом шадидан аз оила мехоҳад ва ба он таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир мекунад, то ки оила парваришгоҳи ором ва ҷойи таъсиррасони бузург дар тарбия бошад»[34, с. 54].

Дар ин иртибот метавон мисоли фаровон дошт, аммо бояд бо ин нуктаи Муҳаммад Қутб, ки дар китоби «Усули тарбияи исломӣ» менависад: «Маълум аст, ки хона, кӯча, мактаб, ҷомеа пояҳои асосии тарбия мебошанд, вале асоси таъсиргузорӣ аввал аст ва хона тавонотарини ин пояҳо аст. Зеро хона тифлро аз марҳилаи аввал ба оғӯш мегирад ва ҳам замоне, ки тифл дар хона сипарӣ мекунад, аз ҳама замонҳои дигар бештар аст. Ба болои ҳамаи ин падару модар ба тифл аз дигарон дида бештар таъсиргузоранд» [12, с.65].

Мавриди дигари аз муҳимот зарур ба сифати дастур доштани китоби муқаддаси Қуръон аст, ки тамоми мутафаккирони Шарқ, аз ҷумла орифоне, ки номашон дар ин рисола зикр шудааст, ба таъсир аз он дар мавриди тарбияи шахсияти инсон хуб истифода намудаанд. Чунон ки дар ин ояи Қуръони маҷид ба муждагонӣ расидааст: «Ба ростӣ ки Худованд сарнавишти ҳеҷ қавмро тағйир нахоҳад дод, магар он чиро, дар замираш он аст, тағйир диҳанд» [76, с. 87].

Барои тарбиятгар сарчашмае лозим аст, то ҳамчун қутбнамо аз он истифода намояд. Сарчашмаи беҳтарин дар тарбияи фарзандони мо метавонад, ки китоби Қуръони маҷид, сипас аҳодиси Расули Худо (с) ва ёрони ӯ, сипас фармудаҳои ҳакимон, сипас таҷрибаи рӯзгордидагон бошад.

Сайидо дар байти зер ҳарчанд далолат бар ишқи Илоҳӣ дорад, бо вуҷуди ин аз тарбиядиҳандагон талаб мекард, ки дар қатори ба инкишофи ҳолатҳои рӯҳии кӯдак диққат додан, ҳамзамон барои парастишҳои моддӣ додани тарбиягирандагонашон ғамхориҳо зоҳир намоянд. Зеро ҳамин натиҷаи дар гаҳвора бо шир муттасил таъмин кардани тифл аз тарафи модар ӯро ба нутқ кардан водор месозад:

Аз ғамат дар сина дил сад нома иншо мекунад,
Тифлро ин шир дар гавҳора гӯё мекунад. [39, с. 99].

Дар мавриди дигар шоир ҳаққи мурабиву устодро дар кори тарбияву таълим аз ҳар назаре боло мегузорад, аммо дар ҳар сурат комёбиҳои инсонро дар натиҷаи ҳаракату саъйи муфид ва азму талоши ӯ бештар ба мушоҳида мегирад. Чунон ки мефармояд:

Бе мураббӣ зери гардун муътабар натвон шудан,
Моҳи навро рафта-рафта чарх оламгир кард!

Чунон ки дар мавриди таҳқиқот ба мушоҳида расид, шахси ҳақиқӣ бо ёрии маҷмуи умумии фаъолияту амалиёт ва омӯзиши пайваста ба камол мерасад. Бо дарназардошти чунин ақида яке аз равоншиносони барҷастаи замони шуравӣ С. Л. Рубенштейн чунин ҳисобидааст, ки шахсият аз рӯйии муносибатҳояш ба олами гирду атроф, ба ҷамъияте, ки онро иҳота кардааст, ба камол мерасад ва шахсияти он низ ба ин тариқ ба одамони дигар муайян мегардад. Аз ин рӯ, барқароргардии шахсиятро ӯ дар барқароргардии муносибатҳои асосии худи вай мебинад.

Мавриди зикр аст, ки “муносибатҳои тарбиявӣ пеш аз ҳама дар рафти ҳамкории оммавии тарбиятгирандагону тарбиятдиҳандагон, хонандагону муаллимон, падару модарон, кӯдакон ва шахсу коллектив пайдо мегарданд. Дар рафти ин муносибатҳо, мақсади тарбия ва таълиму маълумот амалӣ мегардад” [56, 24].

Ба ақидаи Ибни Туфайл, ғамхорию шафқат ба мавҷудоти зинда бояд хислати шахси хушодоб бошад. Рафтори бераҳмона одамро сангдил ва мутеъи одати бад мегардонад. Агар касе имрӯз ба ҳайвонот ва рустанӣ бераҳмӣ кунад, фардо ин бераҳмиро нисбат ба одам ҳам раво мебинад.

Бераҳмии инсон нисбат ба мавҷудоти зинда, аз зуҳуроти беинсофӣ, бемаданиятӣ ва дағалие ба шумор меравад, ки ба ҳар навъ ба таълиму тарбия ниёзмандии ӯро тақозо мекунад. Ибни Туфайл ҳанӯз дар асри XII ба оқилона истифода бурдани сарватҳои табиӣ таъкид карда, одамонро ба эҳтиром намудани табиат даъват мекард ва аҳамияти вайро барои инсоният хеле муҳим дониста, сароғоз барои аз нестшавӣ пешгирӣ намудани навъҳои гуногуни

набототу ҳайвонот аз ҷониби инсони соҳиби тааққул ва заковатманд, инчунин, андешидани чораҳо ва пешгирӣ аз дигар хатаротро зарур медонист.

Мутобиқи ақидаи Ибни Туфайл ҳар як падидаи олами мавҷуд бо шакли мавҷудият ва намуди худ дар табиат беҳамто мебошад ва аз ин нуқтаи назар ӯ қайд мекунад, ки ҳар як инсони хушахлоқ ва боодоб бояд табиатро эҳтиром кунад ва дар зимни ҳифзи он мусолиҳакор бошад, зеро ин амри муҷиби ахлоқ ва шуурнокии одам маҳсуб мешавад. Аз дидгоҳи ӯ дарахтон, ки борваранд, самараи ҳар навъе барои рӯзии дигарон низ, ки дар ин олам умр ба сар мебаранд, зарур аст. Ин ақидаи ӯро баъдҳо дар тасвири дигар мутафаккирон, аз ҷумла Саъдии Шерозӣ низ дучор меоем:

Дарахте, ки пайваста бораш хурӣ,
Таҳаммул кун он гаҳ, ки хораш хурӣ [153, с. 252].

Ибни Туфайл мутобиқи андешаҳои фалсафӣ ва ирфонии хеш боигарии табиат ва ҳастии оно натанҳо ҳамчун моликияти вижа ба шахсони махсус ба намояндагони табақаҳои болои тааллуқ дошта, балки ба оммаи мардум муттааллиқ шуморида, ҳамзамон ба вуҷудоварандаи ризқу рӯзии ҳамагон меҳисобад. Бинобар ин, баҳри ғасб намудани боигарию сарвати ҷаҳон, ки бо ҳисси сарватпарастии мулкхоҳон болои кор меояд, Ибни Туфайл сахт муқобил аст ва ҳар иқдоми ношоистаи онҳоро, ки барои беҳбудии зиндагӣ ва манфиати худ мардумро аз ин нозу неъматҳои табии маҳрум мекунанд, рафтори бад ва зишт медонад ва мазаммат мекунад.

Дар марҳилаи муосир инсоният барои худ ба кашф ва ихтироъоти аҷибу ғариб, монанди сохтмони заводу фабрикаҳои бемисл, мушаксозиву силоҳҳои ҳастаӣ ва дигар кашфиёти зиддуннақиз комёбиҳои беназиреро шарафёб гардида аст. Аммо бо ин амалкард ва дастовардҳои хеш ғофилназарона аз ифлос кардани чашмаҳо, ҷӯйборҳо, дарёҳо ва кӯлҳо ба олуда кардани баҳрҳо ва укёнусҳо гузашт. Одам барои қонеъ гардонидани талаботи шахсӣ ва нафсонӣ, инчунин, муҳайё намудани заминаҳои маишӣ ва кайфияти худ, намудҳои гуногуни ҷонваронро бераҳмона несту нобуд ва табиатро заҳролуд кард. Аммо

бояд одам огоҳ бошад, ки маданият ба таври стихиявӣ инкишоф меёбад ва аз паси худ биёбони холӣ боқӣ мегузорад [168, с.128].

Олими франсавӣ Ж. Дорст дар китобаш «Қабл аз он, ки табиат мемирад», чунин менависад: «Шояд ин фикри ботил бошад, вале муҳимтарин мушкилоти ҳозиразамон дар соҳаи муҳофизати табиат - ин ҳифзи навъи мо аз худи мост, Homosaplen-ро муҳофизат бояд кард аз HomoZaber» [60, с.126]. Аммо айбҷӯӣ бар ин иддао, на таҳдид бар инсоният, балки умуман, ба мақсадҳои ғаразнок, бойшавии бархе аз одамон аст, ки бо таҷрубаи маҳдуд кардани рушду нумӯи табиат, ки аз кӯтоҳназарӣ ва ғояти нафспарварии онҳо маҳсуб мешавад, ба чунин иқдомоти ношоиста роҳ медиҳанд.

Дигаргунсозӣ ва дахолат барои тағйирпазирии табиат амалиётест, ки дар ҷараёни он моҳияти аслии инсон ва аъмоли ӯ ҳамчун субъекти таърих ва ё мабдаи фаъоли иҷтимоӣ барҷаста зоҳир мешавад. Ҳатто чунин ҳолатҳоеро метавон дучор гардид, ки ҷангалҳо ва ботлоқзороҳо бо дасти одамон хароб мегарданд ва ин ҳам ба номувозинатии фазо ва табиат оварда мерасонад.

Масалан дар китоби табиатшиносӣ бо муқоиса бар суду зиёни он ба таъкид омадааст, ки: “Аз буридани ҷангал қабати ҳосилхези хок зарар мебинад. Ин ҳолат ба биёбоншавӣ оварда мерасонад. Ҳамин тавр, инсон дар натиҷаи фаъолияти худ ба олами наботот ва умуман ба табиат таъсири худро мерасонад” [165, с. 128].

Муносибати инсон ба табиат ва манзараҳои зебои он, бо маданиятнокӣ ва дурбинии экологии ӯ низ вобастагии амиқ дорад. Инсони худшинос ва комил бояд огоҳ бошад, ки табиат фақат манзилу бошишгоҳи оддии зиндагии мо нест, вай инчунин сарчашмаи ҳузуру ҳаловат ва маншаи инкишофи сарвати маънавии этикӣ ва эстетикии мо мебошад. Ҳамчунон, худ бояд донад, ки инсон зода, фарзанд ва парвардаи табиат ва муҳит аст. Пас, бо таваққуф бар ин иддао месазад гуфт, ки инсон ҳам, бояд табиатро ба ҳайси модари азизу арҷманди худ пазиро бошад ва тамоми мавҷудоти онро сипосгузорӣ кунад.

Мутаассифона ҷангалзорҳои Тоҷикистони мо, ки аз пистаю чормағз ва арча иборатанд, дар тули даҳ соли охир қариб ба миқдори 12 ҳазор гектар кам

шудаанд. Агар мо аз ҳозир роҳҳои истифодаи самаровари ҷангалзорҳоро, туғайзорҳои канори дарёи Ому ва Сирро ҷустуҷӯ накунем, мушкилотамон аз мушкилҳои басаровардаи баҳри Арал ҳам душвортар хоҳад шуд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ дар гузориши хеш дар Конфронси байналмилаии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амалиёт «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» бо таваҷҷуҳ ба ин хатароти экологӣ ва дигаргуншавии иқлими ҷаҳон хеле бамаврид қайд карда, ҳушдор дода буд, ки: «Вазъи экологӣ дар тамоми ҷаҳон дар ҳолати ноустувор қарор дорад… Омилҳои ногувори экологӣ имрӯз барои намудҳои нодири табиати зинда дар хушкию об хатар эҷод мекунанд. Оқибатҳои мушкилоти имрӯзаи экологӣ мумкин аст дар давраи даҳсолаҳо, ҳатто садсолаҳо ҳис карда шавад» [165, с. 128].

Дар робита ба мавзуъ вақте бозмегардем ба дараҷаи огоҳӣ бар ин вазъ, ки дар даврони садсолаҳо пеш низ аз вазъи экологӣ бо бонги изтироб хабар медоданд, бинобар ин ҳақ бар ҷониби Ибни Туфайл аст, ки ин мақсадро ҳанӯз дар замони хеш пай бурда буд ва баланд бардоштани дараҷаи маърифатнокии инсонро бар шинохти табиат аз авлавиятҳои ахлоқӣ, хирад ва тарбиявӣ маҳсуб мешуморид. Ҳифзу ҳимоят аз табиат низ бар асари хиради инсон болои кор меояд ва бар ҳамин амр аст, ки файласуфи Юнони қадим Пифагор қайд карда буд: «Чӣ хуш аст, ки шодкомиҳои инсон ба қонунҳои хирад асос меёбанд» [168, 130].

Навъи дуюми тақлид пок ва тоза нигоҳ доштани тани худ, зуд-зуд шустани бадан, тоза кардани дандону нохун, бӯидани растаниҳои муаттар, ҳамеша тоза нигоҳ доштани либос аст. Аз ин рӯ, қаҳрамони асари Ибни Туфайл “Ҳай ибни Яқзон” дорои хислатҳои зебо, нафосат, латофат буда, ҳамеша барои сарфаҳм рафтан ба моҳияти ҳақиқии ашёю воқеаҳо мекӯшад ва дар бораи дарки Худо меандешад [7,с. 68].

Ба ақидаи Ибни Туфайл, зебоии зоҳирӣ, ки ба ороиши абрӯю, рӯю, мӯй, сару либос дахл дорад, низ моҳияти тарбиявӣ дорад, ки ҳусни зоҳириву ҷисмониро боз ҳам пурратар мекунад. Лекин, қайд мекунад файласуф, ороиш

бо пардози зару зевар бояд ба андозаи муайян ва муносиб бошад, зеро агар меъёри он риоя карда нашавад, боиси нафрат ва лаънати атрофиён ва сабабгори вайроншавии муносибатҳо миёни инсонҳо мегардад.

Зарари калонтар ва амиқтари вай дар он аст, ки инсони зарпарасту ишратҷӯ ҳамин чизҳоро асосӣ ва кофӣ шуморида, бо захира намудани, онҳо худро хотирҷамъ месозад ва барои афзудани ҳусни камолоти маънавияш кӯшиш намекунад. Дар натиҷа ҳусни ботинӣ, ахлоқ ва сирати ӯ коста шуда, рӯз ба рӯз манҳус мешавад ва бадбахтиҳои бисёреро ба бор меоварад. Агар кас ба дараҷаи муносиб ва зарурӣ боигариро ба кор барад, ба ҳуснаш ҳусн зам мешавад, намои зоҳириаш низ форам, дилнавоз ва дилработар мегардад.

Аз ин андешаи Ибни Туфайл чунин бармеояд, ки ӯ ба завқи эстетикӣ зиёд аҳамият дода, бо ин тариқ ҳиссиёти зебоиписандии одамонро бедор мекунад. Ин назар низ гувоҳ аст, ки бӯи латифу муаттар ба мизоҷи инсон таъсири хуб мебахшад, фаъолияташро дучанд меафзояд. Файласуф қайд мекунад, ки зебоии маънавию зоҳирии инсон ба зоҳиршавии чунин сифатҳои ахлоқӣ, ба мисли некӣ, адолат, лутф ва ғайра мусоидат мекунад. Аз дигар тараф, бе завқи эстетикӣ одам ба камол намерасад ва ҳамин зебоишиносист, ки одам дараҷаи камолоти худро ба хубӣ дарк мекунад.

Файласуф, ҳамчунон, тавассути андешаронихояш дар асари «Ҳай ибни Яқзон» қайд мекунад, ки хислатҳои ахлоқию эстетикии инсон дар ягонагии он бо дарки табиат ва мутобиқаткунонии табиати ақлонӣ ба табиати моддӣ ташаккул меёбанд ва зебоии инсонро дар натиҷаи азхуд кардани дониш ва меҳнатдӯстии ӯ рӯнамо мегардонанд.

Худи инсон, қайд мекунад мутафаккир, зеботарин мавҷудоти табиат аст ва ба тавассути мустақил буданаш вазифаи инсонии вай аз он иборат аст, ки зебоии табиат, ҳаётро боз ҳам зеботар гардонад. Аз ин ҷост, ки Ибни Туфайл тарбияи зебоии ҳамаҷонибаи инсон, маънавиёти ғании инсониро ҳамчун масъалаи аввалиндараҷа ва авлавиятнок ба миён мегузорад. Зебоии ҳаматарафа,зикр мекунад мутафаккир, на фақат табъи эстетикии инкишофёфта

доштан, балки маърифатнокӣ, дониши илмӣ, таҷрибаи ҳаётӣ, покизагии ахлоқ, хоксорӣ, поквиҷдонӣ, эҳтирому ҳурмат ва ғайраро дарбар мегирад.

Ибни Туфайл инсонро пеш аз ҳама, ҳамчун падидаи бошуур, дорои хислатҳои ҳамида, сабру таҳаммул ва қаноат, хушахлоқ ва зебо тасвир мекунад. Барои ҳамин, ҳам инсон аз дидгоҳи ҳақиқатшиноси мутафаккир на бо категорияи иҷтимоӣ, балки бо рунамои дараҷоти эстстикӣ ва ахлоқии ӯ муайян карда мешавад.

Инсони офаридаи Ибни Туфайл пеш аз ҳама, инсони мушаххас аст. Ӯ инсонро на дар муносибатҳои ҷамъиятӣ, балки ҳамчунон дар муносиботи ҳаётӣ, иҷтимоӣ ва ғайра мавриди таваҷҷуҳ қарор медиҳад. Чунон ки инсони идеалӣ ва ормонии худро ӯ бештар аз дидгоҳи эстетикӣ, дорои дараҷоти ахлоқӣ ва соҳибназарӣ нишон медод ва ҳамчунон бар ин асос, ки бо хисоли некӯ, меҳрубонӣ ва шафқат ва бо ёрии ҳиссиёти зеҳниву ақлонии инсониаш худро идора карда ва ба тартиб даровардa метавонист.

Ибни Туфайл вобаста ба ин ақидаи хеш қайд мекунад, ки дар инсон ҳам зебоии руҳӣ ва ҳам зоҳирӣ вуҷуд дорад. Ва ҳамчунон, ин ду намуди зебоиро дар махсусияти ягонагӣ мутааллиқи ҳам медид. Аз ин лиҳоз аст, ки мутобиқи ақидаи муҳаққиқон низ ягонагии зебоии ботинӣ ва зоҳирӣ мазмуни идеалӣ ва зебоишиносии Ибни Туфайлро ташкил медиҳанд. Ва боровардаи ҳамин ақида аст, ки ба андешаи ӯ зебоии ботинии инсон, ин рафтори хушахлоқонаи инсон аст, ки ба принсипи худшиносӣ ва худошиносии ӯ мувофиқат мекунад [167, 131].

Ба ақидаи мутафаккир зебоии инсонро фақат бо намуди зоҳирии он муайн кардан мумкин нест, яъне зебоии зоҳирӣ набояд муайянкунанда ва ҳалкунандаи зебоии инсон бошад, гарчанде ки ин намуди зебоӣ метавонад дар намуди аёнии ӯ нақши муҳиммеро бозад.

Ибни Туфайл дар муайянкунандагии зебоии инсон, зебоии руҳӣ, зебоии ботинӣ ва вуҷудиро афзалтар медонад, лекин симои зебоии зоҳириро низ инкор намекунад, зеро зебоии зоҳирӣ метавонад тавсифгар ва собиткунандаи вуҷуди айнии инсон бошад ва ӯ бар ин назар мутобиқи ақидаи хеш пеш аз ҳама зебоии

ҷисмонии одамро дар назар дорад. Ӯ талаб мекунад, ки инсон бояд ҷисман ҳам зебо бошад, лекин дар баробари ин зебоии руҳии инсонро дар мадди аввал мегузорад.

Барои ҷисман зебо гардидани инсон пеш аз ҳама тарбияи ҷисмонии онро матраҳ намудан зарур аст, ки он ба тарбияи руҳиву фикрии он низ таъсир мерасонад ва дар доираи таълими хонандагон ҷорӣ намудани онро мо низ ногузир мешуморем. Чунон ки мутобиқи таълимоти назарияи тарбия дар илми педагогика низ ин амал дарҷ гардидааст: “Тарбияи ҷисмонӣ ба тарбияи фикрӣ, ахлоқӣ, меҳнатӣ ва эстетикӣ пайваста буда, ба рушди ҳаматарафаи шахсияти хонандагон ёрӣ мерасонад” [56, 217].

Ибни Туфайл низ дар осори хеш мисли Ибни Сино тасдиқ мекунад, ки инсон аз беҳтарин зебоиҳои офаридашуда дар дунё мебошад. Зеро зебоии вай пеш аз ҳама дар муҳаббати ӯ зоҳир мешавад. Фақат дар зимни рӯнамоии муҳаббати ҳақиқӣ инсон метавонад худро ба сифати инсон бишносад. Аз чунин ақидаву андешаҳои ин мутафаккирон бармеояд, ки зебоии зоҳирӣ на фақат инсонро ба ҳусну таваҷуҳ моил мекунад, балки ӯро маҷбур мекунад, ки ӯ накукор, самимӣ ва содиқ бошад.

Ибни Туфайл бо бардоштҳои маънавӣ бар ин ақида зебоии зоҳирии инсонро падидоварда аз ҳиссиёти ботинии он мешуморад ва инчунин, қайд мекунад, ки зебоии дохилӣ, руҳӣ ва равонӣ ҳамеша инъикоси худро дар намуди зоҳирӣ мебинад. Хусусан, дар симои одам, дар рӯи одам, ҳолатҳои ботинии одам зоҳир мешаванд [167, 132].

Ҳамин тариқ, ба ақидаи файласуф, инсон бояд ҳаматарафа зебо бошад. Дар рафтор, гуфтор, муносибат, ифодаи ақл, дониш ва пеш аз ҳама дар муошираташ зебоӣ ҳамчун намуна ҷилвагар бошад. Ин фикри мутафаккир оиди зебоии инсон бо ақидаи нависандаи рус. А. П. Чехов ки: «Одам бояд аз ҳар ҷиҳат зебо бошад: ҳам бо рухсораҳояш, ҳам бо сару танаш (либосаш), ҳам бо дилу руҳаш ва ҳам бо фикру зикраш» -мегӯяд, хеле мушобеҳ ва ҳамоҳанг аст.

Дар эстетикаи Абӯнасри Фаробӣ низ зебоӣ ҳамчун як падидаи том аст. Одамон табиатан ба зебоӣ майл доранд. Мутафаккир қайд мекунад, ки байни

ифодаи “аз ҳама манфиатнок дар мақсади некӣ” ва “чизи аз ҳама муфид ва аз ҳама зебо” фарқият нест. Агар ашёи ба вуҷудовардаи санъат, қайд мекунад ӯ, “барои мақсади некӣ манфиат оварад, ингуна чизҳо бад, зишт, баднамо, хунук мебошанд”.

Дар таълимоти эстетикии Абӯнасри Форобӣ масъалаҳои зебоии ҷисмонӣ ва зебоии маънавии инсон ҷои марказиро ишғол мекунанд. Инсон аз рӯи талаботи худ, қайд кардааст ӯ, барои хубӣ ва камолот таъин шудааст. Камолоти ҷисмонии инсонро бо ҳамбастагии ӯ бо табиат тавсиф дода, мутафаккир қайд мекунад, ки чор унсури таркиби олами мавҷуд (оташ, об, ҳаво, хок) таҷассуми камолоти худро дар инсон меёбанд.

Мутафаккир зебоиро бо саломатӣ, фаъолият, бо кори ҷисмонӣ ва фикрии инсон вобаста мекард. Камолоти умри инсон аз саломатиии ӯст: “агар саломатӣ вуҷуд дошта бошад, онро бояд нигоҳ дошт, агар набошад, пас онро ба даст овардан лозим аст” [167, 105].

Бешак,ин андешаҳои мутафаккир, ки мафҳуми зебоӣ, зебописандӣ ва зарофатро ба накӯкорӣ ва хайрхоҳӣ пайваста маънидод кардааст, дар шароити феодализм, хеле пешқадам аст. Ин маъниро ки Ибни Туфайл дар асри XII таблиғ кардааст, Носири Хусрав, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Бедил ва дигарон дар ашъорашон барвақттару баъдтар хеле равшану пуртаъсир баён намудаанд.

Носири Хусрав сифатҳои зебоиро ба мақсади илму амал наздик оварда гуфтааст:

Некии мардум на накӯрӯӣ аст,
Хӯи накӯ мояи некӯӣ аст [123, с.530].

Амир Хусрави Деҳлавӣ низ наҷоботи инсониро дар «базмгоҳи хулқу адаб» дида, фармудааст:

Ҳар ки дар ӯ сирати некӯ бувад.
Одамӣ аз одамиён ӯ бувад [20, с. 840].

Бедил дар қасидаи зеринаш, ки ба пайдоишу хулқу атвори инсон бахшида шудааст, ҳама чизро аз вай ва ҳар чизро маҳаку моҳияти худи одами қудсӣ шуморида, фармуда буд:

Ай шамъи базми қудс, надонам чи маҳзарӣ,
як-аз ваҳм гоҳ равшану гоҳе муқаддарӣ!
Дар чор рукни даҳр туӣ ҳайрати зуҳур,
Дар ҳафт баҳри чарх ту ноёб гавҳарӣ!
Аз ҳар тараф, ки ақли ту фаҳмид, афзалӣ!
Аз ҳар макон, ки фаҳми ту пай бурд, бартарӣ!
Ҳар ҷо нигоҳ меравад, он ҷо ту рафтаӣ!
Ҳар сӯ хаёл мепарад, он сӯ ту мепарӣ!
Кавну макон гулест ба домони ҳимматат,
Худро агар иҳота кунӣ, чархи дигарӣ!
Олам ҳама мусаххари амри замири туст!
Ай бехабар, ту аз чӣ ҳаворо мусаххарӣ [172, с.127].

Олам, ки хубу зебо офарида шудааст, барои одамони солиму камолёфта хуш аст ва инсон барои ба он муваффақ шудан бояд умри худро ба меҳнати бошуурона ва фоидаовар сарф кунад. Фақат дар зимни меҳнати муфид, ҳалол ва саъю кӯшиш метавонад, ки одам соҳиби зебоии ҳақиқӣ ва ҳусни расо гардад. Чунон ки ҳам гуфтаанд: "Одам ба туфайли меҳнати бошуурона аз махлуқоти зинда фарқ мекунад, қувваҳои табиатро ром ва ба нафъи худ сафарбар месозад, олоти меҳнат ва истеҳсолот офарида, қобилият, маҳорату донишашро равнақ дода, бо ҳамин ривоҷу равнақи ҷамъиятро пешбинӣ менамояд. Қобилияту маҳорати инсон дар протсеси меҳнат вусъат меёбад" [184, с. 85].

Ҳамин тавр, мафҳуми «меҳнат» низ дар таълимоти Ибни Туфайл на фақат маънои тарбиявии ахлоқӣ, балки мазмуни эстетикӣ пайдо мекунад. Ибни Туфайл чун Форобӣ амалиёти таҷрибавии инсонҳоро, ки барои ба зебоиву саодати ахлоқ ва инкишофу рушди он ноил шудан равона шудааст, амалиёти ба ташаккул расонидаи меҳнат медонад. Лекин, бояд қайд кард, ки «Ҳусниётро хосияти абадӣ ҷудонашавандаи табиат донистан мантиқан ва таърихан хатост, модом ки кайфияти ҳаловат гирифтан аз он вобаста ба натиҷаи тараққиёти ҷамъият аст» [167, с. 137].

Манбаи эҳсосоти эстетикии субъективӣ худи табиат набуда, балки навсозии табиат аз тарафи инсон, раванд ва самараи эҷодиёти эстетикӣ дар меҳнат ва ба ҳамон таҷрибаи гуногуншакли ҷамъият ва таърихи он вобастагӣ дорад. Моҳияти инсонро чӣ аз ҷиҳати назарӣ ва чӣ амалӣ мушаххасонидан зарур аст, то ки аз як тараф, ҳиссиёти одам ошкор шавад, аз тарафи дигар ҳиссиёти инсониро офаридан лозим аст, ки ба тамоми боигарии моҳияти одамию табиат мусоидат карда тавонад. Инсон аз манзараҳои дилрабои табиат, хониши мурғону рафтори зебандаи гуногуни ҳайвонот бо адлу заковаташ ва эҳсоси бошууронааш ҳаловат бурда, лаззат мегирад. Ҳиссиёти эстетикӣ, шавқу завқ, диди назар - қобилияти дар таҷриба санҷиданашуда, ҷанбаи модарзодии инсон нест. Онҳо шаклҳои махсуси таърихан ташаккулёфта ва инкишофёфта аз натоиҷи субъективии амалан аз худ кардани воқият мебошанд.

Мушобеҳоти сеюм тақозо менамоянд, ки қаҳрамони рисола – «Ҳай ибни Яқзон» ба хотири идроки Худо худро аз ҳама чизҳо канор гирифта, фикру хаёлашро ба сӯйи он мутаваҷҷеҳ месозад. Ба қавли Ибни Туфайл одам фақат ба шарти халал, нарасонидани барангезандаи берунӣ худоро дарк хоҳад кард. Ин андеша дар бисёр маврид ба ақидаи мактаби файласуфонаи Афлотун қаробат дорад. Чунон ки ба фикри Афлотун «Майна дар ҳолате мутавозин кор мекунад, ки ба узвҳои сомеаю босира ягон чизи беруна халал нарасонад», яъне ба қавли файласуф «Агар руҳ онро тарк карда, худаш танҳо монад» [132, 370].

Ибни Туфайл монанди дигар орифону мутафаккирони Шарқ маҳаки асосии назариёти хеш моҳияти ишқи зеиописанд ва айни висоли “Ҳақ”-ро медонад ва ноил гардидан ба висолро, яъне маърифат кардани Худоро ҳам аз нуқтаи назари тасаввуфӣ ва ҳам аз зовияи дидгоҳи ирфонӣ ба мушоҳида мегирад ва эзоҳ медиҳад.

Лекин дар андешаи ӯ баъзе тамоюлоти ратсионалӣ ва мистикӣ низ дида мешаванд ва ин ду навъ аз назари Ибни Туфайл бо тасаввуф албатта умумияти зиёд доранд. Ӯ ба тавассути миститсизм дар ҳама чиз маънои асосӣ - ботиниро ҷуста, онро бо моҳияти фавқуттабиа - Худо айният медод. Ибни Туфайл боварӣ дошт, ки инсон бо ақлу дониши худ на фақат қувваҳои табиатро, балки Худоро

низ дарк хоҳад кард ва ин ақидаи ӯ моҳияти ирфонии «ваҳдати вуҷуд»-иро низ метавонад ҷонибдорӣ кунад.

Мувофиқи тасаввуроти динӣ ва тамоми сарчашмаҳои ирфонӣ, сароғози ҳамаи некиҳову таҷассуми некӯкорӣ Худо мебошад. Бинобар ин, дин чунин мешуморад, ки кас чӣ қадар ба Худо эътиқоди зиёд дошта бошад, Худо ҳамон қадар бештар ба ӯ хислати нек ато мекунад, яъне некӯкор касест, ки пеш аз ҳама фармудаи Худову расулро бо ҷидду ҷаҳд, нуқта ба нуқта ва бе чуну чаро ва бо итоат ба иҷро мерасонад, дар ҳамаи маросимҳои динӣ иштирок мекунад, ба масҷид меравад, буду шуди худро ба ҳаёти он дунёӣ, охират ва саодати абадӣ, ки ин оқибат дар асл барои инсон ҳанӯз кашфношуда боқӣ мемонад ва ба қавли Хайём «Маълумам шуд, ки ҳеч маълум нашуд», анҷом мегирад, бо бовару эътимод гироиш мекунад.

Дар ин радиф Абдурраҳмони Ҷомӣ аз назаргоҳи ҷаҳонбинии хеш метавонад як нафар мутафаккири идеалист бошад ва аз ин ҷост, ки ба ирфон ва равияи бештар нақшбандияи тасаввуф майлу рағбат дошт, ба таълимоти ирфон ва тасаввуф эътиқод ҳам эътиқоди қавӣ дорад, вале ӯ ҳаёти реалиро тараннум намуда, ҳалли тамоми корҳоро ба тариқи қувваи илму дониш нисбат медод ва ба тавоноии қудрату хиради инсон дар ҳалли тамоми мушкилот бовари комил дошт. Бинобар ин Ҷомӣ дар мавриди азхуд намудани маърифати таълимоти тасаввуф, омӯхтани донишҳои илмиро бештар дар осори гаронмояи хеш талқин намуда, аз ҳар ҷиҳат ба он даъват мекунад, ки илму дониш дар натиҷаи таълим ба даст оварда мешавад ва мақсаду маром ва вазифаи тарбия низ аз дидгоҳи ӯ дар ба камол расонидани инсон иборат аст ва ин ақидаҳои ӯ ҳамоно бо андешаҳои Ибни Туфайл, ки дар «Ҳай ибни Яқзон» ба кор мебарад созгор мебошанд.

Месазад ки ҳамчунон ин мақсади Ибни Туфайлро дар мавриди қаҳрамонони асараш ба мулоҳиза гирем. Аз ин, ки: “Танҳо ду масъала ӯро ба ҳайрат меоварданд. Аввалан, чаро Асл аз шарҳи маъмулии Хақ худдорӣ намуда, принсипҳои фалсафию ахлоқиро истифода мебарад? Сониян, барои чӣ ӯ дар масъалаи риояи қоидаю қонун ба анъанаҳои расмӣ ва дин такя мекунад?

Моликияти шахсӣ ва озодии истеъмол бо кадом мақсад иҷозат дода шудаанд? [64, с. 360]. Албатта, мақсад шинохти маърифати инсон дар ҷомеа буда, ин ҷо дар шуури Ҳай нисбат ба ҳамватанонаш дилсӯзию ҳамдардӣ ҷой гирифтааст. Чунон ки ӯ қарор дод, ки ба одамон роҳи ҳақиқатро нишон диҳад. Бо ҳамин ният вай бо дӯсти худ Асл ба ҷазираи маскуни одамон раҳсипор шуд ва роҳравон ба худ меандешид, ки агар одамон ҳақиқати ҳодисаро фаҳманд, аз чизи арзиш бояд даст кашанд.

Албатта, дар шароити қафомонда ва гирифторӣ бо афкори муттаассиби мамлакатҳои қафомондаи Шарқ маорифпарварон имконият надоштанд, ки аҳамияти илму донишро дар тараққиёти ҷамъият дуруст нишон диҳанд ва ба роҳ монанд, аммо даъвоҳои ҷасуронаи ин зумраи равшанназар ва аҳли илм барои омӯзиши давраҳои мухталифи таълиму тарбия ва бахусус равнақ бахшидани илми педагогикаи муосир аҳаммияти бағоят бузурги таърихӣ дошта, марҳилаи ногузири тарққиёти ҷамъиятиро ташкил медиҳанд ва барои болои кор овардани ақидаҳои нави таълимиву тарбиявӣ бо муқоисаҳои дастовардҳои дирӯзу имрӯз мусоидат мекунанд ва роҳи фардоро дар арсаи ин илм равшантар месозанд.

## 1.2. Сарчашмаҳои асосии таълимоти педагогӣ ва меъёрҳои тарбиявии мутафаккирон

Ибни Сино, аз зумраи он мутафаккиронест, ки назарияи таълимоти хешро дар асари худ “Ҳай ибни Яқзон” бар асоси равияҳои ирфонӣ асос гузошта, дар заминаи нишон додани хисоли покиву иффат ва хулқи ҳамидаву некӯи инсоният ҳамеша бар адли Худо рӯ меорад ва ин амрро моҳияти таваккул мешуморад ва мефармояд, ки бояд инсони худшинос ва худошинос барои ба камол расонидан ба ин тариқ ба шиносонидани расидан ростон ҳидоятгар бошад.

Мувофиқи таълимоти Ибни Сино шахс, новобаста аз анъанаҳои ҷамъиятӣ, ба воситаи дарки амиқ бо ёрии ваҳйи Илоҳӣ ба қуллаҳои маърифат

расида метавонад. Чунон ки аз ақидаҳои ӯ бармеояд, танҳо рух моҳияти Ҳақ буда, узвҳо восита мебошанд.

Ӯ дар бораи ваҳдати тамоми насли инсонӣ изҳори ақида намуда, олами мавҷуд ва фалакро ба вуҷуди зинда шабоҳат дода, тибқи назариёти ирфонии хеш сабабгори ин ҳама мавҷудият нерӯйии фавқуттабиат, яъне Худоро қоил аст, ки оламро ҳифз намуда, ба ҳаракат меорад. Ин мабдаи фоил на ҷисм ва на қобилияти ҷисм, балки шаклдиҳандаи олам мебошад. Аммо дар байни ин ҳама ашколи офаридаи ӯ одам фарқкунанда намоён мегардад, ки соҳиби ақлу заковат аст ва дар бораи донишҳои худ фикр карда, зеҳни худро дарк ва ба ҷовидонии он боварӣ ҳосил мекунад.

Бологирии ин дарку эҳсос аст, ки одам бо маърифати назарии хеш дар шинохти Худо қонеъ нашуда, мақсади асосии худро дар муроқабаи бевосита ба Худо дарёфт менамояд. Ниҳоят барои расидан ба мақсад, ба тавассути таамуқ ҷустан ба таълимоти Қуръон наздик мешавад. Яъне ба қавли Ибни Сино, маърифати Ҳақ (Худо) ҳам бо роҳи дин ва ҳам бо Синои тааммуқ дар илми фалсафа имконпазир аст. Ин нуқтаи таълимоти Ибни Сино ба назарияи ҳақиқати дугонаи Ибни Сино ва Ибни Рушд фарқкунанда буда, бо онҳо рақобат дорад.

Ақидаҳои педагогӣ ва иҷтимоии Ибни Сино, чунон ки аз ин асари фарогири ӯ бармеояд, роҷеъ ба адлу инсофу футувват бештар нигаронида шуда, офаридани тасвири подшоҳи одилу оқил дар он, ба монанди подшоҳони дар тахайюл офаридаи Низомии Ганҷавӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ ва дигар классикони адабиёти тоҷику форс, хаёлист.

Подшоҳи офаридаи Ибни Сино, намунаи ибрат ва мутааллим аст, ки назири он дар ҷамъияти феодалӣ дучор намешавад. Вале агар ба таърихи давлатдории халқҳои Эрону Арабистон ва умуман Шарқи исломӣ назар афканем мебинем, ки баъзе ҷиҳатҳои таълимоти ӯро дар шароити асрҳои миёна дар амал татбиқ намудаанд. Чунончи, дар аҳди Шамсуддавла, Абубакр, султон Санҷари Салҷуқӣ ва ғайра вазиру котиби давлатӣ шудани Ибни Сино, Ибни Боҷа, Низомулмулк ва дигарон, далели равшани ин даъвост.

Ҳамчунин дар дарбори баъзе амирон олимони зиёде гирд омада буданд, ки ба тавассути ақлу дониш ва қобилияти ташкилотчигӣ дар инкишофи иқтисодиёту маданият ёрии амалӣ расонидаанд. Чунончи, султон Маҳмуди Ғазнавӣ ва Алоуддавла дар аснои ҳалли масоили девондорӣ ва ҳарбӣ аз маслиҳати Абулқосим Фирдавсӣ ва Ибни Сино баҳраманд шудаанд.

Пас нақши таълиму тарбия ва нуфузи олимон дар идораи давлат ва ҷорӣ намудани қонунҳои сиёсӣ, пешрафти истеҳсолоту маданият хеле бузург аст. Аз ин лиҳоз суханони дар ҳаққи Абӯнасри Форобӣ гуфтаи профессори маҳрум М. Баҳоваддиновро ба Ибни Сино низ нисбат додан мумкин аст ва ин аст, ки мегӯяд: «Утопия (хаёлнигори)-и… Форобӣ воқеънопазир аст. Вале баъзе нишонаҳои онро, ки дастгоҳи давлатиро такмил медиҳанд, Сомониёну Фотимиён қисман амалӣ гардондаанд. Онҳо дар аснои офаридани қонунҳо уқалоро истифода мекарданд ва қабл аз он ки ин ё он тадбири муҳимро андешанд, ба маслиҳати эшон муҳтоҷ буданд» [3, с. 102].

Дуруст аст, ки агар ҳоким талаботи ҷамъиятро надонад, чораҳои иқтисодӣ ва сиёсии худро низ бомуваффақият ба амал бароварда наметавонад. Муаллим пеш аз он ки кӯдакро тарбия кунад, аввал ӯро меомӯзад. Духтур ҳам қабл аз муолиҷа сабаби бемориҳоро ташхису муайян менамояд. Вале агар онҳо аввал кӯдаку бемориро наомӯзанд, кӯшишашон натиҷае намебахшад. Ин «монанди захме мебошад, ки зоҳири онро ислоҳ ва мултаим бинамоед, вале дар ботин чирк боқӣ бимонад. Ин чирк пас аз муддате қувват ёфта… пӯстро пора карда, дар ҷилави чашм намоён мегардад» [170, с.104]. Подшоҳ низ қабл аз идораи мамлакат бояд ҳақиқату моҳияти онро дарк ва мулоҳиза кунад.

Аҳмади Дониш дар бораи мақоми инсон изҳори андеша карда, пас аз пайғамбару авлиё подшоҳонро дар ҷои дуюм мегузорад, зеро онҳоро худи Худо аз миёни халқ ба мазиди ихтисос баргузида, фармонраво гардонидааст. Аҳмади Дониш адлу инсофро шарти подшоҳӣ, савобу салоҳи кори салотинро салоҳу савоби ҳаёти халқ мешуморад ва ҳамчунин фасоди ҳокимону фармонравоёнро фасоди ҳоли кулли раият ва мамлакат маҳсуб медонад.

Дар Қуръони маҷид оид ба адлу инсофи ҳокимону амирон ва ба ростиву ҳақ ҳукм кардани онҳо борҳо таъкид шудааст: "Ҳамоно Худо амр мекунад шуморо, ки бидиҳед амонатҳоро ба соҳибонаш ва мефармояд, ки ба ростиву ҳақ ҳукм кунед, чун ҳоким шавед миёни мардумон ва ба некӯтарин чиз панд медиҳад шуморо ва яқинан Худо шунавову биност" [4, 58].

Саъдии дунёдидаву росткору ростгуфтор дар тарозуи хиради оламгири худ ин нуктаро санҷидаву баркашида гуфтааст:

Ростӣ мӯҷиби ризои Худост,

Кас надидам, ки гум шуд аз раҳи рост [155, с.26].

Ин ояи маъруфи Қуръони карим ба амалдорон, пешвоён ва амирон бо таъкид мурочиат мекунад, ки: "... Адл кунед, зеро адл наздиктар аст ба тақво ва битарсед аз Худо. Ҳамоно Худованд огоҳ аст ба кирдори шумо". (5, 8).

Мутафаккирони барҷаста Унсурулмаолии Кайковус низ дар ин маънӣ овардааст: "Ва раият ба адл тавон дошт ва раият ба адл ободон бошад, ки дахл аз раият ҳосил мешавад. Пас бедодро дар малакат роҳ мадеҳ, ки хонаи маликон аз дод барҷой бошад ва қадим гардад ва хонаи бедодгарон зуд нест шавад, аз баҳри он ки бедод вайронӣ ва ободонӣ бар дод бувад ва вайрони ба бедодӣ, зуд вайрон шавад" [178, с.162].

Дар ҷои дигар сарвари одилро маҳбутарин инсон дар назди Худованд медонад: "Ҳароина маҳбубтарин инсон нисбат ба Худованд дар рӯзи қиёмат ва бо нишастгоҳи худ наздиктаринашон нисбат ба ӯ имом (сарвар)-и одил аст ва бадтарин инсон нисбат ба Худованд дар рӯзи қиёмат ва оне ки дар сахттарин азоб аст, имом (сарвар)-и золим аст". Ва Худованд молики ғойиб аст ва бар амри ақоиди ирфонӣ аз ғайб ваҳй мерасонад, ки бештар ақидаи аҳли тасаввуф ва ирфон низ бар ин равона шудааст. Чунон ки назири ин иддаоро дар осори Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ ба сароҳат мебинем. Ин ки мегӯяд:

Нафси ту то масти нуқл асту набид,

Дон, ки руҳат хӯшаи ғайбе наҷид [112, с. 509].

Чун подшоҳ ба фармони Худо бо ин унвон таъин мешавад, аз ин лиҳоз бояд бо риояти адолат ба мардум ҳукумат кунад ва мардумро ба саодат

бирасонад. Аммо ин кор дар мақоми амал бисёр мушкил аст. Зеро подшоҳ наметавонад ба танҳоӣ ба кишвари худ назорат кунад ва онро аз газанди душманони хориҷӣ ва дохилӣ нигоҳ дорад. Бинобар ин, ӯ бояд афродеро, ки аз итстъдод ва тавоноии кофӣ бархурдоранд, ба унвони намояндагони худ ҷиҳати анҷоми умури ҳукуматӣ таъин кунад.

Абӯҳомид Муҳаммади Ғазолӣ (1058-1111) дар "Насиҳат-ул-мулук" фармудааст: "Ободонӣ ва вайронии ҷаҳон аз подшоҳон аст, ки агар подшоҳ одил бувад, ҷаҳон ободон ва раият эмин бошад, чунон ки ба вақти Ардашер ва Фаридун ва Баҳроми Гӯр... Ва чун подшоҳ ситамгар бувад ҷаҳон вайрон шавад, чунон ки ба вақти Заҳҳок, Афросиёб ва монади эшон... Мардумон ба ҷавру ситам рой надоранд ва ба вилояти дигар шаванд ва шаҳрҳо вайрон шавад ва подшоҳӣ ба нуқсон афтад ва дахл кам шавад ва ганҷ тиҳӣ гардат ва айш бар мардумон бемазза гардад ва раият подшоҳи ситамгарро дӯст надорад... Ҳар гоҳ ки султон ҷавр кунад, ноэминӣ падид ояд, ҳарчанд неъмат бисёр бувад, дар эминӣ бар эшон падид ояд ва хушгуворанда бошад [113, с.34].

Ҳар кӣ шоҳ он кунад, ки ӯ гӯяд,
Ҳайф бошад, ки ҷуз накӯ гӯяд [155, с.12].

Аҳмади Дониш (1826 - 1897) робитаи зичи подшоҳ, лашкар ва раиятро асоси ободонии кишвар ва пешрафти он мешуморад. Подшоҳ бо вуҷуди халқ аз сипоҳ ва раият муҳтоҷ аст, то зару мол гирд орад – ва он бе ободонӣ муяссар нагардад [38, с.114].

Аҳмади Дониш салтанатро ба шахсе монанд мекунад, ки дар тахт нишастааст. Ин тахт адолату инсоф аст, ки чаҳор поя дорад: сипоҳ, раият, зар ва об. Аз ин чаҳор поя яктоаш нуқсон пайдо кунад, он сеи дигар номустаҳкам мешавад, асоси тахт аз ҳам ҷудо шуда ва қисмҳои он дар натиҷаи ноустуворӣ ба ҷунбиш меоянд, салтанат меафтад ва то он, ки нобуд нашавад, кор ба зулм мерасад. "Лоилоҷ, ки сипоҳ бе зар наистад, зар бе раият ҳосил нашавад, раият бе об зар надиҳад, об бе ҳукм ва амр наёяд, лобуд сипоҳро ба зур кор фармоянд ва мол аз раият ба зулм ситонанд, ба андак муддате харҷу марҷ дар... мулк

ҳодис шуда, аз он салтанат осор намонад, илло бадномии дунёву охират” [38, с.115].

Сулҳпарварии султон яке аз сифатҳои муҳим ва адли ӯ аст. Вай бояд хусумати байни қавмҳоро аз байн барад ва дар ин ҷода таъхир накунад, зеро хусумат метавонад тадриҷан ба адовати халқ мубаддал гардад. Дар байни ду тараф сулҳ ворид кардан ва ваҳдати мардумро нигоҳ доштан зарууртарин вазифаи сарвари кишвар аст. Амир бояд дар ин ҷода намунаи ибрат гардад, то халқ пайравӣ ӯ бошад. “Оммаи халқ дар салоҳ ва фасод тобеи ҳоким ва подшоҳанд, - менависад Аҳмади Дониш, - агар ҳокимро бар наҳҷи салоҳ бинанд, ҳама дар салоҳ рағбат намоянд... ва агар аз ӯ фасод мушоҳида кунанд, ҳама дар шурур ва фуҷур кӯшанд..." [38, с.144].

Ҳамеша ростгӯй бош, валекин камгӯй ва камханда бош, то кеҳтарон бар ту далер нашаванд, ки гуфтаанд: “Бадтарин коре подшоҳро далерии раият ва бефармонии ҳошият аст ва атое, ки бибояд, ба мустаҳиқон нарасад” [9, с. 43].

Агар ту пир бошӣ, зишт бошад, ки ҷавоне мудаббире пир бошад. Ва агар ту ҷавон бошӣ ва вазир ҷавон, бар оташаи ҷавонии ҳар ду малакат сӯхта гардад. Ва дигар, вазир бояд, ки беҳирӯйи бошад ва пир бошад, ё миёнсол ва тамомқомат ва қавитаркиб ва бузргшикам, ки наҳифу кӯтоҳқомату сиёҳришро ҳеҷ шукӯҳе набошад, вазир бояд, ки бузургриш бувад» [178, 198].

Танқиди феодализм, тарғиби илму фан, ғояи подшоҳи одил, муовинат ва дӯстии халқҳо, ки дар асарҳои Ибни Сино, Ибни Сино ва дигар мутафаккирон аҳди пешин то кунуни Шарқ омадаанд, дар инкшофу такомули ҷаҳонбинии донишмандони Ғарб низ таъсири бузург расондаанд.

Ақидаҳои сиёсии Ибни Сино дар таҳти таъсири таълимоти Арасту, Форобӣ, Ибни Сино ва дигарон ташаккул ёфтаанд. Масалан Форобӣ андешаҳои худро дар асари “Мадинат-ул-фазилат” бо қаҳрамонони ормонии хеш ифода карда аст, ки ин ҷо бо ёдоварӣ зикр намудани баъзе ҷиҳатҳои мушатараки онҳо мувофиқи мақсад аст:

1. Ибни Сино, чун Форобӣ, ба сарвати зиёд муқобил бошад ҳам, ба ҳеҷ ваҷҳ моликияти хусусиро инкор накардааст;

2. Ӯ, мисли Форобӣ ба ҷанг муқобил буда, пайрави меҳнати осоишта ва ҳалол аст. Ба андешаи Ибни Сино, агар ҳамаи одамон ба меҳнати софдилона машғул шаванд, ҳар гуна ҷанг аз байн бардошата хоҳад шуд. Аз ин рӯ, ӯ одамонро ба ҷанг не, балки ба бародарию дӯстӣ ва меҳнат даъват кардааст;

3. Ибни Сино монанди Форобӣ таълим додааст, ки ба сари ҳокимият бояд марди оқилу олим қарор гирад, ки тамоми илмҳои дунявӣ ва диниро аз худ карда бошад.

Вале дар байни ақидаронихои Ибни Сино ва Форобӣ баъзе ҷиҳатҳои фарққунанда низ ба назар мерасанд. Чунон ки:

1). Форобӣ дар масоили иҷтимоию сиёсӣ системаи возеҳро молик буда, дар он аз оддитарин то бузургтарин ҳодисоти ҷамъиятӣ, мисли давлат, сиёсат, раёсат ва ғайраро таҳлил кардааст. Бинобар ин Форобиро дар ҷамъиятшиносӣ ва Ибни Синоро бо бартарияти том дар улуми тиббу фалсафа маъруф номидан ҷоиз аст:

2). Форобӣ афкори иҷтимоию сиёсии хешро бевосита, монанди дигар файласуфони номбурда ва умуман классик, яъне бо ёрии панду насиҳат, ифода кардааст;

3). Ақидаҳои Форобӣ роҷеъ ба шаклҳои иттиҳоди одамон ва касбу корҳои онҳо мукаммал аст. Ба андешаи ӯ, аввалин шакли иттиҳодияву муттаҳидии одамон деҳот ва баъд шаҳр аст. Аммо, ба ақидаи Ибни Сино нахустин заминаи иттиҳоди ҷамъиятро деҳ ё шаҳр не, балки оила ташкил медиҳад, ки ин фикр аз нуқтаи назари илми ҷомеъашиносӣ ва педагогикаи таълимӣ нисбатан амиқтар ба назар мерасад;

4). Ба гуфти Форобӣ, инсон пеш аз ҳама бояд моҳияти худоро идрок кунад. Вале Ибни Сино гуфтааст, ки ӯ бояд қабл аз ҳама хешро маърифат намояд. Зеро агар вай худро маърифат кунад, Худоро низ шинохта метавонад;

5). Форобӣ мардумро асосан ба гурӯҳҳои мутасовӣ, ҳокимон ва тобеъон ҷудо намуда, муносибати онҳоро дар асоси хусусиятҳои ахлоқӣ муайян кардааст. Вале аз дидгоҳи Ибни Сино, касе, ки назар ба дигаре болост, ҳоким ва касе аз ӯ поён, тобеъ мебошад.

6). Дар асарҳои Форобӣ дар бораи оила, зану фарзанд ва хидматгузорон хеле кам сухан меравад. Вале дар ақидаҳои иҷтимоӣ ва сиёсии Ибни Сино ва Ибни Сино ин яке аз масъалаҳои асосист.

Фалсафаи Ибни Сино танҳо зикри ин ё он системаи фалсафӣ нест, балки дорои масъалаҳои муҳиме мебошанд, ки зимни далелҳои қавӣ ба тарзи мукаммал таҳлил мешаванд. Таълимоти мутафаккирон бар пояи принсипҳои идеализми объективӣ устувор аст.

Ибни Сино ҳамчун идеалисти объективӣ идеяро моҳият ва мабдаи чизҳо мешумурд. Ҳастии ашёи олами беруна бемавҷудияти идеяҳо, ки ба иродаю шуури одамони ҷудогона вобаста нестанд, аз назари ӯ ғайриимкон мебошанд. Ба қавли Ибни Сино идеяҳо ба таври реалӣ вуҷуд дошта, моҳияти ашёи моддиро муайян мекунанд. Мутобиқи муқоисаҳо ба хулоса расидан мумкин аст, ки дар фалсафаи идеалистии Афлотун идеяҳо тимсоли беҳаракати олами ҳиссӣ мебошанд.

Ба қавли муаллифони зиёде, Ибни Сино дар рисолааш масъалаҳои ахлоқиро таҳқиқ намуда, одами берун аз ҷамъият ташаккулёбандаро фақат аз рӯйии хислатҳои ботиниаш тасаввур кардааст. Вале мақсаду мароми ӯ, назар ба он чӣ ки тадқиқотчиёни Ғарбӣ гумон бурданд, басо амиқ ва доманадор аст, ки ниёз ба кашфу кушоиш ва таҳлил доранд, зеро масъалаҳоеро дар бар мегиранд, ки қобили таваҷҷуҳанд.

Дар зимни таҳлил ва таҳқиқ мо дар назди худ мақсад гузоштаем, ки ба чунин савол ҷавоб ёбем,-Оё одам қодир аст, ки қувваи идроку хулқи худро пурра инкишоф дода, муҳити зистро дар таҷрибаи хеш мустақилона дарк намояд?

Шарқшиноси машҳур Эрнст Ролан дар хусуси ин асари пурқимати Ибни Туфаул мегӯяд: «Дар байни тамоми ёдгориҳои фалсафаи араб, шояд ягона асаре бошад, ки барои мо на фақат аҳамият таърихӣ, балки аҳамияти калони тарбиявӣ ҳам дорад» [179, с.65].

Матлаби рисола тавсифи консепсияи бахту саодат аст, ки дар таълимоти ахлоқи Ибни Сино мавқеи марказӣ дорад. Оид ба ин масъала ақидаҳои гуногун

вуҷуд доранд, масалан баъзе идеалистон бо назари объективӣ, бисёре аз орифони замони Ибни Сино ва дигар замонҳо, аз он ҷумла Афлотун, мефармоянд, ки дунёи ҳақиқӣ ва саодати ҳақиқиро дар рӯйии замин ҷустуҷӯ намудани маънӣ надорад. Инсон ба он танҳо дар он дунё, дар биҳишт, дар олами ғояҳо ноил шуда метавонад. Аз ин рӯ саодат на ба ҳама балки танҳо ба ҳамонҳое муяссар мегардад, ки ба олами ботин ва ё биҳишти адн ва тақдири азалӣ боварӣ дорад. Чунин идеяҳо ба мақсади тарбияи ахлоқии умумиинсонӣ мазмуни нав дода, ҳадафҳои эътиқодиву мазҳабии онро низ матраҳ мегардонанд. Аммо аз назари бархе аз мутафаккирон ин назариёт дар роҳи инкишофи худтакмилдиҳӣ, худфаҳмии оммаи мазлум, худшиносии инсон ба умум монеа буда, одамро аз ҳар гуна мустақилият маҳрум сохта, садди роҳи фаъолияту амали ҳаётии ӯ мегарданд.

Дар ҳамин гуна муҳити маънавӣ Ибни Сино ахлоқи инсони «накӯкор»-ро тарғиб ва қобилияту ақлу заковати ӯро ситоиш мекард. Вай ба саодати ондунёӣ, саодати реалии ҳаётиро муқобил нагузошта бошад ҳам, аммо инсонро ба роҳи ҷустуҷӯи доимии худинкишофёбӣ, худтакмилдиҳӣ, бунёди ҳаёти хуррам, омӯхтани илму дониш, даъват мекард. Мутобиқи таълимоти ӯ, саодат на фақат дар он дунё, балки дар ин дунё ҳам вуҷуд дорад ва ӯ саодати ин дунёи гуфта, ҷустану пайдо намудани хайру некиро дар назар дорад.

Ақидаҳои ахлоқии Ибни Сино характери натуралистона дорад. Он ба имконияту қобилияти инсон ва накӯкорӣ эътимод доштанро талқин мекунад. Ибни Сино саодатро бо ҳаёти воқеъӣ марбут мешумурд, ки ин мухолифи ақидаҳои догматикӣ ва шахшуда буд.

Файласуф таъкид мекард, ки: «Ҷасади одам бемақсад офарида нашудааст. Аз ин рӯ, вай бояд онро ҳамеша тоза ва беолоиш нигоҳ дорад. Аз рӯйии таъкиди Ибни Сино ҷасадро руҳ ба ҳаракат меорад. Одаме, ки аз ғаразу дилбастагии ҷисмонӣ раҳо ёфтаасту ба ҷавҳари пок пайвастааст, бемуболиға ба камолоти маънавии хеш мерасад. Такомули маънавии одам заминаи идроки Худо мегардад. Изҳори чунин ғоя дар шароити асрҳои миёна нақши басо

рушддиҳанда бозида, қадру қимату манзалати инсонро боло мебардошт» [6, с. 87].

Аз андешаҳои Ибни Сино чунин бармеояд, ки инсони комил ва маданӣ нисбат ба ҷамъияту табиат ғамхор, меҳрубон ва масъулиятшинос бошад. Ӯ талқин мекунад, ки инсон ба муҳиту атроф, ҷонибу сӯй бояд «бо чашми хирад», бо назари бориксанҷ нигарад, ба назокату ҳусни табиат, ба бахшиши табиат эҳтиёткор ва ғамхорӣ зоҳир намояд. Ин гуфтаҳои мутафаккирон хусусан дар замони мо хуб садо медиҳанд ва мувофиқи мақсад буда метавонанд.

Абулқосим Фирдавсӣ, дар тарбияи ҳисси зебоипарастӣ таваҷӯҳ зоҳир карда, зебогии асил, зебогии ботинии инсон – маънавиёти ӯро бештар тавсиф мекард. Ин масъала дар муколамаи Пирону Сиёвуш оиди зебогии ботинии Фарангис инъикоси ҳақиқии худро ёфтааст:

Фарангис беҳтар зи хубони ӯй,
Набинӣ ба гетӣ чунон рӯю мӯй,
Ҳунарҳову дониш зи андоза беш,
Хирадро парастор дорад ба пеш [34, с.71].

Дониш, ки натиҷааш ба далолати зебоишиносии инсон низ қодир мебошад, дар ислом вазифа ва шарафу эътибори инсон маҳсуб меёбад. Тамоми умр ӯ бояд илму дониш ва маърифат омӯзад. Лозим ба ёдоварист, ки тибқи таълимоти ислом, ҳар як мусулмон дар давоми зиндагии худ бояд мутолиа кунад, зеро фармони Аллоҳ чунин аст. Шореҳони ислом зарурати омӯзиши тиб, ҳандаса, нуҷум ва дигар илмҳоро ба таъкид овардаанд. Ҳанӯз дар давраҳои қадим мегуфтанд, ки “ҳар кӣ илм омӯхту амал накард, ба шахсе монанд аст, ки кишт карду ҳосил набардошт”. Касбу ҳунар ҳам дар ин замина аз дастовардҳои инсон ба шумор мераванд.

Ҳамин тариқ, ақидаҳои эстетикӣ ва зебоипарастонаи Ибни Сино низ бар ин асос замина доранд ва ҳам ба ақидарониҳои орифоне монанди Саъдиву Ҳофиз ва дигар пасовандони олами илму адаб роҳро мустақим ва ҳамвор намуда, панд гирифтаанд, ки инсон бояд ҳаматарафа ва аз ҳар ҷиҳат зебо бошад.

Аммо ин гуфтаҳо ҳамчунон метавонанд далел бошанд, ки зебоии инсон на фақат бо сурати зоҳирии ӯст, балки асли зебоии инсон баракс ба сирату хулқу рафтору кирдору гуфтор, ба отифоти ботинии ӯ бештар марбутанд. Ва танҳо сайри инсон дар олами авотифи ботинии ӯ метавонад ӯро дар шинохт ва рӯнамоии зебоии асл комгор гардонад. Чунон ки инсон ба тариқи “сайри берунӣ”-и хеш, танҳо метавонад, ки суратбин ва ё зоҳирнамову зоҳирбин бошад, аммо дар амри ворид шудан ба олами ботинии хеш метавонад зебоии аслро ба тамошо гирад. Тавре ки Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ дар “Маснавии маънавӣ” ба далел ва таъкид барои панди инсоният мефармояд:

Сайри берунист қавлу феъли мо,
Сайри ботин ҳаст болои само [112, с. 30]!

Дар иртиботи ҳамназарии аҳли мутафаккиронин бо Ибни Сино зиёд метавон сухан гуфт, аммо ба афзалият бояд афзуд, ки ҷанбаҳои фарққунандаи ақидаҳои ин нобиғаи илму ирфон ба тариқи осори гаронбаҳояш, чунон ки дар муқоиса бо осори дигар маърифатандешони адабиёти классикии форс-тоҷик ба мушоҳида гирифтем, иборат аз тарбия ва инкишофи дигар сифатҳои ахлоқиву инфиродии инсон, амсоли хушахлоқиву заковату бекинагиву поктинатӣ, мардонагиву ҳақиқатҷӯӣ, далериву шуҷоат, некманишӣ ва ғайра буда ва ба ин сифот эътибори ҷиддӣ ва дар заминаи таълиму тарбия худро собитқадам нишон додан ба шумор аст. Ӯ нишони марди ҳақиқиро на дар зӯри бозӯ ва кӯрдилӣ, балки дар ботамкинӣ, нигоҳ доштани нафс, ба он ғолиб омадану худдорӣ карда тавонистан, нишон медиҳад.

## 1.3. Моҳият ва ҳамбастагии назариёти мутафаккирони форсу-тоҷик дар муқоиса бо назарияи инсондӯстӣ ва худшиносӣ

Яке аз роҳҳои дуруст, устувор ва эътимодбахши тарбияи ахлоқии шаҳрвандон омӯхтани мероси ниёгон, бавижа саҳифаҳои дурахшони таърих ва тамаддуни он ба шумор меравад. Аз ин ҷост, ки: “Барои фароҳам омадани

муҳити солими ахлоқӣ зарур аст, ки насли наврас таърих, адабиёт ва фалсафаи қадими халқи худро донад...” бо таъкид ба наслиояндасози кишвар қайд кардааст Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, Эмомалӣ Раҳмон [143, с.17].

Нақши таълиму тарбия аз қадимулаём, дар ҳама давру замон барои тавсеа бахшидани худшиносӣ ва ташаккули шахсияти ҷомеаи башарӣ барозанда, муҳим ва созгор буд. Зеро инсоният танҳо тавассути омӯхтани афкори таълимии ниёгон метавонистанд, ки ба фарзандону наздикони хеш тариқи ростиву худшиносӣ ва расидан ба камоли шахсро ҳидоят намоянд.

Яке аз мутафаккирони бағоят шинохташудаи тамаддуни гузаштаи мо, чунон ки дар боло тазаккур доштем, Ибни Сино мебошад. Мазмуну мундариҷаи осори бегазанди ӯ ҷанбаҳои гуногунпаҳлӯи ирфонӣ ва таълимиро фарогир буда, бештар аз масоили сулҳ, дӯстӣ, хирад ва ғайра иборат мебошанд. Ҳамчунон маҳак ва ҷавҳари аслии ин осор ва идеяи марказии онҳоро масъалаҳои ахлоқӣ, тарбияи шахс, муттаҳидиву ягонагӣ, ватандӯстию адолатхоҳӣ, худшиносиву ватанпарварӣ ва мардиву матонату футувват ташкил медиҳанд. Барои ҳамин ҳам, боиси ифтихор аст, ки Ибни Сино ба қатори бузургмардони илму фарҳанги ҷаҳонӣ шомил буда, аз ҷумла устоди маънавии тамоми олимону мутафаккирони зиёди Шарқу Ғарб маҳсуб мегардад.

Ақидаҳои Ибни Сино бештар аз маъхазҳои таълимӣ ва тарбиявӣ, панду ахлоқӣ ва фалсафӣ иборат буда, ҳамзамон ин донишманд ва мутафаккирони башардӯст ва ватанпарвар ҳангоми тасвири воқеа ва ҳодисаҳо дар осори хеш бисёр фикрҳои пешқадами иҷтимоӣ ва ахлоқии замонро тарғиб намудааст, ки ҳоло ҳам дар тарбияи ҷавонон аҳамияти калон доранд.

Андешаҳои маърифатгароёнаи Ибни Сино дар рушду нумӯи адабиёт, санъат, маориф ва умуман тамаддуни башарӣ мавқеи ниҳоят муҳим ва арзандаро ишғол мекунанд. Инсонҳои фарҳангдӯст ақидаҳои ӯро гаштаю баргашта мехонанд ва ғояҳои маънавии онҳоро дар тарбияи насли наврас

истифода мебаранд, чунки ақидаҳои Ибни Сино аз оғоз то ба анҷом ҳама аз андарзу панду насиҳати марбут ба таълиму тарбия иборат мебошанд.

Мавзуъҳои ватандӯстию инсондӯстӣ ва дигар ақидаҳои иҷтимоиву фалсафӣ ва ирфонии Ибни Сино ба афкори ахлоқии бисёр мардумони олам таъсири амиқ расонидаанд. Намояндагони халқҳои дунё андешаҳои мухталифи тарбиявии ӯро сармашқи кори худ мекунанд.

Устодон ва тарбиятгаронро мебояд, ки дар раванди таълим ва тарбия ҳарчӣ бештар ба ақидаҳои маърифатомези Ибни Сино такя намуда ва аз хазинаи бойи ахлоқию маънавии он дар ҷараёни тадриси насли наврас дар макотиби ҳам олӣ ва инчунин ҳамагонӣ ба таври васеъ истифода барем ва кӯшиш намоем, ки савияи донишомӯзӣ, ҳунару зебоишиносии хонанадагону донишҷӯёнро бо таъсири ин андешаҳо боло бардорем ва ба ин тариқ ба онҳо сурату сирати некию некухоҳӣ ва худшиносӣ, хешогоҳӣ, адлу адолат ва покию ростиро биомӯзем.

Дар андешаву назари Ибни Сино ақидаи тарбияи шахси далеру фидокор, ватандӯсту ватанпараст, чолоку ҳушёр ва зираку доно хеле зиёд масъалагузорӣ шуда, қадр кардани шахсият ва манзалати он ба ҳайси вазифаи бузурги инсонӣ ҳам бамаврид тавсиф гардидааст.

Аммо ба истилоҳ дар ин миён мазмуну мундариҷаи андешаҳои маорифпарварона ва ирфонии Ибни Синоро наметавон аз ёд бурд, ки аз масоили сулҳ, дустӣ, хирад, ватанпарастӣ ва ғайра иборат буда, назариёти марказии онҳоро масъалаҳои пеш аз ҳама тарбияи шахс ва ба дараҷаи шахсият расонидани инсон, яъне ба камол расонидани инсон ташкил медиҳанд.

Аз ин нуқтаи назар омӯзиши ақидаҳои педагогии Ибни Сино дар асари ӯ «Ҳай ибни Яқзон» барои тарбияи насли наврас дар ҳама давру замон аҳамияти бузурги назариявӣ дошта, инсоният метавонад ба тариқи таълимоти ғояҳои он анъанаҳои муносиботи гузаштаю имрӯза ва робитаи муттасили байни ҳамдигариро муайян намояд. Ҳарчанд мутобиқи назарияи таълимоти Ибни

Сино дар замонаш ҳамеша ба муқобили қувваҳои бадӣ мубориза бурдаанд, аммо дар заминаи ин ривоёт инсоният тавонист, ки баъдҳо ба дарёфти ҳақиқати маънавӣ комгор гардад.

Ақидаҳо ва сифатҳои ахлоқии зикргардида тамоми асари мутафаккирон "Ҳай ибни Яқзон"-ро дар бар гирифтаанд, ки ӯ дар ин асар ба таври ҳидоят ақидаҳои муайяни таълимиро ба миён гузошта, ҳама паҳлӯҳои гуногуни онро ба тариқи сужаҳои мухталифи маънавӣ баррасӣ мекунад ва асли ҳақиқати бадеиро, ки манзур ба илми таълиму тарбия ва ё педагогика мебошад, мавриди таваҷҷуҳ қарор медиҳад. Бо иддао бар ин фикр метавон гуфт, ки масоили таълимӣ, аз ҷумла: тарбия, дарёфти маълумот, ҳунаромӯзӣ, дарки таъсири муҳит ба инкишофи шахсият, таҳсил ва дигар равияҳои марбут, ки ба тарзу усули таълиму тарбия равона шудаанд, сар то сари "Ҳай ибни Яқзон»-ро фаро гирифтаанд.

Ибни Сино аз зумраи чеҳраҳои шинохтаи ирфонии замони хеш аст, ки ба ин дунёи аз ҷаҳлу нодонӣ тираву тор бо ақидаҳои ахлоқии худ равшанӣ бахшидааст.

Бояд эътироф кард, ки "Ҳай ибни Яқзон" асари маърифатӣ, таълимӣ, ахлоқию фалсафист ва Ибни Сино мутафаккирон, омӯзгор ва файласуфи асил аст, ки пеши худ мақсад гузошта аст, то насли имрӯзу ояндаро ба василаи ин асар дар роҳи ростиву покиву далериву расидан ба саодат ҳидоятгар бошад, чунон ки ҳазор сол пеш бо басирати доҳиёнаи худ асосҳо ва қоидаҳои муҳимтарини илми ахлоқ ва тарбияро бо ин усул мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Ҷаҳонбинӣ ва ҳикмати нодири "Ҳай ибни Яқзон" дар заминаи тарбияи ахлоқ, таълимоти маърифат ва фалсафаи умумиинсонӣ ва умумиҷаҳонӣ асос ёфтааст, ки рӯҳбаландии маънавии Ибни Сино низ маҳз бар бар асоси ин маъно буд.

«Ҳай ибни Яқзон» хазинаи бепоёни андарзу ҳикмат аст, ки дар пеши назари хонанда аз таҷрибаи кофии марди рӯзгордида, аз донишу маҳорати ӯ, аз ҷустуҷӯйҳову омӯзишҳои мутафакир башорат дода, дастуру роҳнамои муҳим дар тарбияи ҳаматарафаи ҷавонон ба шумор меравад.

Баҳсу баррасии заминаҳои маърифатӣ ва таълимӣ-ахлоқӣ дар «Ҳай ибни Яқзон» яке аз мавзӯъҳои асосӣ буда, ҳатто мундариҷаи он бунёди муҳтавиёти ин асарро фароҳам овардааст ва хонанда бо нигариш ба тамоми паҳлӯҳои зиндагӣ аз он ибрат гирфта, панд мегирад.

Яке аз ақидаҳои педагогии муҳиме, ки ба сароғози андарзҳои таълимотии "Ҳай ибни Яқзон" шакл бахшидаанд ва назари Ибни Синоро дар ин самт диди вусъатгир додаанд, тарбияи хирад ва хирадмандӣ дар насли наврас, ҷавон ва болиғи инсонӣ мебошад. Аз ин ҷост, ки як қисмати мукаммал ва асосии ин асарро мавзӯҳои ситоиши хирад, хирадмандӣ, маориф ва илму фарҳанг, заковат бар ҳушмандиву шуҷоат, зиракӣ ва боигарии маънавӣ ташкил додааст.

Ибни Сино дар "Ҳай ибни Яқзон" нақши сухан ва хирадро баланд бардошта, накӯӣ ва накӯкориро аз беҳтарин сифатҳои ахлоқии инсони тарбиятдида мешуморад. Аз ин рӯ, ба ақидаи вай инсон бояд хӯи нек дошта бошад ва марди хирадманд шахсест, ки бояд ҳамаҷониба такомулёфта, соҳиби заковат ва ахлоқу рафтори намунавӣ бошад. Ин ақидаҳои Ибни Синоро Саъдии Шерозӣ ба сароҳат истифода бурда, инсони асилро бо огоҳ додан аз бебақо будани моли дунё ва судмандии фазилату андешаварӣ ба худшиносиву худошиносӣ, дарёфти моҳияти аслии ҳастӣ ва ҷавҳари зотӣ, ки дар ахлоқи ҳамида ва шикастанафс будани ӯ таҷассум ёфтааст раҳнамун мегардонад. Ба ин маънӣ дар осори ӯ истилоҳоте ба монанди хӯи нек, ахлоқи ҳамида, покиву озодагӣ ва ғайраҳо мавриди фаҳму маънӣ қарор мегиранд.

Ҳаммонанд бар ин ақида метавон мафҳуми «ахлоқи ҳамида»-ро, ки таҷассумгари маҷмӯи хусусиятҳои тарбиявӣ, аз қабили некӣ, ватандӯстӣ, эҳтироми олами мавҷуд, меҳнатқаринӣ, зебоипарпастӣ, шараф, номус, виҷдон

ва ғайра мебошанд, низ дар достонҳои “Шоҳнома”-и безаволи Абулқосим Фирдавсӣ бешумор дучор омад. Мавсуф бо мақсади дар мавриди ба намо гузоштани ин ақидаи хеш, роҷеъ ба аҳамияти таълимӣ ва тарбиявии доштани хислатҳои ахлоқии инсон дар оғози «Достони Сиёвуш» мегӯяд:

Касеро, ки андеша но(х)ваш бувад,

Бад-он нохушӣ, ройи ӯ, к-аш бувад…

Ҳаме хештанро чалипо кунад,

Ба пеши хирадманд расво кунад [33, с.5].

Фирдавсӣ, ки худ ҳамчун ҳидоятгар ва чеҳраи мардумнавозу ростгӯй, аз бадӣ ва бадкирдорӣ дур буд, доимо таъкид мекард, ки ин «ҷаҳон» рамзи «умр»-и гузарон аст ва инсонро, ки «умр» мансуб ба ӯст, набояд онро ба «бад» гузаронад, зеро танҳо метавонад аз тамоми аъмоли одамӣ «некӣ» боқӣ монад ва дар адл «супурдан», яъне гузаронидани «умр»-ро бар маниши хирадмандон ва некӯхисолон созгор дарёбад.

Истифода аз ифодаҳои «некӣ», «некӯкорӣ» «хушӣ», «озодагӣ» ва ғайраро Фирдавси ба сифати маҳаку мағзи мазмун ва орояи достонҳояш истифода мекунад ва ҳамчунон бовар дорад, ки пешаи некӯӣ, накӯкорӣ ва озодманишӣ ҳамчун зевари умр боқӣ мемонанд ва ӯ дар асл бо ин иддаъо башариятро ба ҷодаи некӯманишӣ даъват менамояд.

Шоир, онҳоеро, ки пайваста ба некӣ ва накӯкорӣ машғуланд, ҳамеша бузург медорад ва бад-ин васила таъкид мекунад, ки умри хешро ба некӣ метавон хуш гузаронд, зеро ҳам дар ғоиб ва ҳам дар ҳозир мардуми накӯкор бо некномӣ ёд мешаванд.

Педагогикаи халқӣ мисли ҳамаи шаклҳои шуури ҷамъиятӣ асрҳо боз инкишоф ёфта, омада истодааст, дар асоси пайдарпай, инкор кардани фикрҳои кӯҳнашуда, нигоҳ доштани ғояҳо паҳлӯҳои мусбии зарра-зарра ҷамъ ва гирдовардашудаи дастҷамъонаи таҷрибаи педагогии ҳар як халқро ҳифз мекунад. Истифода кардани педагогикаи халқӣ дар масъалаи муҳофизати

педагогӣ ва психологии хонанда, хонандаи синнусоли калони мактабӣ дар бозори меҳнат, дар рӯзҳои муқаррарии мактабӣ то имрӯз аҳамият ва муҳимияти худро дар педагогикаи муосири ватанӣ, методикаи таълимӣ хусусӣ гум накардааст[98,с.232].

Дар эҷодиёти даҳонии халқ, анъанаҳо, расму оини вай, қайд мекунад Н.Коваленко, фикрҳои педагогии ҷолиб дида мешавад, бори дигар аз муҳимияти он хабар медиҳад. Омӯзиши анъанаҳои халқӣ, ки то имрӯз инкор мешуданд, бо иттилооту арзноки тааҷҷуби худ дар хотираи фаромӯшӣ қарор гирифта буданд. Аз нав ба вуҷуд овардани манзараи воқеии инкишофи педагогикаи тоҷик барқарор кардани пайдарпаии донишҳои педагогӣ бо назардошти фарҳанги ғании педагогӣ-вазифаи муҳими замони ҳозира мебошад.

Педагогикаи халқӣ-ин маҷмуи маълумоти педагогӣ ва таҷрибаи тарбиявӣ, ки дар эҷодиёти даҳонии халқ, расму оин, бозиҳои кӯдакона, бозичаҳо, шаклҳои анъанавии фароғатӣ ва эҷодиёти бадеӣ, дар намудҳои анъанавии беҳдоштӣ, фолклор ва амсоли онҳо таҷассум ёфтанд, фаҳмида мешавад. Ба таври дигар педагогикаи халқӣ барои омӯзиш, таҳқиқи маданияти педагогии омма, ки таҷрибаи инсонӣ дар муддати ҳазорсолаҳо коркард шудааст, бунёд ёфтааст.

Педагогикаи халқӣ чун ганҷинаи фазилати қадимаи халқ, ба фикри мо хеле хуб дар педагогикаи муосир илова шудааст, аз нубуғи тарбиявии халқӣ шодоб гаштааст ва фалсафаи ҳаётии халқӣ ҳам таҷрибаи миллӣ ва ҳам умумибашарро асрҳо мудофиа кардааст, инъикос мекунад. Ғояҳои пешқадами миллӣ ва хусусияти ҳар як халқ монеаи пешравии инсоният намегардад, балки сабаби боигарии вай мегардад. Ҳар дурдонаи эҷодиёти мардумӣ дорои афкори тарбиявӣ, насиҳат, қувваи мағлубнашавандаи боварӣ, ки дар рафти ҷамъшавӣ ва интихоби таҷрибаи беҳтарини иҷтимоии халқ ташаккул ёфтаанд, дар худ нигоҳ медорад. Дар бисёр зарбулмасалҳо аз зарурати тарбияи фаъолонаи фарзандон хабар медиҳанд, зеро сустии онҳо боиси паст шудани фарҳанг ва

неруи ахлоқии фарзандону наберагон мегардад. Ин бисёр муҳим аст, чунки вазъи кунунии амалияи тарбиявӣ ба ҷомеаи тоҷик пешакӣ муқаррар гаштааст, ки он аз маҷмуи мураккаби пурпечутоб гузаштаю ҳозира, омилҳои объективӣ ва субъективии инкишофи он, манфиатҳои гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ, маҷмуи зиддияти қаблан ҷамъшуда ва нав пайдошуда, вақте ки ҳақиқати неку бад, поквиҷдонӣ, эҳтироми пиронсолон ба хотири муносибатҳои бозоргонӣ ва мақсаднокии иқтисодӣ эътиборашон суст гаштааст. Идеалҳои ахлоқии мардум, ки ҳар як  миллатро ҳидоят мекард, аз байн рафта, сифатҳои номатлуби ахлоқӣ пайдо шуда истодааст. Аз ин ҷост, ки аксуламали пешгӯишаванда, рафторҳои стихявӣ, вайронкориҳои ҳаррӯза (навиштаҷоти деворҳо дар даромадгоҳҳо, дару тирезаи шикаста, лифтҳои вайроншуда) ва ғайраҳо мушоҳида мешавад. Ҳамин тавр «вазифаи бозсозии маънавии инсонро, ки ҳоло таъхирнопазир гардидааст, танҳо дар заминаи мустаҳками маданияти миллӣ ҳал кардан мумкин аст» [52,с.231].

Дар ҷомеаи имрӯза нуфузи маориф рӯ ба таназзул оварда истодааст, вале обруи педагогикаи халқӣ бе тағйир боқӣ мондааст.

1. Кирылова Н.Б. Формирование культуры будущего специалиста. / Н.Б.Кирылова.-М., 1994.

Педагогикаи халқӣ, ки хеле пеш аз пайдошавии педагогикаи расмӣ ба вуҷуд омадааст, таҷрибаи чандинасраи тарбиявии халқро аз худ карда, ба тарбияи ҳамаҷонибаи рӯҳ ва тани одам нигаронида шудааст, бинобар ин, дарки мазмуни марҳилаи кунунии рушди педагогикаи ватанӣ, гуманизатсияи он, чи хеле, ки мо мепиндорем, бидуни рӯ овардан ба асли худ, омӯзиши сарвати фарҳанги педагогӣ, ки дар осори мардумӣ, шифоҳӣ, мусиқӣ, ҳунарҳои мардумӣ қарор дорад, ганҷинаҳои халқро таъмин мекунад. Омӯзиши педагогикаи халқӣ роҳи азнавташаккули манзараи объективии инкишофи идеалҳои халқӣ ва аҳкоми ахлоқии миллат мебошад.

Дар кадом ҳолатҳо мумкин аст зиндагӣ бо педагогикаи халқӣ вохӯрем? Ҳар гоҳе ки кӯдак бо суруди алла ё афсона хоб мекунад, вақте, ки наздикон барои ҷавоб ёфтан ба саволҳои мақолу зарбулмасалҳо машқ карда, тавассути онҳо дар кӯдакон орзуҳои нек ва ташаккули сифатҳои дигари инсонӣ мепарваранд, бархурӣ бо педагогика ва истифода аз усулҳои вай оғоз ёфта, ҳамкорӣ ҷараён мегирад. Дар ин росто метавон ҳама намудҳои таълимӣ меҳнати хонагӣ ва дастурҳо оид ба рафтори духтару бача шомил бошанд. Соҳаи педагогикаи халқӣ тамоми намудҳои эҷодиёти даҳонакии халқ, бозиҳо ва бозичаҳои бачагона, идҳои фолклорӣ, намудҳои фароғатии анъанавӣ, расму оинҳои бадеӣ ва ҳунариро дар бар мегирад. Педагогикаи халқӣ синтези педагогика ва эҷодиёти халқ буда, мисли педагогикаи расмӣ арзи вуҷуд дорад.

Гуманизатсияи муносибатҳои иҷтимоӣ дар ҷомеаи мо вазифаҳое ба миён мегузорад, ки бо офият бахшидани насли наврас аз зуҳуроти таҷовузкорӣ, дағалии намоишкорона, авбошӣ ва дӯздӣ равона мешавад. Таҳияи консепсияи нави тарбия, ки ба педагогикаи халқӣ асос ёфтааст, кӯшиши мутахассисони соҳаҳои гуногунро тақозо мекунад, зеро он на танҳо соҳаи маҷудияти назарҳо ва усулҳои педагогӣ, балки амалия ва тарбияи «муносиб» бо таъсири мустақим ва бо суръати педагогӣ низ мебошад. Пояҳои асосии ин таъсир талабот, дастурҳо ва қоидаҳои қатъӣ буданд ва мебошанд [65,с.23].

Анъанаҳои фарҳангии мардумӣ бо дониши нозуки психологияи инсон ва психологияи синнусолӣ асос ёфтааст, ки равиянокии қатъии синнусолии фолклор, инчунин, мавҷудияти густурдаи расму оинҳои пештарро тасдиқ мекунад.

Педагогикаи халқӣ барои ҳар як кӯдак ва калонсол муоширати бароҳатро фароҳам меорад. Афсонаҳои халқиро гӯш кунед кӣ ҳақ ва кӣ ноҳақ аст, дар ин ҷо ташвиқи ақли солим, пояҳои солими ахлоқ, бо қаноати андак ба ниёзҳо ҳамчун гарави хушбахтӣ ва оромиши рӯҳ маълум мешавад. Дӯстӣ, ҳамкорӣ ва тиҷорат карданро омӯзед, садоқатро қадр кунед, муваффақият

насиби шумо хоҳад гашт. Анъанаҳои тарбиявии халқӣ на бо назария ва далелҳои илмӣ, балки ба корҳои мантиқӣ, амалҳо, ибрати шахсӣ, хулосаҳои тайёр, таҷрибаи ҳазорсолаи сайқалёфта ва аз ҷониби ҳар як ҳамватан ба тарзи нав фаҳмидани намудҳои тайёри пешниҳодшуда нигоҳ дошта мешаванд.

Таваҷҷуҳ ба анъанаҳои мардумӣ ба он асоснок карда мешавад, ки он на танҳо ба арзишҳои бадеии эҷодкардаи мардум, балки ба дарки он таассуроти инсон, миллат, ки таҷрибаи мубориზаро бо бадӣ, кодекси шаъну шарафи инсонӣ, ормонҳо ва дилбастагии вай инъикос мекунад. Фарҳанг ҳамчун маҷмуи махсуси воситаҳо, усулҳо, қолабҳо ва таваҷҷуҳи ҳамкории одамон бо муҳит омили воқеии тарбия дар  педагогикаи мардумӣ баромад мекунад. Кӯдак дар сурате намояндаи комилҳуқуқи ҷомеаи инсонӣ мегардад, ки агар дар ин ё он сатҳ фарҳанги инсониро аз бар карда бошад. Аз ҳама муҳим аст, ки вай аз уҳдаи хурондан ва пӯшондани худ ва фарзандонаш баромада тавонад.

Тавоноии педагогикаи халқӣ ба ҳисси мусбии шахсият бунёд гаштааст. Дар соҳаи шиносоӣ бо арзишҳои фарҳангӣ педагогии мардумӣ, ки дар асоси эътиқодҳо, принсипҳо, ормонҳои мардумии ҳиссиётҳои мухталифи арзишманд-сиёсӣ, ахлоқӣ, ҳуқуқӣ, шаҳрвандӣ, ватандӯстӣ нишон медиҳад. Самаранокии хулосаҳои педагогии мардум, ки дар шакли зарбулмасал, мақол, масал, афсона, эпос ва фармудаҳои кодекси рафтор ифода ёфтаанд, хеле баланд аст, зеро дар асоси онҳо-теъдоди бузурги амалҳои рафтори дар тӯли асрҳо такроршуда ҷамъбаст шуда, барои ноил шудани натиҷаи мусбати педагогӣ равона шудаанд. Фармудаҳои педагогикаи халқӣ кодекси рафтори ахлоқии хонандагон ва ҷавононро ташаккул дода, бешубҳа, тарзи муносиби амал, арзиши олии ягонагӣ ва дӯстиро нишон медиҳад. Дар баробари ин, чунонки, В.Ю.Троитский қайд мекунад, ки сиёсати даврони «бозсозӣ» имкон дод,  то ки «гуногунандешӣ» эрод ва густариш ёбад, вале моҳияти ин равандҳо ба бенавоӣ ва бемасъулиятӣ, пеш аз ҳама маънавии миллии одамон овард.

Ба саволи таҳсилот бояд барои чӣ хизмат намояд, бо як калима-некӣ ҷавоб додан мумкин аст. Одами хайрхоҳ ҳамеша кӯшиш мекунад, ки содиқона ва фоиданок вазифаи инсонӣ, шаҳрвандӣ ва оиладории хешро адо намояд [34,с.765].

Аз ин рӯ, ба вазифаҳои асосии таҳсилоти тоҷик дар насли наврас ҷой додани чунин мафҳумҳои муқаддас, дар умум дохил мешаванд: Ватан, оила, забони модарӣ, табиат, халқ, таърихи он, эътиқоду боварӣ, фарҳанг, маънавиёт, миллат. Ҳамаи ин-таҳкурсии ташаккули шахсият мегарданд.

Вазифаҳои асосии мактаб ин тарбияи шахсияти дорои маънавиёти баланд, ташаккули одамон, ки образҳои рӯҳияи хайрхоҳона дошта, ба ақидаҳои харобкорӣ роҳ надиҳад ва қобилияти муқобилият карданро дошта бошад, ба хизмати содиқона ба Ватан омода бошад. Ин маънои онро дорад, ки вазифаи аввалиндараҷа бояд тарбияи худшиносии миллӣ бошад. Танҳо бо ин роҳ метавон он неруи маълумоти умумидиҳанда ва он сифатҳоеро ташаккул бояд дод, ки бе набудани онҳо мумкин нест дар бораи инсони озод ва озодиҳои васеи демократӣ сухан ронем. Демократияи ҳақиқӣ, пеш аз ҳама, сатҳи баланди маълумотнокӣ, фарҳанги инсон ва дар умум ҷомеа мебошад.

Дар ҳамин ҳол коҳиш ёфтани сатҳи таҳсилоти аҳолии ҷомеа бадшавии сифати таҳсилоти миёна ва олӣ ва неруи зеҳнии ҷомеа мушоҳида шуда истодааст. Аз даст додани истиқлолияти равонӣ ва зеҳнии қисми зиёди аҳолӣ, сарбастагии амиқи муқаррарӣ тақрибан ба вобастагии ғуломӣ расонидааст, ҳамаи инҳо муносибати фаъоли маънавӣ-шахсро талаб мекунад. Ба ин раванди харобиовар фаъолияти фаъоли сохторҳои иттилоотӣ, ки ба паст кардани сатҳи фарҳангии миллат, аз ҷумла зинаи низоми анъанавии арзишҳои маънавӣ-миллӣ, пайдарпаии таърихии наслҳо нигаронида шудааст, мусоидат мекунад. Аз ин лиҳоз, қадами аввал дар роҳи наҷот ва эҳёи таҳсилоти мо бояд ҳифзи муҳити маънавию иттилоотии тоҷик бошад. Сарчашмае, ки маълумоти зарурӣ медиҳад-ин фарҳангҳои миллӣ, таърихи миллӣ, таҷрибаи миллии қавмҳо мебошад. Зарур

аст, ки мактаби муосири тоҷик на ба таври манфиатпарастӣ-прагматикӣ, балки ба таври маънавӣ, ҳатмӣ, маълумоти умумидиҳанда, ҷаҳонбинидошта асос ёфта бошад, ин дар навбати худ ба мурочиат ба асли ин ё он миллат кардан мумкин нест [43,с.93].

Ҳамбастагии ақидаҳо дар заминаи тарбияи некӣ, хирад ва хирадмандӣ маҳаки ақидаҳои педагогии классикони адабиёти форс-тоҷикро ташаккул дода, ошкор менамоянд, ки хирад нишони аслии шахси комил, яъне инсони худшинос ва тарбиятдида аст ва чунин ақида тавониста, ки ба осори дигар мутафаккирони Шарқ, аз ҷумла Ибни Сино низ муассир боқӣ монад.

Хирад ва ситоиши он дар «Ҳай ибни Яқзон»-и Ибни Сино албатта як падидаи нав нест, чунон ки мо дар боло қайд кардем, ин мазмуну мундариҷаро дар китобҳои динии тамоми мардумони олам, аз ҷумла дар Авастову Инҷилу Таврот ва билохира бо хулоса дар Қуръони маҷид низ ба шумор дучор меоем. Бо ин иддао метавон афзуд, ки чунин маъхазҳои динӣ низ метавонанд дар таълимоти хулқи инсон ба сифати сарчашмаҳои тарбиявӣ батадриҷ истифода шаванд. Ситоиши хирад ва таълимот бар хирадмандӣ ҳамчун мавзуи ахлоқӣ диққати мутафаккирони давраи тоисломиро низ ба худ ҷалб намуда карда, онҳо дар бораи аҳамияти тарбиявии хирад, ки бар тахаллуқи инсони комил созгор аст, ҳатто китобҳои алоҳида таълиф намуда буданд.

Мавзӯи тарбияи хирад дар «Ҳай ибни Яқзон» бисёр муҳим буда, ҳамчун мафҳуми ахлоқӣ бо мавзӯъҳои дигар, алалхусус бо мавзӯи тарбияи инсон зич алоқаманд аст. Аз назари Ибни Сино зиндагӣ ва мавҷудоти олами моддӣ, ки башариятро иҳота кардаанд, низ дар тахаллуқи инсон ва камолёбии ӯ муассир мебошанд ва ҳар касе, ки бохирад ва фурӯтан аст, ҳаёт ва пастию баландиҳои он ӯро тарбия менамоянд.

Ибни Сино мефармояд: «Яке аз мавзуъҳои марказии асараш “Ҳай ибни Яқзон” ва ақидаҳои асосии он қарор додааст. Шахси хирадманд ва накӯкор аз дидгоҳи ӯ бояд дорои хусусиятҳои олии инсонию ахлоқӣ, аз қабили

нармгуфторӣ, раиятпарварӣ, мусолиҳакорӣ, меҳрубонӣ, ҳақиқатҷӯӣ, парҳез кардан аз дуруштию размҷӯӣ бошад ва дар ин робита некӯкориро аз беҳтарин сифатҳои шахси хирадманд дониста, бадкирдорон ва бадрафторонро ба тухми дев ташбеҳ медиҳад ва онҳоро дур аз сифоти одамӣ мешуморад ва ба тариқи накӯҳиши ин тоифаи сифлатабъ таълиму тарбияи дигарон, яъне насли ояндаро ба роҳ мемонад» [44, с. 76].

Дар ақидаҳои педагогии Ибни Сино масъалаи омӯхтани касбу ҳунар низ чун сифати хирадмандӣ мавқеи чашмрас дорад ва ин падидаҳои ахлоқиву ҳунариро сарчашмаи хушбахтии одамон мешуморад ва ба насли башарият мурочиат намуда, ҳунаромӯзиро ҳамчун мояи сарфарозии инсон таблиғ мекунад.

Тавре ки дар боло ишора шуд, яке аз фазилатҳои дигари ахлоқии шахси хирадмандро Ибни Сино дар ватандӯстӣ ва дар ниҳоди одамон парваридани оини шуҷоату далерӣ маънидод мекунад. Ватандӯстӣ ҳамчун мафҳуми ахлоқӣ аз дӯст доштани зодбум, падару модар, хоҳару бародар, эҳтироми хешовандону ҳамдеҳагон, забон, урфу одат, расму оин ва анъанаҳои мардуми диёр оғоз мегирад. Яъне, ватандӯстӣ ва муҳофизати Ватан чун фазилати шахси хирадманд қарзи виҷдон аст. Ба ақидаи Ибни Сино, тавре ки Модар муқаддас аст, Ватан ҳам ҳамон тавр муқаддас аст.

Вале, агар фарзанд аз садоқат ва самимият дур монад, албатта аз садоқат ба таълимоти ҷамъият низ дур мемонад. Мо чунин ақидаро ҳам дар осори Ибни Сино, ҳам мутафаккирони аҳди ирфон ва ҳам донишмандони замони муосир зиёд дучор меоем. Дар айни замон, ин иддао бар он аст, ки инсони таълимдида ва содиқ бар тарбияву бархурдории хеш аз он бояд ба ҷамъият низ ҳамчун намунаи ибрат садоқатманд бошад. Чунон ки гуфтаанд: “Аз рӯйии моҳият ва мазмуни худ ахлоқ характери ҷамъиятӣ дошта, баробари тараққӣ ёфтани ҷамъият дигар мешавад” [84, 79].

Дар афкори педагогии мутафаккирони бузург масъалаи дар ниҳоди ҷавонон тарбия намудани ақидаҳои олии ватандӯстӣ ва ватанпарастӣ ҷойгоҳи вижае дорад. Ба ақидаи ӯ ҳар як шахси ватандӯст бояд ватанро муқаддас донад ва барои ҳифзи он ҷони худро дареғ надорад, чунки шодиву озодии инсон дар истиқлолияту озодии Ватан аст.

Дар ақидаҳои педагогии Ибни Сино масъалаи омӯхтани касбу ҳунар низ чун сифати хирадмандӣ мавқеи чашмрас дорад ва аз худ намудани касбу ҳунарро ӯ сарчашмаи хушбахтии инсоният маҳсуб медонад, чунон ки дар осори хеш ва бахусус дар «Ҳай ибни Яқзон» ба насли башарият мурочиат намуда, ҳунаромӯзиро ҳамчун мояи сарфарозии инсон таблиғ карда аст.

Мутафаккир ва файласуфи маъруфи асри XII – и андалусӣ Абӯбакр Муҳаммад ибни Туфайл (дар Аврупо бо номи лонтинишудаи Абубасер маъруф аст) соли 1110 дар Қадис, (Испанияи кунунӣ) ки аз шаҳристони вилояти Ғариота буда, баъди Қурта, дуюмин маркази мадании ин кишвар ба шумор мерафт, таваллуд шудааст.

Ӯ дар муҳите ба камол расидааст, ки дар он эътибори илм ва эътимод ба олимон бағоят баланд буд ва ба воя расидани ӯ маҳз дар ин муҳит имкон дод, ки вай бе биму бок аз унсурони мутаассиби замонаш бо омӯхтану инкишоф додани илму дониш машғул бошад ва аз муваффақияти донишандӯзиву вобастагӣ ба улуми замонаш баъдҳо таълифоти осори пурбаҳои маърифатии ӯ шаҳодати дучанд додаанд.

Ибни Туфайл аз наздикони нахустин халифаи сулолаи Алмуваҳиддин (1163-1184) буд. Файласуф, ки дар улуми тиб, нуҷум ва риёзиёт дониши мукаммал дошт, сазовори таваҷҷуҳи Абдулмӯъин гардида, дар дарбори ӯ ба вазифаҳои табибию вазирӣ шарафёб гардид ва тамоми вақти аз хизмат холиашро дар китобхонаи шахсии ҳоким бо пажӯҳиш ва фаъолиятҳои илмӣ гузаронида, аз дониши фаровон бархурдор гардид[168, 120].

Ибни Туфайл дар дарбори халифа Абӯяъқуби Юсуф, ки ба ҷои падараш ба сари тахт омада буд, бо бисёре аз аҳли илму адаби Андалусӣ, аз ҷумла бо файласуфи варзидаи замони хеш Ибни Рушд муносибати дӯстона пайдо карда, дар ҳалқаи наздикони ӯ ҷой гирифт. Аммо боиси тазаккур аст, ки дар ҷаҳонбинӣ ва рушди тафаккури маърифатгароёнаи ӯ нақши ақидаҳои фалсафии Арасту, асари ҳамноми Ибни Сино «Ҳай ибни Яқзон» ва дигар андешаҳои маърифпарваронаву илмии ӯ бағоят будааст, ки минбаъд дар офариниши осори ӯ, бахусус таълифи «Ҳай ибни Яқзон»-и Ибни Туфайл бараъло равшан гардидааст.

Ибни Туфайл соли 1185 дар Марокаш аз олам даргузашт.

Тибқи ахбори фавқуззикр, Ибни Туфайл мисли дигар мутафаккирони барҷастаи Шарқ, нафақат ба ҳайси файласуфи заковатманд, балки ҳамчун табиби ҳозиқу риёзидони мумтоз, муҳаққиқи ҳайъат ва адиби моҳир ҳам дар доираҳои илму адаби замонаш шуҳратёр гардида буд, ки овозаи соҳибназариву маърифати баландаш низ нишонаи эътирофу эътимод бар донишмандии ӯ арзёбӣ шудааст.

Мутобиқи ахбороти файласуф ва мутафаккири шинохтаи замонаш Ибни Рушд, аз Ибни Туфайл ба ҷуз осори маърифативу панду ахлоқӣ, ҳамчунон доир ба илми тиб ва кишваршиносӣ ва дигар масоили иҷтимоӣ низ рисолаҳо ва осори гаронмояе ба мерос мондааст. Чунон ки аз сарчашмаҳо бармеояд, Ибни Рушд дар яке тафсирҳояш бар асари “Метафизика”-и Арасту, аз қавли хеш дар он ақидаҳои мансуб ба боби сохт, ҷойгиршавӣ ва ҳаракатҳои ҷисмҳои осмонӣ баён намудаи Ибни Туфайлро низ тавсиф кардааст.

То имрӯз фақат як асари фалсафӣ-таълимии мутафаккир бо номи “Ҳай ибни Яқзон” (Зинда писари Бедор) ба дастраси илму адаб боқӣ мондааст ва ин асар ба тамоми мӯҷиботи хеш дар мавриде, ки панду ахлоқ ва назариёти фалсафии замони ин мутафаккирро фароҳам намудааст, ба яке аз осори хеле хонданӣ ва ҷолиби давраҳои баъдӣ низ табдил ёфтааст. Зеро то кунун аҳли илм

ва муҳаққиқини олам ҷаҳонбинии фалсафии ӯро дар пайгирӣ бар омӯзиш ва пажӯҳиши ҳамин асар муайян мекунанд ва ба ақидаҳои ӯ баҳогузорӣ намуда, ҳамчунон аз андешаҳои ӯ бархурдор мешаванд ва дар осори хеш истифода мекунанд.

Дар мавриди дигар, чунон ки аз муқоисаҳо бармеояд ва дар боло ёдовар гардидем, ин асари Ибни Туфайл бо рисолаи ҳамноми мутафаккири номии дигари Шарқ табиб, шоир, файласуф ва ориф Шайхурраис Абӯалӣ Ибни Сино мутобиқи андешаҳои ғоявӣ ва муносиботи назариёти илмии ирфониву фалсафӣ иртиботу ҳаммонандии қавӣ дорад, ки то ҳадде метавон заминаи пайдоиши онро бо илҳом аз мундариҷаи ин асари фалсафии Ибни Сино маънидод кард.

Муҳити маънавии Ибни Туфайл, албатта яке аз доираҳои пурнуфӯзи маърифативу ирфонӣ ва адабӣ ба шумор мерафт, ки намунаи ибрат будани ахлоқи инсониаш шахсан бар он шаҳодат медиҳад, чунон ки мутобиқи сарчашмаҳо худи ӯ низ тарғибгари одоби ҳамидаву накӯкорӣ, қобилияти некӯманишиву ақлу заковати солим ва худшиносиву башардӯстӣ муаррифӣ гардидааст ва ҳам таъсири онро метавонем аз осори ӯ ба мушоҳида гирем, ки то кунун заминаи ғоявии ин асараш дар таълиму тарбияи башарӣ бо фасоҳат ба кор бурда мешавад.

Вай дар осори хеш мутобиқи ақидаҳои ҳақиқатнигоронааш саодати воқеии ҳаётиро бо дарёфти саодати ондунёӣ, ки одамонро ба таассубҳои мазҳабӣ бештар дучор мекард, муқобил гузошта, инсонро ба тариқи андешаҳои тарғибгарояш ба ҷустуҷӯи доимии ҳақиқат дар масири худшиносиву худсозиву инкишофёбӣ, худтакмилдиҳӣ, бунёди ҳаёти хуррам, омӯхтани илму дониш ва меҳнати софдилонаву боровар даъват мекард. Мутобиқи афкори ӯ барои огоҳии аҳли башар мефармуд, ки саодат на фақат дар он дунё, балки дар ин дунё ҳам вуҷуд дорад ва дар аксари назариёти хеш ӯ саодати ин дунёӣ гуфта, бештар муҳити маишӣ ва аз ин миёна ҷустану пайдо намудани роҳҳои расидан ба

сахопешагиву хайру некӣ ва созандагиву худшиносии одамонро, ки ҳам барои бунёди ҷомеъа созгор мебошад, бештар тарғибу ташвиқ мекард.

Дар асоси баррасии осори боқимондаи ӯ, ақидаҳои ахлоқии Ибни Туфайл ҳамзамон дорои дарунмоя ва мазмуни саъй барои шинохти моҳияти фавқулода мовароуттабиӣ буда, дар мавқеи хеш ба имконияту қобилияти инсони хушбин ба олам ва аносири атроф, накӯкорӣ ва эътимод доштан бар иқдомоти одамро дар ҳамгироӣ бо табиат талқин мекунанд. Зеро аз дигар сарчашмаҳо низ, чунон ки бар меояд, фақат чунин тарзи ҷаҳонбиниву шинохти олам дар заминаи ташаккули ахлоқи ҳамида метавонад одамро ба сарманзили саодат ҳидоятгар бошад ва бо пайгирӣ аз ин ақидаҳои ирфониву фалсафист, ки Ибни Туфайл саодатро бо ҳаёти воқеъӣ ҳаммарому дар вобастагии ҳам муҳим мешумурд ва дар асл ҳам чунин ихтилофи назари ӯ мухолифи ақидаҳои догматикӣ ва таассубиву мазҳабии замонаш ба шумор мерафт.

Табиати тағйирпазири ахлоқи одам дар назариёти этикии Ибни Туфайл пеш аз ҳама ба сифати шинохти фарди мушаххас ва ҷаҳони ботинии ӯ ба асос гирифта шудааст. Ибни Туфайл монанди дигар орифони замонаш бештар ба кашфи асрори олами ботинии одам талош меварзид, аммо детерминизми олами ботинии инсонро, ки амри номуайянист, ошкор карда наметавонист. Ин камбудӣ на фақат ба Ибни Туфайл, балки ба ҳамаи мутафаккирони асри миёнаи форсу тоҷик (Ибни Сино, Ибни Мисквайҳ, Насриддини Тӯсӣ, Ҷалолиддини Даввонӣ ва дигарон низ) хос мебошад.

Ибни Туфайл чун дигар файласуфон, одамро ба сифати меъёри мавзӯи таҳқиқии хеш ҳамеша дар мадди назар дошт ва дар хилқати ӯ баъзе ҷиҳатҳои туфайлиро низ ба муқоиса мегирифт, аммо дар баробари ин вай фарқи одаму ҳайвонро ҳам ба истисно намегирифт. Дар робита, ба ин дар зимни ақидаи ирфонии «ваҳдати вуҷуд», ҳамбастагии одаму олами мавҷудот, ҷирмҳои осмонӣ ва Худоро низ инкор намекард.

Ба ақидаи ӯ. одаму ҳайвон дар олами вуҷуд бо ҳастии фарққунанда ва мақсадҳои муайян офарида шуда, яке мутаққил ва дигаре дорои ҳиссиёти хоси ирсӣ мебошанд ва ба ӯҳдаи ҳар кадом вазифаҳои хос гузошта шудааст. Наҷобати одамӣ аз дидгоҳи ӯ ба сохти бадан, руҳи фарққунанда ва соҳиби ақл буданаш бармеояд ва иртиботи он ба ҷирмҳои осмонӣ вобаста аст. Мутафаккир монандию фарқи одаму ҳайвонро муайян намуда, мӯътақид буд, ки одам, ҳарчанд дорои баъзе аз хусусиёти табиати ҳайвонӣ доштанаш, набояд, ки ҳайвонро тақлид кунад, зеро ба фарқият аз ҳайвон соҳиби ақл аст ва бояд маҳсули ақли худро ба дараҷаи маърифату шинохт ва заковату зеҳни гирояш истифода карда тавонад.

Дар мавриди дигар файласуф таъкид мекард, ки ҷасади одам, чунон ки бемақсад офарида нашудааст, бо ин гувоҳ бояд онро ҳамеша тозаву назиф нигоҳ дорад ва пайваста дар роҳи сафо бахшидани руҳи хеш кӯшо бошад, зеро мутобиқи ақидаи Ибни Туфайл ҷисмро руҳ ба ҳаракат меорад ва ақл аз ногуворӣ ба шоистагиву дарёфти ҷавҳари покӣ ҳидоят мекунад. Одаме, ки аз ғаразу дилбастагии ҷисмонӣ раҳо ёфта, ба ҷавҳари пок пайвастааст, ба ин тариқ метавонад камолоти маънавии хешро дарк намояд. Дар ин асно такомули маънавии одам фароҳам меояд ва дар маврид заминаи идроки Худо мегардад. Ин ғоя дар шароити асрҳои миёна нақши басо прогрессивӣ бозида, қадру қимати инсонро боло мебардошт.

Аз рӯйи андешаи Ибни Туфайл рафтору кирдори одам тобеи се мақсад:

- шабоҳат пайдо кардан ба ҳайвонот;
- мушобеҳи ҷирмҳои осмонӣ шудан;
- шабоҳат ба Худованд мебошад.

Шабоҳати одам ба Худо ва муроқибаи он одамро ба саодати олӣ мушарраф мегардонад. Ибни Туфайл шарти сеюмро асосӣ ва ду шарти аввалро воситаҳои ба саодат, яъне ба Худо расидан, ки мақсади асосии худшиносиву камоли инсон аст, маҳсуб медонист. Файласуф таъкид менамояд, ки роҳи аз

бадбахтӣ раҳо ёфтан фақат муроқибаи доимии Худо мебошад. Барои мушараф шудан ба ин бахт, одам бояд ин се марҳиларо зина ба зина тай намояд ва умедвор бошад, ки нигаҳбоне чун Худованд дорад.

Марҳилаи аввали мушобиҳат барои одам фақат аз рӯи зарурат ба кор меояд, зеро ки барои устувории руҳ ба миқдори эҳтиёҷ истифода намудани ғизо зарур аст.

Барои ин мутобиқи назари мутафаккир нахуст зарурияти ду чиз таъкид мешавад:

a) ҳифзи ботин ва таҷдиди узвҳое, ки фаъолияти суст зоҳир мекунанд;

b) ҳифзи зоҳир ва муҳофизат аз пешомадҳои нохуш, мисли таъсири сардӣ, гармӣ ва дигар ҳаводис.

Ба ақидаи мутафаккир, барои таъмини шарти аввал шикастнафас (сабӯр ва бо қаноат) будан зарур аст, вагарна барои одам, ки гирифтории нафс, ҳирс ва ҳасадро низ дар хулқи худ санҷида ва дарк кардааст, мехоҳад, ки соҳиби молу мулки зиёд бошад [64, 370].

Ҳирси сарватҷамъкунӣ зиндагӣ ва осоиши ҳаётро барҳам мезанад. Ибни Туфайл қаноатпешагиро яке аз хислатҳои хуби инсонӣ дониста, қайд кардааст, ки каси қаноатманд ҳеҷ гоҳ бо ҷамъ овардани молу сарват машғул нашуда, танҳо бо роҳи сабру таҳаммул ва меҳнати садоқатмандонаи худ қаноат мекунад. Ва сармояи ҳастӣ дар заминаи хулқи ҳамида ва тамкину матонат, низ саровварда аз маънии сабру қаноат аст, ки одамро ба ҳар манзалат шукргузор медорад. Чунон ки Саъдии бузургвор бар ин ҳикмат мефармояд:

Эй қаноат, тавонгарам гардон,
Ки вараи ту ҳеч неъмат нест.
Кунҷи сабр ихтиёри Луқмон аст,
Ҳар киро сабр нест, ҳикмат нест [154, 72]!

Дар ин мавқеъ афкори файласуфонаи Ибни Туфайл низ ба ҳамин ҳикмат фаровон равона шудааст, чун қайд мекунад, ки шарти инкишоф ва рушди

ақлонии одам пеш аз ҳама самараи риояи ҳадди эътидол дар корҳои ӯст ва агар ин ҳадд риоя нашавад, қаноат ба хатари боровokрандаи ҳирсу хоҳишҳои нафсонии ӯ табдил меёбад.

Аз ин рӯ, одами оқил бояд пеш аз ҳама ҳадди эътидол ва таҳаммулпазириро аз авлавиятҳо донистa, аз он ҳадди ҷойдошта берун пой нагузорад. Барои хӯрок бояд одам навъҳои фаровони растанию ҳайвонотро, ки афзоянда бошанд ва сабабгори аз байн рафтани навъҳои нодири набототу ҳайвонот нагарданд, мавриди интихоб қарор диҳад.

Файласуф мушобиҳоти дуюмро бо ҷирмҳои осмонӣ нисбат дода, мегӯяд, ки онҳо ба замин тавассути нерӯи нуру гармӣ метавонанд таъсиргузор бошанд. Ҷирмҳои осмонӣ шаффофу мунаввар ва покиза буда, мудовам ҳаракат мекунанд. Ба ақидаи мутафаккир, одам бояд дар натиҷаи тақлид ба ҷирмҳои осмонӣ, хосиятҳои онҳоро низ касб намояд. Ин рафтор бояд дар се навъи тақлид зоҳир шавад.

Якум, шафқат нисбат ба олами вуҳуш, яъне наҷот бахшидан ва парасторӣ намудани ҳайвонот. Одам, мутобиқ ба аносири ақлонии хеш бояд нисбат ба тамоми мавҷудоти зинда ғамхору мушфиқ бошад. Агар ӯ бинад, ки ягон рустанӣ бо сабабе аз нури офтоб баҳраманд намешавад ва ҷисми дигар онро аз равшанӣ паноҳ кардааст, ё ниҳоле аз беобӣ сусту заиф шудааст, ӯ бояд ин мамониатҳоро бартараф намояд.

Одам бояд то расидан ба камолоти ҳақиқӣ дар ин роҳ собитқадам бошад. Ва ин сухани мутафаккири ориф Асадии Тусӣ низ бар ҳамин далолат хеле бамавқеъ мерасад, ки мегӯяд:

Зи ҷӯе ки хурдӣ аз он оби пок,
Нашояд фикандан дар он сангу хок. [160, 21].

Ба ақидаи Ибни Туфайл, ғамхорию шафқат ба мавҷудоти зинда бояд хислати шахси хушодоб бошад. Рафтори бераҳмона одамро сангдил ва мутеъи

одати бад мегардонад. Агар касе имрӯз ба ҳайвонот ва рустанӣ бераҳмӣ кунад, фардо ин бераҳмиро нисбат ба одам ҳам раво мебинад.

Бераҳмии инсон нисбат ба мавҷудоти зинда, аз зуҳуроти беинсофӣ, бемаданиятӣ ва дағалие ба шумор меравад, ки ба ҳар навъ ба таълиму тарбия ниёзмандии ӯро тақозо мекунад. Ибни Туфайл ҳанӯз дар асри XII ба оқилона истифода бурдани сарватҳои табиат таъкид карда, одамонро ба эҳтиром намудани табиат даъват мекард ва аҳамияти вайро барои инсоният хеле муҳим дониста, сароғоз барои аз нестшавӣ пешгирӣ намудани навъҳои гуногуни набототу ҳайвонот аз ҷониби инсони соҳиби тааққул ва заковатманд, инчунин андешидани чораҳо ва пешгирӣ аз дигар хатаротро зарур медонист.

Мутобиқи ақидаи Ибни Туфайл ҳар як падидаи олами мавҷуд бо шакли мавҷудият ва намуди худ дар табиат беҳамто мебошад ва аз ин нуқтаи назар ӯ қайд мекунад, ки ҳар як инсони хушахлоқ ва боодоб бояд табиатро эҳтиром кунад ва дар зимни ҳифзи он мусолиҳакор бошад, зеро ин амри мӯҷиби ахлоқ ва шуурнокии одам маҳсуб мешавад. Аз дидгоҳи ӯ дарахтон, ки борваранд, самараи ҳар навъе барои рӯзии дигарон низ, ки дар ин олам умр ба сар мебаранд, зарур аст. Ин ақидаи ӯро баъдҳо дар тасвири дигар мутафаккирон, аз ҷумла Саъдии Шерозӣ низ дучор меоем:

Дарахте, ки пайваста бораш хурӣ,
Таҳаммул кун он гаҳ, ки хораш хурӣ [153, 252]!

Ибни Туфайл мутобиқи андешаҳои фалсафӣ ва ирфонии хеш боигарии табиат ва ҳастии оно натанҳо ҳамчун моликияти вижа ба шахсони махсус ба намояндагони табақаҳои болои тааллуқ дошта, балки ба оммаи мардум муттааллиқ шуморида, ҳамзамон ба вуҷудоварандаи ризқу рӯзии ҳамагон меҳисобад. Бинобар ин, баҳри ғасб намудани боигарию сарвати ҷаҳон, ки бо ҳисси сарватпарастии амлокхоҳон болои кор меояд, Ибни Туфайл сахт муқобил аст ва ҳар иқдоми ношоистаи онҳоро, ки барои беҳбудии зиндагӣ ва манфиати

худ мардумро аз ин нозу неъматҳои табии маҳрум мекунанд, рафтори бад ва зишт медонад ва мазаммат мекунад.

Дар марҳилаи муосир инсоният барои худ ба кашф ва ихтироъоти аҷибу ғариб, монанди сохтмони заводу фабрикаҳои бемисл, мушаксозиву силоҳҳои ҳастаӣ ва дигар кашфиётҳои зиддуннақиз комёбиҳои беназиреро шарафёб гардида аст. Аммо бо ин амалкард ва дастовардҳои хеш ғофилназарона аз ифлос кардани чашмаҳо, ҷӯйборҳо, дарёҳо ва кӯлҳо ба олуда кардани баҳрҳо ва уқёнусҳо гузашт. Одам барои қонеъ гардонидани талаботи шахсӣ ва нафсонӣ, инчунин муҳайё намудани заминаҳои маишӣ ва кайфияти худ, намудҳои гуногуни ҷонваронро бераҳмона несту нобуд ва табиатро заҳролуд кард. Аммо бояд одам огоҳ бошад, ки чуноне маълум аст, маданият ба таври стихиявӣ инкишоф меёбад ва аз паси худ биёбони холӣ боқӣ мегузорад [168, 128].

Олими франсавӣ Ж. Дорст дар китобаш «Қабл аз он, ки табиат мемирад», чунин менависад: «Шояд ин фикри ботил бошад, вале муҳимтарин мушкилоти ҳозиразамон дар соҳаи муҳофизати табиат - ин ҳифзи навъи мо аз худи мост, Homosaplen-ро муҳофизат бояд кард аз HomoZaber» [60, 126]. Аммо айбҷӯӣ бар ин иддао, на таҳдид бар инсоният, балки умуман, ба мақсадҳои ғаразнок, бойшавии бархе аз одамон аст, ки бо таҷрубаи маҳдуд кардани рушду нумӯи табиат, ки аз кӯтоҳназарӣ ва ғояти нафспарварии онҳо маҳсуб мешавад, ба чунин иқдомоти ношоиста роҳ медиҳанд.

Дигаргунсозӣ ва дахолат барои тағйирпазирии табиат амалиётест, ки дар ҷараёни он моҳияти аслии инсон ва аъмоли ӯ ҳамчун субъекти таърих ва ё мабдаи фаъоли иҷтимоӣ барҷаста зоҳир мешавад. Ҳатто чунин ҳолатҳоеро метавон дучор гардид, ки ҷангалҳо ва ботлоқзороҳо бо дасти одамон хароб мегарданд ва ин ҳам ба номувозинатии фазо ва табиат оварда мерасонад.

Масалан дар китоби табиатшиносӣ бо муқоиса бар суду зиёни он ба таъкид омадааст, ки: “Аз буридани ҷангал қабати ҳосилхези хок зарар мебинад. Ин ҳолат ба биёбоншавӣ оварда мерасонад. Ҳамин тавр, инсон дар натиҷаи

фаъолияти худ ба олами наботот ва умуман ба табиат таъсири худро мерасонад" [165, 128].

Бояд қайд кард, ки муносибати инсон ба табиат ва манзараҳои зебои он, бо маданиятнокӣ ва дурбинии экологии ӯ низ вобастагии амиқ дорад. Инсони худшинос ва комил бояд огоҳ бошад, ки табиат фақат манзилу бошишгоҳи оддии зиндагии мо нест, вай инчунин сарчашмаи ҳузуру ҳаловат ва маншаи инкишофи сарвати маънавии этикӣ ва эстетикии мо мебошад. Ҳамчунон худ бояд донад, ки инсон зода, фарзанд ва парвардаи табиат ва муҳит аст. Пас, бо таваққуф бар ин иддао месазад гуфт, ки инсон ҳам, бояд табиатро ба ҳайси модари азизу арҷманди худ пазиро бошад ва тамоми мавҷудоти онро сипосгузорӣ кунад.

Мутаассифона ҷангалзорҳои Тоҷикистони мо, ки аз пистаю чормағз ва арча иборатанд, дар тӯли даҳ соли охир қариб ба микдори 12 ҳазор гектар кам шудаанд. Агар мо аз ҳозир роҳҳои истифодаи самаровари ҷангалзорҳоро, туғайзорҳои канори дарёи Омӯ ва Сирро ҷустуҷӯ накунем, мушкилотамон аз мушкилҳои басаровардаи баҳри Арал ҳам душвортар хоҳад шуд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ дар гузориши хеш дар Конфронси байналмилаии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амалиёт «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» бо таваҷҷуҳ ба ин хатароти экологӣ ва дигаргуншавии иқлими ҷаҳон хеле бамаврид қайд карда, ҳушдор дода буд, ки: «Вазъи экологӣ дар тамоми ҷаҳон дар ҳолати ноустувор қарор дорад… Омилҳои ногувори экологӣ имрӯз барои намудҳои нодири табиати зинда дар хушкию об хатар эҷод мекунанд. Оқибатҳои мушкилоти имрӯзаи экологӣ мумкин аст дар давраи даҳсолаҳо, ҳатто садсолаҳо ҳис карда шавад».

Дар робита ба мавзуъ вақте бозмегардем ба дараҷаи огоҳӣ бар ин вазъ, ки дар даврони садсолаҳо пеш низ аз вазъи экологӣ бо бонги изтироб хабар медоданд, бинобар ин ҳақ бар ҷониби Ибни Туфайл аст, ки ин мақсадро ҳанӯз

дар замони хеш пай бурда буд ва баланд бардоштани дарачаи маърифатнокии инсонро бар шинохти табиат аз авлавиятҳои ахлоқӣ, хирад ва тарбиявӣ маҳсуб мешуморид. Ҳифзу ҳимоят аз табиат низ бар асари хиради инсон болои кор меояд ва бар ҳамин амр аст, ки файласуфи Юнони қадим Пифагор қайд карда буд: «Чӣ хуш аст, ки шодкомиҳои инсон ба қонунҳои хирад асос меёбанд»[168, 130].

Ҳунар аз назаргоҳи Ибни Сино, воситаи таъмини рӯзгори нек, озодӣ аз ҳар гуна тангдастӣ ва нишонаи эътибору обрӯйии инсон ба шумор меравад. Ӯ ба он ҳидоят мекунад, ки ба воситаи ҳунар аз хурдсолӣ дар бачагон хислатҳои покӣ, самимият, росткорӣ, накӯӣ, ҳақиқатҷуӣ, ватанпарастӣ, далерӣ, чолокӣ ва дигар сифатҳои хуби инсониро бояд тарбия кард, то ки дар овони ҷавонӣ барои нигоҳ доштани тани солим ва тарбияи ақлӣ тавонанд беҳтарин омил бошанд.

Ба ақидаи Ибни Сино дар тарбияи шахси хирадманд сифатҳои хирадмандӣ кӯшишу ғайрат, шуҷоат, интизом, виҷдон, шараф, номус, садоқат, муҳаббат, ватандӯстӣ, меҳнатдӯстӣ, сабр ва дигар нишонаҳои ахлоқӣ нақши муҳим мебозанд. Ахлоқ дар рафтору кирдор, эътиқод, муомила, ҳаёти ҳаррӯза, фикру мулоҳиза, мушоҳида ва мулоқот зоҳир мегардад. Инсоне, ки соҳиби ахлоқи ҳамида буда, илму дониш омӯхта, тарбияи хуб дида ва шахси хирадманд мебошад, ҳамчунон метавонад соҳиби сифатҳои ахлоқии адлу инсоф, хоксорӣ, саховатмандӣ, некӣ, ватандӯстӣ, сабру таҳаммул, меҳнатдӯстӣ, дабирӣ, далериву матонат, интизоми қавӣ ва ғайра бошад ва ба дили мусоҳиб дарҳол роҳ ёфта, шахсияти пиру барноро эҳтиром мегузорад.

Умуман, Ибни Сино дар “Ҳай ибни Яқзон”афкори пандомези фаровонеро баён дошта, дар хилқати башарият тарбия намудани хусусиятҳои маърифатӣ, ҳамчунон аз қабили соҳиб шудан ба илму дониш, ҳунар ва монанди инҳоро ба як ҳиссиёти баланд тарғиб кардааст ва гуфтан ба маврид аст, ки андарзномаи ин мутафаккирони бузург дар боби таълимоти худшиносӣ ва такомули инсон ҳеҷ гоҳ қимати тарбиявии худро аз даст нахоҳад дод.

Падарон ва модарон дар ҳама давру замон вазифадор буданд, ки фарзандони худро ба мактаб фиристанд ва ба ӯ илму ҳунар омӯзонанд ва аз хислату рафтору кирдори онҳо огоҳ бошанд. Қабули қонуни «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» аз 2 августи соли 2011, таҳти № 762, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бар ҳамин асос хеле бамаврид буда, масъулияти падару модаронро дар таълиму тарбияи фарзандон бештар мегардонад, чунон ки дар сароғози он, дар моддаи 1 Қонун омадааст: «Қонуни мазкур масъулияти падару модар ва шахсоне, ки онҳоро иваз мекунанд (минбаъд-падару модар), дар таълиму тарбияи фарзанд танзим менамояд» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, № 7–8), ки ин иқдом барои муваззафгардонии онҳо ба пос доштани расму ойинҳо ва фарҳанги ниёгон ва худогоҳиву худшиносиву ватандӯстии насли наврас ва ҷавони кишварамон хеле мувофиқи мақсад мебошад.

А. Бижан дар китоби худ «Чашмандози тарбият дар Эрон пеш аз Ислом» мегӯяд: Дар китоби «Австо» омадааст «Агар туро фарзанд хурдсол аст, ӯро ба дабистон бифирист, зеро ки фурӯғи дониш чашми равшан ва биност». [40]. Ӯ ба ин восита таъкид мекунад, ки фарзандон низ дар навбати худ вазифадор буданд, ки ҳурмати падару модарро ба ҷо оваранд.

Мутобиқи ин ақидаҳо, омӯзгор бояд ба шахсияти ҳар донишомӯз эҳтироми зиёд дошта бошад, зеро масъуланд, ки ба бачагон таълими динӣ ва дунявро мувофиқи мақсад ба роҳ монанд.

Назарияи ахлоқии “Авесто” дар асрҳои минбаъда ҳамчун қонун ва қоидаҳои рафтори халқҳои Шарқи асримиёнагӣ хизмат кардааст. Этикаи “Авасто” таҳқурсие гардида буд, ки бисёре аз равияҳои диниву ирфонӣ, бахусус тасаввуф дар заминаи бархурдорӣ аз он назарияи одобу ахлоқии худро бунёд кард.

Ахлоқи “Авесто” ягонагии дин аз қонуну қоидаҳои шаҳрвандии рафтори инсон аст, ки ҳиссиёти ғазаб, бадбинӣ ва дурӯғро назорат мекунад: бо

тарсонидан аз ҷазои Аҳрумаздо ахлоқ, адолат, тозагӣ, таҳаммул ва назарияи некхоҳонро дар ҳали масъалаҳои иҷтимоӣ, меҳнатӣ ва ҳаёти хонаводагӣ талаб менамояд. Агар ба “Авесто” назар афканем, муҳимтарин талаботи зеринро мебинем: эътиқод ба ягонагӣ, парваришӣ кӯдакон, иҷрои васиятнома, шартномаи ӯҳдадорӣ, ҳақиқат ва адолатпарастӣ, риояи қасам дар ишқ, садақа ё бахшиш дар корҳои нек ва ғайра… [180, с.177].

Мутобиқи назариёти ин даврон барномаи таълиму тарбияи насли наврас аз ин қисмҳо иборат буд: тарбияи ахлоқӣ, динӣ, ҷисмонӣ, хондан, навиштан ва ҳисоб кардан.

Занону духтарони аъёну ашроф санъати аспсаворӣ, чавгонбозӣ, адабиёт ва мусиқиро низ меомӯхтанд, аммо дар ҳар маврид ахлоқи шоисташу ҳамида ва бо назофат нигоҳ доштани он вазифаи ҳар инсон ба шумор мерафт.

Аз ҷумла, аҳамияти асосҳои дидактикӣ ва одобу ахлоқи “Ҳай ибни Яқзон” дар он аст, ки ҳақиқати иҷтимоӣ, адолат ва ақидаҳои аввалини педагоӣ аз зумраи “пиндори нек, кирдори нек”, “гуфтор нек”, “хоксорӣ” , “риояи қоидаҳои ҷамъиятӣ”-иро бо бардошт аз «Авесто» ва сифатҳои ахлоқии дигарро низ дар рӯҳияи саромади некӣ, таблиғ намуда, инсонро бо ин роҳ масъули шинохту қадрпазирии тарбия қарор медиҳад.

Яке аз унсурҳои тарбияи ахлоқии «Ҳай ибни Яқзон» масъалаи “ҳалқаи комил” мебошад. Барои муайян намудани дараҷаи инкишофи ақлӣ ва ҷисмонӣ (камолёбӣ) дар инсоният бо мақсади ноил гардидан ба камолоти ахлоқӣ бояд илмҳоро азхуд кунад ва барои ба камолоти ҷисмонӣ расидан мубориза барад. Аз ин ҷост, ки принсипҳои ахлоқии таълимоти “Ҳай ибни Яқзон” бо бардошт аз даъватҳои китоби муқаддаси “Авесто” чунинанд: “Пиндори нек”, “кирдори нек”, “гуфтори нек”.

Некиву накӯкорӣ низ дар оини ҷавонмардӣ мавқеъи намоён дошта, ҳамаи кӯшишҳо ва худдориҳои онҳо барои расидан ба камолот аз мабдаи ахлоқӣ сар мезанад. Накӯкор шудан, хирадманд будан аз заруратҳои ҳастии инсонӣ ба

шумор меравад. Ин аст, ки миёни ҳамаи мавҷудот, ки бо табиати мо ҳамоҳанганд, хирад аст, ки бо бартарияти хеш писандидаву пазируфтанист.

Рафтор, тибқи усули хирад ҳамоно фазилат, яъне ҳунари ахлоқӣ аст ва аз ин ҷост, ки хирад рафтор ва ҳунари инсонро шоиста ва нишонаи некиву накукорӣ донистаанд. Гузашта аз ин, пайравони ҷавонмардӣ некиро сарфи назар аз миллату мазҳаб, ҳатто ба душманон низ аз ин нигоҳ ҳамоҳанг мекарданд, чунон ки бо ин назми Фаридаддуни Аттор иқтибос мекунад:

Накун бад бо касе, к-ӯ бо ту бад кард,

Ту некӣ кун, агар ҳасти ҷавонмард [83, с.38].

Ба ҳамин монанд Ибни Сино тарбияи ахлоқиро бе ташаккули ақлу хиради инсонӣ ба худ тасаввур карда наметавонист. Ӯ ақлу хиради инсонро сарчашмаи ахлоқи инсонӣ ҳисоб карда буд.

Ибни Сино шакл ва нишонаҳои гуногуни ахлоқиро муайян намуда, ҳамаи намудҳои ақлро ба Ақли Мутлақ (Ҳақ) вобаста медонист, вале ба ақли фаъол диққати махсус дода буд, ки маҳз бо шарофати он имконият ба воқеият табдил меёбад.

Аз рӯйии нишондоди Ибни Сино, ақли амалӣ дар худ дигар қувваҳои ақлиро муттаҳид мекунад. Тамоми ҳаёти ахлоқии инсон мувофиқи гуфтаи ӯ ба ақли амалӣ такя мекунанд, ки инро баъзан ақли “фаъол”, “серҳаракат» низ менамуданд. Аз рӯйии ақидаи Ибни Сино, агар ақли амалӣ инсонро идора кунад, он гоҳ инсон то ба дарҷаи ҳайвон расиданаш мумкин аст. Шавқу рағбат ҳамон вақт хуб аст, ки агар аз тарфи ақл идора карда шавад. Аз ин рӯ, ӯ ахлоқро бе ақли амалӣ ба худ тасаввур карда наметавонист.

Хислатҳои чашмгуруснагӣ, хасисӣ, ҷоҳилӣ, бераҳмӣ, баднафсӣ ва ғайраҳоро метавон ба воситаи ақли амалӣ идора кард. Бузургии ақли амалиро ӯ дар он медид, ки идоракуниро мутобиқи донишҳои андӯхтааш муайян карда метавонад.

Дар ақидаҳои ахлоқии Ибни Сино лазати ботинӣ ва лазати зоҳирӣ низ мавриди таҳлил қарор ёфтаанд. Агар лаззат дар хурдану осудан мебуд, -гуфтааст ӯ, -ҳоли чорпоён аз ҳама афзалият медошт.

Аз рӯйии ақидаи Ибни Мискавайҳ инсон аз рӯзи таваллуд “лавҳи пок” мебошад, қобил аст, ки аз лиҳози назарӣ ва амалӣ бо андухтани маърифат ва беҳтар намудани хулқу хӯ, такомул ёбад [59, с.18].

Аз қавли дигар: «Адаб сиёнати (муҳофизат) нафс аст аз қавли нописандида ва феъли носутуда худро ва мардумро дар пояи ҳурмат нигоҳ доштан . Обрӯйии худу дигарон нарехтан» [197, с.12].

Инсон ба воситаи илму хирад ва дониш аз ҷаҳлу нодонӣ халос шуда, ба ҷамъият фоида меоварад. Зеро бузургии инсон, ҳиммати ӯ ба халқу Ватан, беҳбудии зиндагиаш ба ақлу хирад, ба донишаш вобаста аст. Одамони бехирад ва бедониш ҷаҳолатпараст ва қоҳил мебошанд [84, 65].

Аз рӯйии моҳият ва мазмуни худ ахлоқ характери ҷамъиятӣ дошта, баробари тараққӣ ёфтани ҷамъият дигар мешавад. Моҳияти ахлоқ дар давраҳои хели қадим, махсусан дар давраи ҷомеаи ибтидоӣ аз он иборат буд, ки дар он давра муборизаи одамон бар зидди офатҳои табиӣ ҳамчун зарурият ба миён меомад. Зеро бе ҳамкорӣ ва ёрии ҳамдигар одамон зиндагӣ карда наметавонистанд. Аз ин рӯ, ахлоқ барои ба тартиб андохтани муносибатҳои байни одамон ҳамчун аслиҳаи муҳим хизмат мекард [84, с.79].

Таҳлили фалсафии афкори ҳаёти маънавии ҷамъияти инсонӣ исбот менамояд, ки ахлоқ баробари ивазшавии сохти ҷамъиятӣ тағйир меёбад ва дар ҷамъияти нав мазмун, вазифаҳо ва принспҳои навро қабул менамояд. Ин чунин маъно дорад, ки ҳар як ҷамъият низом, тартиб, қоидаҳо, талабот ва вазифаҳои ба худ хосро ба миён мегузорад. Вобаста ба ин моҳияту мазмуни ахлоқ тағйир меёбад. Дар ин бора ахлоқи ҷамъияатҳои ибтидоӣ, ғуломдорӣ, феодалӣ, капиталистӣ ва сотсиалистӣ мисоли рӯшан шуда метавонанд. Дар ҷамъияте, ки синфҳо ва гӯрҳҳои гуногуни иҷтимоии бо ҳам муқобил мавҷуданд, ахлоқи

ягона барои ҳамаи аъзоёни ҷамъият имконпазир мебошад. Таҷрибаи таърихӣ гувоҳӣ медиҳад, ки табақаи болонишин ахлоқӣ хукмравой ва табақаҳои поён ахлоқи фармонбардорӣ доштанд ва ахлоқ харктери синфӣ дошт [84, с. 80].

Аз ин лиҳоз, ахлоқ мафҳуми тағйирёбанда буда, он бо мурури замон таҷдид ва бо эътибори афкори ҷомеа дастгирӣ меёбад: «Дар ҳамин радиф талабот ба ахлоқ, меъёрҳо, феълу одат, ғояҳои мауйян афзоиш ёфта, ба таври пешниҳод нисбати одамон чӣ гуна бояд зиндагӣ кунанд, дар ҷомеа чӣ тавр рафтор намоянд, низ қабул карда мешавад. Танҳо сохти демократӣ доштани ҷомеа тафовути байни ахлоқи нобаробари синфиро аз байн бардошта, ҳуқуқи баробарию бародарии одамонро таъмин карда метавонад, чунки ҷамъияти комилан гуманистӣ аст» [186, с.140].

Сохтори ҷомеаи демократӣ ва дунявият зиддиятҳои байни синфҳо, табақаҳои гуногуни иҷтимоии ҷомеаро бартараф намуда, эҳтирому якдигарфаҳмии ҳамаи шаҳрвандонро таъмин намуд, ки ин барои тарбияи ахлоқии одамон шароитҳои мусоид фароҳам овард.

Дар бораи зарурияти тарбияи ахлоқӣ пажӯҳишгари тоҷик Меликӯзӣ Ҷаъфаров дар рисолаи худ “Ваҳдати миллӣ – пояи устувори мустақилияти Ҷумҳурӣ” менависад: “Дар давраи ҳозира ҳаёти маънавии ҷомеа хело коста шудааст ва ахлоқу рафтори бисёр ҷавонони мо рӯ ба таназзул рӯ овардааст. Аз ин рӯ, тарбияи насли наврас ва бо роҳи дуруст ворид кардани онҳо вазифаи муқаддаси ҳар як фарди ватандӯст ва соҳибхирад ба шумор меравад. Калонсолони Ҷумҳурӣ, устодон ҳуқуқи маънавӣ надоранд, ки ба пастравии ахлоқи ҷавонон роҳ диҳанд. Ҷавонони Ҷумҳурӣ ояндаи мо мебошанд. Ва агар мо онҳоро ҳамчун одамони бомаърифат, маданӣ, хушрафтор, ҳамчун шаҳрвандони ватанпарвару ватандӯст, мутахассисони донишманду кордон тарбия накунему ба камол нарасонем, дар он сурат ояндаи ҷумҳурии мо дурахшон ва халқи он ободу ҳаматарафа солим буда наметавонад” [186, 142].

Тарбияи одамон дар рӯҳи ахлоқи ҳамида яке аз масъалаҳои муҳимтарини сохтори ҷомеаи демократӣ ба ҳисоб меравад. Зарурияти татбиқи амалии ин масъала талаби объективии сохтори ҷомеаи демократӣ мебошад. Дар рафти барпо намудани давлати демократии ҳуқуқбунёди дунявӣ дар Тоҷикистон нақши принсипҳои ахлоқӣ дар ҳаёти ҷомеа торафт зиёд мешавад, доираи таъсири омилҳои ахлоқӣ васеъ мегардад ва мувофиқи ҳамин аҳамияти бо роҳи маъмурӣ батартибандозии муносибатҳои байни одамон кам мешавад. Аз ин рӯ, Президенти мамлакат, Ҳукумати Ҷумҳурӣ ва давлат тамоми шаклҳои интизоми шахсии бошууронаи шаҳрвандиро, ки боиси мустаҳкам шудан ва такмил ёфтани қоидаҳои асосии зисту зиндагонии мардум мегарданд, ривоҷ медиҳанд [84, 83].

Фалсафаи инкишофи муносибати инсон ва ахлоқи ҳамида нишон медиҳад, ки тарбияи ахлоқӣ аз давраҳои хеле қадим яке аз масъалаҳои муҳими фаъолияти давлату ҳукумат ва мамлакатҳо буда, ба он диққати махсус дода мешуд. Танҳо дар натиҷаи тарбия аз байни одамон сарварону доҳиёни беҳтарини халқу ватан ба миён меоянд, ки онҳо барои инкишофи мамлакат, муттаҳид намудани халқу миллат, пешрафту идоракунии ҷамъият, мустаҳкам намудани сохти давлату давлатдорӣ, муҳофизати Ватан ва ҳимояи манфиатҳои оммаҳои меҳнаткашон ҳиссаи сазовор мегузоранд.

Дар натиҷаи тарбияи мунтазам ва самаранок аз байни халқу миллат файласуфон, таърихшиносон, омӯзгорон, шоирону нависандагон, конструкторону муҳандисон, сиёсатмадорон, лашкаркашони машҳур ба майдон меоянд, ки онҳо барои рушди мамлакат, ҳаёти маънавӣ, муносибатҳои иҷтимоӣ, мудофиаи Ватан ҳиссаи арзанда мегузоранд. Бинобар ин тарбия, махсусан тарбияи ахлоқӣ як ҳиссаи таркибии сиёсати давлату ҳукумат мебошад, ки имрӯзҳо ба ин масъала диққати махсус дода мешавад.

Ахлоқ, ҳамчун шакли шуури ҷамъиятӣ таҷрибаи чандинасраи муносибатҳои одамонро ҷамъбаст мекунад ва на танҳо муносиботи одамонро

мураттаб мегардонад, балки дар ташаккулёбии шахсият ҳам муассир буда, ба ҳама ҷиҳатҳои ҳаёти ҷамъиятӣ таъсир мерасонад. Барои ҳамин ҳам диққати классикони адабиёти ирфониву тасаввуфӣ, аз ҷумла Ибни Синоро дар он даврон пеш аз ҳама ҳамин масъалаи муҳимми ҳаётӣ ба худ ҷалб карда буд.

Таҳлили фалсафии афкори сиёсию иҷтимоии ҷамъият исбот менамояд, ки дар тамоми даврaҳои таърихи башар мавзӯи тарбияи ахлоқӣ дар маркази диққати ҷамъият меистад.

Диалектикаи инкишофи тарбия аз он иборат аст, ки хоҳ дар ҷамъияти ибтидоӣ, хоҳ дар ҷамъиятҳои ғуломдорӣ, феодалӣ, капиталистӣ ва сосиалистӣ моҳияту мазмуни тарбия, аз мустаҳкам намудани сохти ҷамъиятӣ иборат аст.

Вазифа ва мазмуни асосии тарбияи ахлоқӣ дар асоси он меъёрҳое, ки халқ дар давоми ҳазорсолаҳо муайян кардааст, муайян гардида ва аҳамияти онҳоро инъикос менамоянд. Таъсири ахлоқ монанди ақлу фаросати инсонӣ ҳадду ҳудуд надорад. Агар кас ба умеди манфиат ва хоҳишҳои шахсӣ нашуда, худро тобеи қонун гардонида тавонад, сарчашмаи ҳақиқат ва сармояи ахлоқиро ба даст меоварад [143, 14].

Дар шароити сохтори ҷомеаи демократӣ ва барпо намудани давлати ҳуқуқбунёди дунявӣ вазифаҳои тарбияи ахлоқӣ торафт мураккаб мегарданд. Бинобар ин Ҳукумати Ҷумҳурӣ ва давлати демократии дунявии Тоҷикистон фаъолияти доимии ҳамаи ташкилотҳои давлатию ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, муасиса ва марказҳои идеологиро ба он сафарбар менамояд, ки дар мамлакати мо тарбияи ахлоқии шаҳрвандон дар роҳи дӯстию рафоқат, бародарию баробарӣ, ҳамкорию якдигарфаҳмӣ, масъулиятнокию вазифашиносии баланд, меҳнатдӯстию поквиҷдонӣ, бошарафию мардонагӣ, ватандӯстию инсонпарварӣ қадршиносии миллию байналмиллалӣ, эътиқоди баланди идеявӣ, некбинию накӯкорӣ, ростиву покдоманӣ, раҳму шафқат, саховатмандӣ, шарму ҳаё, дӯстии самимиву беғаразона, муқаддас донистани халқу оби Ватан, шаъну шарафи мардуми он, падару модарон, калонсолони оилавию ҷомеа, эҳтироми

ҳамсолону хурдсолон, пеш будан ва садоқати бепоёни халқи тоҷикро ба халқу миллат ва ватани азизамон парваранд [84, с.85].

Олими маъруфи тоҷик М. Лутфуллоев дар асараш “Эҳёи педагогикаи Аҷам” доир ба мавқеи таърихии инсон чунин менависад: “Инсон! Чун ин калимаро ба забон меорем, ҷаҳон ва манзараи он пеши назар меояд. Инсон, яъне тафаккур, ақлу хирад, барномаҳою нақшаҳо; инсон, яъне ободии рӯйии замин, сохтмонҳои азим, қасру хушкиҳо; инсон, яъне ҳазорон иншоотҳо, заминҳои ҳосилхез, боғу роғҳо, синаи чоки кӯҳҳо; инсон яъне тадқиқотҳо, техникаи пуриқтидор, воситаҳои истеҳсолот, яроқу аслиҳаҳо; инсон ғанювати ҷаҳони маънавӣ, ғизои рӯҳ, илми ҳолу қол; инсон насли худ, давомот ва мавҷудияти худ” [88, с.42].

Тарбияи ахлоқӣ имконият медиҳад, ки мо бунёдкорон, созандагон ва ободкунандагони Тоҷикистони азизамонро аз ҷиҳати ахлоқӣ обу тоб дода, ҳамчун ворисони аҷдодони худ ба камол расонем. Таҳлили фалсафии равандҳои тарбияи ахлоқӣ нишон медиҳад, ки солимии муҳити маънавӣ ва самаранокии тарбияи одами дорои ахлоқи ҳамида, ба ташаббус ва фаолияти ҳамаи қувваҳои бошуури ҷомеа вобаста аст.

Мақоми волотарину аввалиндараҷаи хирадро эътироф намудани Ибни Сино чун дигар мутафаккирони адабпарвари форс-тоҷик маҳз дар он манзар намоён мегардад, ки ӯ дар «Ҳай ибни Яқзон”-и хеш сароғоз пас аз ситоиши Худованд ситоиши хирадро ҷой додааст ва ин иқдоми ӯ чӣ аз ҷиҳати тарбиявӣ ва чӣ таълимӣ асоси инкишофи афкори педагогии шоирро ба сароҳат аён намудааст ва ин намунаро метавон бо бардошт аз осори Фирдавсиву Низомиву Тусиву дигар мутафаккирони форс тоҷик арзёбӣ кард ва ин тарзи корбурди санъати бадеиро дар осори дигар классикони адабпарвар низ дучор омадан мумкин аст.

Ба андешаи мутафаккирони тоҷик, хирад беҳтарин бахшиши Худованд аст ба инсонҳо, вале касе метавонад худованди хирад гардад, ки пайваста

биомӯзад, таҷрибаву дониш андӯзад ва афкори муттааллими хешро намунаи ибрати дигарон армуғон дошта бошад, зеро ба ақидаи ӯ “Хирад афсари тоҷдорон ва зевари шаҳриёрон бувад!”

Донишу хирад касро арҷманду тавоно мегардонад. Марди хирад дорои хусусиятҳои ахлоқии меҳрубонӣ, накӯкорӣ, ростгӯӣ, бовафоӣ, нармсуханӣ, фурӯтанӣ, бомулоҳизагӣ ва ҷавонмардву футувватпешагӣ мебошад ва дар рафти ҳаёт дӯстиву рафоқат, сулҳу сафо, некномӣ меҷӯяд, сухани ҳақ мегӯяд ва аз ҳама гуна бадиҳо даст мешӯяд.

Инсоне, ки соҳиби ахлоқи ҳамида буда, илму дониш омӯхта, тарбияи хуб дида ва шахси хирадманд мебошад, ҳамзамон метавонад соҳиби сифатҳои ахлоқӣ, аз қабили нармгуфторӣ, раиятпарварӣ, мусолиҳакорӣ, меҳрубонӣ, ҳақиқатҷӯӣ, парҳез кардан аз дуруштию размҷӯӣ бошад.

Одобу ахлоқи ҳақиқӣ, одамияти инсон, маданияти он дар эҳтироми якдигар, хусусан пиронсолон, дар инсонпарварӣ, эҳтиёт кардани молу мулки ҷамъият, давлат ва амсоли инҳо зоҳир мегардад. Агарчӣ аксари ин суннат дар ягон қонун махсус сабт наёфтааст, вале он дар саҳифаҳои таърих навишташуда, дар анъанаи ҳазорсолаи халқамон, дар афкори мардумӣ ва осори гаронбаҳои ниёгонамон ифода ёфтааст. Халқи тоҷик маҳз бо ҳамин суннати инсонпарваронаи худ машҳур гардидааст. Шоири маҳбуби мо Мирзо Турсунзода гуфтааст: «Расми хуби тоҷиконро гум макун» -гуфтааст [95, с.141].

Аз ҷумла, Аҳмади Дониш ақидаҳои мутафакирони пешинро давом дода, одамонро ба инсондӯстӣ, накӯкорӣ, хоксорӣ, баландҳиматӣ, дӯстию рафоқат ва дигар сифатҳои ахлоқи ҳамидаи инсоние даъват намудааст, ки одамон дар ҳар вазъу ҳолат бояд нисбати пирону ятимон ва барҷомондагон ғамхор бошанд [131, с.140].

Асосҳои илмӣ-методологӣ ва назариявии тарбияи ахлоқӣ дар ҳама давру замон мухолифи вайронкориву ташаннуҷҳои зараровар буданд ва инсониятро ба тариқи андарзҳои ахлоқӣ ба тариқи дастовардҳои илмҳои педагогӣ ва

маъорифпарваронаи ирфониву фалсафӣ-этикӣ бештар ба назарияи ахлоқ наздикиву қаробат медоданд. Аз ин рӯйии фаҳмиши фалсафи ахлоқ воқеаи таърихӣ буда, шакли мураккаби шуури ҷамъиятӣ мебошад, ки рафтор ва ахлоқу атвори одамро ҷамъиятӣ ва асосҳои моддии онро бо ташаккул ба меъёрҳои ҷамъият мутобиқ гардонда, инкишофи қоидаҳои рафтору одби онро ба роҳ монда, талаботҳои обективии онро бо сохти ҷамъиятӣ ва асосҳои модди он, ба таври инкишофдиҳӣ тағйир медиҳад ва ин аст, ки ахлоқро маҷӯи умумии принсипҳо, меъёрҳо ва қоидаҳои рафтору одобу рафтор арзёбӣ намудаанд, талаботи обективии сохти ҷамъиятиро муайян мекунад.

Меъёрҳои ахлоқӣ, ки онҳоро ҷамъият муайян менамояд, бояд аз хурдсолӣ оғоз ёфта, дар таҷрибаи маънавии одами парваришгардида тадбиқи амалии худро ёбад. Меъёрҳои ахлоқӣ бошанд дар фаъоляти амалӣ, дар муносибати ҳамдигарӣ, дар рафтори ҳаррӯзаи бачагон, дар ҷараёни тарбияи онҳо инъикоси худро меёбад [56, с.127].

Чунон ки болотар қайд кардем, дар таърихи афкор ва андешаҳои иҷтимоию сиёсӣ масъалаҳои ахлоқ дар фалсафа, тасаввуф, дину мазҳабҳо баррасӣ мешуданд. Ҳатто мутасаввифони момегуфтанд, ки тасаввуф худ ахлоқ аст. Дар дин ахлоқ ва покии он, бунёди имон маҳсуб мешавад. Яке аз шайхони бузурги олами ислом Ҷунайди Бағдодӣ гуфта буд: «Ҳақиқати дин покии дил аст аз ҳама чизҳо ва оромии дил бо Ҳақ» [44,с.87 ]. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки ахлоқ на танҳо омилҳои ҷамъиятиро ташкил медиҳад, балкӣ ба рафтору атвори инсон низ таъсиргузор мебошад.

Дар таърихи башарият бо мурури қарнҳову садаҳо ҷомеаҳои инсонӣ тағйир меёбанд. Ахлоқ яке аз зуҳуроти маънавиёт ва сарвати рӯҳонии инсон аст, аммо он мисли муносибатҳои иқтисодӣ ва сохторҳои сиёси тағйироти куллӣ намепазирад. Масалан, капитализм тамоми сохторҳои давлатӣ ва муносибатҳои иқтисоди феодализмро ба куллӣ тағйир дод, лекин мо гуфта наметавонем, ки капитализм тамоми захираҳои маънавӣ, яъне санъат, адабиёт,

мусиқии замони феодалиро билкулл тағйир дод, ки аз он осоре боқӣ намонда бошад [144, с.80].

Мо масоили иртиботи ахлоқиро, ки дар осори мутафаккирони Шарқ ва Ғарб мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, бо муқиса бар осори Ибни Сино қариб дар ҳама маврид ҳаммаъно дарёфтем. Чунон ки дар маркази таълимоти ахлоқии Ибни Сино таъсири гузаштагон, бахусус Ибни Сино мушаххас намудем ва аз таҳлилҳо қаблан низ масъалаи тарбия ва ташаккули ахлоқи ҳамидаи инсонро пеш аз ҳар назари дигар ба мушоҳида гирифтем.

Абӯалӣ ибни Сино хулқи инсон ва фазилатҳо ахлоқии ӯро зотӣ ва тағйирнопазир намешумурд. Ба фикри вай, ахлоқ маҳсули муҳити иҷтимоӣ буда, дар муносибатҳои байни одамон ташаккул меёбад. “Касе ки мехоҳад дар ахлоқ ва одати худ тасарруф бикунад, бояд аз ахлоқ ва сифату одати мардум огоҳ шуда, онҳоро бо ахлоқ ва сират ва одати худ муқоиса бинамояд ва бидонад, ки ӯ ҳам монанди дигарон аст, афроди башар мисл ва шабеҳи ҳамдигаранд” [3,с.87].

Принсипҳои дидактикӣ дар эҷодиёти шифоҳии халқ бо вуҷуди соддагии худ инъикос ёфтааст. Дар ёдгориҳои педагогикаи халқӣ, ки дар муддати садсолаҳо барпо гардидааст, роҳҳо ва усулҳои ва талаботи оддии педагогӣ ба вуҷуд омадаанд. Таҳқиқотчии машҳур дар соҳаи педагогикаи халқи тасдиқ мекунад, ки дидактизм яке аз хусусияти афсона мебошад. Хусусияти дидактики афсона дар он аст, ки дар онҳо мазмун на ба таври муҳокимаҳои умумӣ ва панду ҳикматҳо, балки бо образҳои равшан ва усулҳои боэътимод дода мешавад.

Дар  педагогикаи халқӣ гоҳо лаҳзаҳоеро вомехӯрем, ки бидуни дониш маҳорату малакаҳо ба даст оварда мешавад. Дидактикаи муосир, ки бо нақшаи: «дониш-маҳорат-малака» кор мекунад, ба онҳое дахл дорад, ки бевосита дорои тафаккури абстрактӣ дедуктивии мебошанд, онҳо аз умум ба мушаххас мегузаранд, вале қисми зиёди мактаббачагони синфҳои ибтидоӣ ва миёна

тафаккури мушаххас-сурорӣ (образӣ), таҷрибавӣ доранд. Барои ин гурӯҳи кӯдакон дар асоси индуктивӣ таълим бояд аз мушаххас ба абстракт ибтидо гирад, яъне аз маҳорат ба дониш гузаштан ба мақсад мувофиқ аст [34,с.75].

Педагогикаи этникӣ-яке аз самтҳои педагогикаи илмӣ буда, алоқамандӣ, баҳамтаъсиррасонии этнография, эҷодиёти даҳонии халқ ва педагогикаи халқҳои гуногунро меомӯзад. Маданияти миллӣ ҳамеша аз маданияти дигар ғизо мегирад. Муқобил гузоштани маданият, сиёсат ва дастовардҳои халқҳои дигар бо халқи худ мумкин аст ба оқибатҳои фоҷиаовар оварда расонад, аз ин хотир, дар мазмун таҳсилот зарур аст, ки аз аввал алоқамандии фарҳангҳои гуногунро таъмин намоем. Ин бештар дар минтақаҳое, ки мазмуни зиёди этникӣ доранд, ниҳоят муҳим аст.

Муаллим қобилияти дар худ мутаҳҳид кардани фарҳанги миллии гуногунро дар асоси донишҳо (анъанаҳо, расму русум ва дигарон) ва фаҳмишҳо бо мақсади дар фаъолияти таълимӣ-тарбиявии худ истифода бурдан неруи васеи фарҳанги миллӣ дар густариши ҳаматарафаи шуури маданияти этникии хонандагон дӯстӣ, ҳамкории безуроварӣ дар инкишофи маънавиёт, фозилӣ, ахлоқӣ тавассути донишҳои амиқ намудани донишҳои худ ва дигар фарҳангҳои минтақавӣ талаботи замон аст. Дар ин маврид, вазифаҳои педагогикаи муаллим аз инҳо иборат мешаванд:

-дар омӯзгори оянда ташаккул додани тасаввурот оид ба фарҳанги халқӣ ва роҳҳои истифодаи вай дар ҷараёни тарбия;

-таҳияи низоми донишҳо доир ба тарбия ва таълимӣ омӯзгорони оянда дар асоси фарҳанги миллии минтақавӣ;

-таҷаддуди амалияи гуманистии этнопедагогӣ.

Дар охири ин бахши рисолаи худ ба хулосае расидем, ки мавзӯи таълимоти ахлоқии Ибни Сино ба монанди Ибни Сино иборат аз риояти тозагию озодагии хулқи инсон, дӯстию рафоқат, муҳаббату эҳтиром, илмомӯзӣ ва ғайраҳо мебошад. Қайд кардан бамаврид аст, ки дар таълимоти файласуф

масъалаҳои ахлоқ алоқамндона бо мушоҳидаҳои писхологии вай ифода меёбанд. Яъне онҳо аз назари ҳиссиёт ҳолатҳои психологӣ ва рӯҳии инсон баён карда мешаванд ва ба таълимотҳои Арасту ва Ибни Сино вобастагии амиқ доранд.

Ва ҳам бояд афзӯд, ки Ибни Сино дар саросари осори хеш ба масъалаи ирфон баргашта, дар сурати ба тариқи ақидаҳои ирфониву фалсафӣ ва сирф таълимотиву педагогиаш доир ба ҷиҳати оқилонаи кор гирифтан аз одобу ахлоқ ва дар сиришт парвардани хисоли некӯро ҳидоят менамояд ва ақидаҳои натурфалсафаи Арасту ва Ибни Синоро ба усулҳои таълимоти навафлотуния ва машшоия омезиш дода, сифоти некӯ ва писандидаи илмии назариёти онҳоро ба баррасии илми навини таълим вогузор мекунад.

## Хулосаи боби якум

Чунон ки аз таҳлилҳои боло бармеояд:

1. Дар этикаи мутафаккирон фарди абстрактӣ, таъғйирнопазирии одам ба асос гирифта шудааст.

2. Ибни Сино одамро аз мадди назар гузаронида, баъзе ҷиҳатҳои ӯро ба ҳайвон, ҷирмҳои осмонӣ, ва ҷамоли Худованд монанд мекард.

3. Унсурмаолии Кайковус таъкид менамояд, ки боигарии табиат ва ҳастии он ба шахсони махсус, ба намояндагони табақаҳои болоӣ тааллуқ надошта, балки марбут ба оммаи мардум, аз ҷумла ризқу рӯзии ҳамагон мебошанд. Аз ин андешаҳо бармеояд, ки инсони комил ва маданӣ нисбат ба табиату ҷамъият бояд ғамхор меҳрубон ва масъулиятшинос бошад.

4. Рисолаи фалсафӣ, ахлоқӣ, ирфонию бадеии Ибни Сино “Ҳай ибни Яқзон”, дар қатори дигар асарҳои ирфонии мутафаккирон ҷой ва мавқеи махсусро ишғол менамояд. Истеъдоди фавқулода ба Ибни Сино имконият додааст, ки муҳимтарин масъалаҳои таълиму тарбия, илмӣ-педагогӣ, равонӣ,

ирфонӣ, ахлоқӣ ва ҷамъиятию сиёсиро ба тавассути образҳои рамзию бадеӣ таҳқиқ намояд.

5. Аз таҳлилу тавсифоти меъёрии ахлоқие, ки Амир Хусрави Деҳлавӣ пешниҳод кардааст, ба хубӣ бармеояд, ки ӯ ҳимоя кардани манфиати халқ ва таъмин кардани хушбахтӣ ва саодатмандии умумро сифати аъмол ва афъоли дурусти инсоният ҳисоб мекард. Ӯ тамоми ҳаёти худро дар ин ҷодаи пуршараф сарф намуда буд, агарчӣ бо сабаби нобасомониҳои замона натиҷаи дилхоҳ ба даст оварда натавонист.

6. Мақсаду матлаби рисолаи “Ҳай ибни Яқзон” нахуст ҷавобгӯи талаботи замони худи ӯ ва баъдан тавсифи консепсияи муҳимми илми педагогика ва дархурди ҳама давру айём буда, саодати инсон ва тарбияи ахлоқии башарият дар ин асари мутафаккирони барҷаста мавқеи марказиро ишғол намудааст.

# БОБИ 2. ВАЗЪИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ НАВРАСОНУ ҶАВОНОН ВА КОРИ ТАҶРИБАВӢ- ОЗМОИШӢ ОИД БА ТАКМИЛИ ОН БО ИСТИФОДАИ АФКОРИ ПЕДАГОГИИ МУТАФАККИРОНИ ФОРСУ ТОҶИКИ АСРҲОИ XII-XIII

## 2.1. Технологияи истифодаи ахлоқи мутафккирони форсу тоҷик дар раванди муосири таълим ва тарбияи насли наврас

Ибни Туфайл, ки дар сароғози ин тамаддун қарор дошт ва бо осори пандуахлоқии хеш роҳи маърифатии ин пасовандонро кушоиш бахшида буд, донишу маърифату хирадро сутуда, ақлро оинаи дил, сабаби шарафмандӣ ва сифати аслии инсони хирадманд донистааст. Ӯ дар осори хеш дар бораи ақлу хирад, фурӯтанӣ, донишмандӣ ва дигар сифатҳои ҳамидаи шоирону уламои он давра дар сӯҳбатҳо, ҷамъомадҳо изҳори андеша кардааст, ки ин ёддошт ва хотироти нодирмаъонӣ дорои аҳаммияти бағоят бузурги тарбиявӣ мебошанд. Дар ин маврид хусусан ҳамсуҳбат шудани Қозизодаи Сиистонӣ бо Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ хеле хотирмон ва аз лиҳози тарбиявӣ пандомез аст.

Ибни Туфайл баробари васфи ахлоқи ҳамида ва рафтору кирдори нек, ҳамзамон бадахлоқию бадкирдорӣ, бадрафторӣ, аблаҳӣ, бехирадӣ, бахилию ҳасад, аҳмақӣ, ғурур, беадолатию бераҳмӣ ва дигар сифатҳои бади инсониро бо нишон додани мисолу масалҳо дар ҳикоятҳои пандомези худ маҳкум намудааст.

Шахсияти ҳамаҷониба рушдкарда, яъне ҷисман солим, ахлоқан пок ва рӯҳан ғанӣ дар адабиёти классикии мардуми тоҷик бо номи “инсони комил” бештар васф шудааст, ки ин сифат низ моҳияти ирфонӣ ва тарбиявию педагогӣ дорад.

Набояд фаромӯш кард, ки мафҳуми “рӯҳан ғанӣ” на танҳо маънои донишмандию соҳиби касбу ҳунар ва маҳорату соҳибистеъдод буданро дорад, балки донишмандию ҳунармандӣ ва доштани эҳтиёҷ ба ахлоқи ҳамидаю одоби муоширатро низ дорад. Вале барои ба ин дараҷа расидан фақат як имкону

шароити иҷтимоӣ ва қобилиятҳои табиӣ – психологӣ кофӣ нест. Барои ин зарур аст, ки ҳар як шахс саъю кӯшиши зиёдеро ба харҷ диҳад, дорои иродаи қавию завқи закӣ бошад, то ки соҳиби илму маърифат ва касбу ҳунар гардида, одоби муоширати ӯ ба малакаву одат табдил ёбад [59, с.10].

Аммо бо мурури замон баъзе фикрҳои баёнкардаи онҳо тағйир ёфтанд ва ба ҷои онҳо урфу одатҳои нав арзи вуҷуд намуданд. Хусусан, баъди ба истиқлолият расидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пирӯзии ҷаҳонбинии илмию ақидаҳои демократию инсонгароӣ, дигаргунии бузурге дар дарки масъалаҳои ахлоқ ба вуҷуд омад.

Урфу одатҳои халқи тоҷик таҳти таъсири маданияти пешқадами халқҳои дигари ҷаҳон ва дар ҳамкорию робитаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ба онҳо ғанӣ гардида, обу ранги тозае гирифт.

Дар ин маврид назари Унсурулмаолии Кайковус ҷиҳати баррасии донишу маълумот яктарафа мебошад, зеро мегӯяд, ки илму маълумот танҳо ба ашхоси доро имконпазир аст. Одамони оддиву нодор барои ин қодир нестанд. Дар асл саромадони бузурги адабиёти классикии мо аксар аз оилаҳои камбизоат ва миёнаҳол буданд. Мо низ ба ин фикр чандон розӣ шуда наметавонем, зеро он ба омилҳои гуногун вобаста аст. Ӯ дар тарбия ва ташаккулёбии инсон тарбияи оилавиро асос медонад [41, с.45].

Мансубияти сифатҳои ахлоқии шахс, ки обрӯю мартабаи инсонро дар ҷомеа баланд мебардорад ва ӯро саодатманд мегардонад ба андешаи Ибни Туфайл дар меҳнати ҳалол ва ростқавливу ибратомӯзии ахлоқи ҳамидаи ӯ ба бор меоянд. Аз ин рӯ, ӯ бештар дар рӯҳияи тарбияи меҳнатӣ ва дар некӯманишиву некӯхисолӣ тарбия намудани насли наврасро мавриди тарғиб қарор дода, ба ин раванди таълимоти ихлоқии инсон дар осори хеш аҳамияти зиёд медиҳад. Ӯ бахусус мардуми заҳматқарин ва ҳама касонеро, ки ба меҳнати ҳалол машғуланд, ситоиш намуда, нақши онҳоро дар ободонию пешрафти ҷомеаи башарӣ бештар мавриди тасвир қарор медиҳад. Бавижа заҳмати кишоварзону деҳқононро, ки ҳама аҳли ҷомеаро мехӯронанду мепӯшонанд ва

ҳатто паррандагон ва ҷонваронро ба насибаву рӯзӣ мерасонанд, мавриди таҳсил қарор додааст.

Ин нуктаро Носири Хисрав низ хеле моҳирона ба қалам додааст ва мегӯяд:

Беҳ аз сонеъи олам деҳқон аст,

Ки ваҳшу тайрро роҳатрасон аст.

Ибни Туфайл меҳнат ва меҳнадӯстиро сарчашмаи саодату хушбахтии инсон ва ташаккул додани сифатҳои меҳнатдӯстиро вазифаи асосии тарбият медонад. Ба ақидаи вай меҳнат ва фаъолияти меҳнатӣ табиати инсонро дигар карда, вайро тарбия мекунад, чунон ки дар натиҷа ба моҳияти зиндагӣ ва нафърасонӣ бештар сарфаҳм меравад ва варзида мегардад. Меҳнат дар шахсияти тарбиятдида хусусиятҳои ахлоқии сабру тоқат, эҳтироми одамони меҳнатӣ, хоксорию ҳалимӣ ва дигар сифатҳои некро ташаккул медиҳад. Аз ин ҷост, ки ӯ ба наврасону ҷавонон ва ҳар як фарди солимфикри ҷомеа муроҷиат карда, онҳоро ба тариқи осор ва бешак андарзу ҳидоятҳои худ ба меҳнат ва рӯзирасонии мардум даъват менамояд.

Ибни Туфайл ба роҳи ҳидоятҳои хеш на фақат дар мавриди аҳамияти саъю кӯшиш ва меҳнат, ки аз аркони муҳими расидан ба шахсият, бавижа шахсияти фаъолу созанда ва солим маҳсуб мешаванд, сухан гуфтааст, балки дар мавриди зиёни танбалию танпарвариву коҳилӣ, ки таъсири бад дар ҷисму ҷони одам мегузорад ва дари саодатҳои зиндагиро ба рӯяш мебандад, низ фаровон ёд овардааст. Ба ин масъала таваҷҷуҳи фаровон зоҳир кардани ин адиби ҷаҳоншумул бесабаб нест. Зеро инсон мавҷудест, ки ҳамеша ниёз ба тарбия ва таълим дорад. Аммо тарбия поя ва асосҳои гуногун дорад ва яке аз онҳо тарбияи меҳнатӣ аст, ки бо тарбияи ҷисмонӣ алоқаманд мебошад. Зеро замоне, ки шахс ба шуғле андармон мегардад, на фақат ҷисману рӯҳан инкишоф меёбад, балки ахлоқан ҳам рушд мекунад ва соҳиби фазлу камол ва ному мартабати писандида ва намунаи ибрат мегардад.

Ӯ коҳиливу танбаливу бекориро мазаммат карда, ин сифатҳоро аз падидаҳои бади таъсиргузор ба ахлоқи инсон мешуморад. Ба ақидаи ӯ ҳар як

шахс аз хурдсолӣ бояд касб ё кореро интихоб намояд ва нозукиҳои онро омӯзад, то дар зиндагӣ хору залил нагардад ва тавонад ки соҳибтаҷриба бошад. Наврасону ҷавононро гаштаю баргашта таъкид менамояд, ки дар интихоби касбу кор ба шитобкорию иштибоҳ роҳ надода, аввал андеша кунанд, баъдан санҷида, амал намояд, то аз интихоби хеш дар зиндагии ноҳамвор пушаймон нагарданд.

Мутобиқи таълимоти Ибни Туфайл, барои ин ки наврасон ва ҷавонон аз лиҳози маънавию маърифатӣ, ахлоқӣ ва ҷисмонӣ ҳамаҷониба инкишофёфта бошанд, онҳоро мебояд, ки аз овони хурдсолӣ дар руҳияи меҳнатдӯстӣ ва ҳақиқатҷӯӣ тарбия ёбанд ва ба таълим фаро гирифта шаванд. Зеро, агар шахс хоҳад, ки дар ҳаёт бадтолеъ ва ноком нагардад, бояд аз хурдсолӣ фиребгару тамбалу коргурез набошад ва мутобиқи масали машҳӯри халқ «кори имрӯза»-ашро «ба фардо магузор»-ад, зеро танҳо бо ин роҳ, яъне ба тариқи тарбия дар шахс бедор намудани ҳисси масъулият дар ҷараёни фаъолияти меҳнат ва риояи интизомро ӯ мушаххас ва матраҳ менамояд.

Ибни Туфайл на танҳо коҳилонро мазаммату сарзаниш менамояд, балки дар ҳар маврид аз онҳо дурӣ ҷустанро раво мебинад, зеро наздикиву рафоқат бо чунин тоифаи ҷомеа метавонад дар тахаллуқи шахсияти онҳо, бахусус наврасон ва ҷавонон низ таъсиргузор бошад.

Намунаи дигар ва олитари ноил шудан ба сифатҳои ахлоқии инсон ва дарёфти дараҷаи шахсиятро Ибни Туфайл марбут ба меҳнатдӯстӣ ва вақтро сарфи корҳои ибратомуз намудан, инчунин вобасата ба амал бардошт кардан аз омӯзиши илму дониш ва касбу ҳунар муфид мешуморад. Чунон ки бе омӯзиши илму дониш ва касбу ҳунар шахс аз лиҳози маънавию ахлоқӣ инкишоф намеёбад ва аз комёб баҳравар намегардад. Барои ҳамин, мутафакир доимо ҷавононро ба омӯхтани илму ҳунар даъват намуда, мегӯяд, ки қудрату тавоноии инсон маҳз дар дониш ва дар зарурати омӯхтани илм ва алоқаи байни илму амал ба бор меояд.

Маҳз бо ҳамин мақсад Ибни Туфайл омӯхтани илму донишро, ки дар тарбияи фикрии шахс, ки талқингари расидани инсон ба камол мебошад, тавъам

ба омӯхтани илму дониш дармеёбад ва низ ин сифати ахлоқиро дар осори хеш баҳри ташаккул ва инкишофи шахсият ва бардоштҳои маънавии ӯ аз таълиму тарбия таъсиргузор арзёбӣ мекунад.

Таълимоти ахлоқии Ибни Туфайл бештар аз ҳар назари дигар ба шинохти сарвати маънавӣ, яъне илму дониш, ки сарвати ҷовидона ба шумор меравaнд ва дар ташаккули ахлоқии шахсият ҳамчун заминаи асосӣ таъсиргузоранд, равона гардида, дар баробари дигар сифатҳои ахлоқии номбурда бо роҳҳои гуногун ташаккул додани онро дар кӯдакону наврасон ва ҷавонон ва умуман куллияи башарият тавсия медиҳад. Зеро ки чунин тарзи натиҷагирӣ аз ҳар донише барои инсон судманд буда, метавонад омили ташаккули сифатҳои ахлоқии шахсро дар дараҷаи волои инсонӣ қарор диҳад.

Бо дарназардошти аҳамияти омӯхтани илму дониш дар заминаи таълимоти педагогии худ Ибни Туфайл андарз медиҳад, ки аз ҳар донише хондану баҳра бурдан зарур аст, зеро роҳи омӯзиши илму дониш танҳо метавонад инсонро ба қуллаи мақсуду мурод раҳнамун гардонад, чунон ки аз донишомӯзӣ манфиати фаровон аст ва ин иқдом бар суди кор хоҳад буд.

Ӯ борҳо ва ба таъкид дар осори хеш ба ин мавзӯъ рӯ оварда, гаштаю баргашта мефармояд, ки ҳатто инсонро як лаҳза ҳам аз омӯхтан осуда будан нашояд. Илму хирадро заминаи беҳтарини инкишофи фикриву фитрии инсони бакамолрасида меҳисобад. Дар ҳар мавриди дигар низ аҳамияти азбар кардани илму хираду дониш дар зиндагӣ аз он иборат аст, ки ба дили мардум рӯҳ ва фурӯғу фараҳмандӣ бахшида, инсониятро аз кизбу кибру дуруғ ва дигар сифатҳои бади ахлоқӣ дур дорад ва ахлоқи ӯро ҳамчун шахсият рӯнамо гардонад. Чунин ибтикор аз намунаи таълим ва тарбия барои ташаккули шахсияти инсон созгор мебошад.

Мавқеъи дигар дар тарбияи ахлоқии инсон ва ташаккули шахсияти он вобаста ба риояи меъёрҳои одобу ахлоқ, ба тариқи тасаввурот ва амиқтарин эҳсосоти равонӣ ба рафтори инсон таъсирбахшанда мебошад, ки одамонро ба ғайрату ташаббус ва ҷасорату мардонагӣ водор менамоянд.

Ахлоқ ҳамчун шакли шуури ҷамъиятӣ таҷрибаи чандинасраи муносибатҳои одамонро ҷамъбаст мекунад ва на танҳо муносиботи одамонро мураттаб мегардонад, балки дар ташаккулёбии шахсият ҳам муассир буда, ба ҳама ҷиҳатҳои ҳаёти ҷамъиятӣ таъсиргузор мебошад. Аз ин рӯ, тарбияи ахлоқӣ аз нахустин қадамҳои ҳаёти бошууронаи инсон ва хеле бармаҳал оғоз гардида, ба фаҳми ҳамон ҳақиқате комёб гашта аст, ки фатҳи қуллаи маданияти ахлоқии инсониятро таъмин намудааст.

Ибни Туфайл ҳамзамон мақому нақши сухан ва тарзу услуби сухан гуфтанро дар тарбияи шахсият бештар ба эътибор мегирад ва одамони каззобу ҳарзагӯй ва онҳоеро, ки ба қадри сухан ва маданияти он намерасанд, сахт сарзаниш мекунад ва андарз медиҳад, ки ҳар сухане, ки аз забон мебарояд, бояд нахуст дар тарозуи ақл санҷида шавад, то боиси беобрӯиву бешарафии инсонҳо нагардад. Аз ин лиҳоз, ҳар шахс бояд ба қадри сухан расад ва пайваста кӯшад, ки бо ибрози суханони қабеҳ ва бад забонро наолояд.

Аз назари Ибни Туфайл одоби муошират низ аз нахустин ҷанбаҳои ифодагари сифати ахлоқии шахси хирадманд ба шумор меравад ва ҳар як шахси хирадманд бояд қадри сухани некро аз бад фарқ кунад, чунки ин иқдом аз дидгоҳи ӯ дар тарбияи ахлоқии инсон ва ташаккули шахсияти он муассир ва созгор буда метавонад. Ӯ масъалаи гуфтору рафтору кирдорро, ки инсонро ҳамчун падидаи ахлоқ бояд шоиставу накӯ дорад, ҷовид медонад ва ин иборaҳои сармашқи “Авасто”-иро ҳамчун намунаи идеалии таълим ва тарбия пос медорад ва тарғиб менамояд. Зеро, ба ақидаи ӯ сухану гуфтор ва кирдори нек сармояи ибратомӯз ва ибратбахши номи неки инсон ба шумор меравaнд. Ӯ ҳатто бухлу тамаъро аз сифатҳои бади ахлоқӣ ба қалам дода, меафзояд, ки инсони тамаъкор ҳамеша ранҷур ва моломоли ранҷи равонӣ мебошад. Аз ин рӯ, ҳар як шахси солимфикр бояд аз тамаъкорону бахилон ба дар ва канор бошанд.

Ба ҳамин хотир, доимо таъкид ба амал меорад, ки инсон бояд баландҳимат бошад ва ба дигарон, ки дар зиндагӣ аз рӯи меҳнати ҳалол ризқу рӯзӣ ба даст оварда, рӯз мегузаронанд, бахилию тамаъкорӣ накунад.

Дӯстию ваҳдат ва баробариву бародарӣ низ аз мавзӯъҳои хоси осори Ибни Туфайл ба шумор меравад ва ӯ ин падидаҳои ахлоқии инсонро аз хусусиятҳояи хуби заминасоз барои тарбия маҳсуб медонад. Ӯ ба василаи андарзу пандномаҳои осори хеш башариятро ба дӯстию муттаҳидӣ ва иттифоқ даъват намуда, мегӯяд, ки танҳо инсоният аз ҷодаи иттиҳод ва эҳтироми байниҳамдигарӣ метавонад ба дурри мақсуд комёб гардад ва ҳар мушкилеро низ дар муттаҳидӣ ҳал намояд ва ба ин василa дар тарбияи ахлоқии атрофиён низ саҳмгузор бошад.

Чунин ақидаҳои таълимотии Ибни Туфайл дар замони муосир ҳам аҳамияти фавқулодда дошта, аз ҷумла дар тарбияи ахлоқии хонандагону донишҷӯён ва ҳар як фарди ҷомеа нақши муҳимро мебозанд.

Ӯ дар масъалаи эҳтироми байниҳамдигарӣ зиёд дахл намуда, нақши таълимро дар ин фасл басе бузург шуморида, насли ҷавонро даъват менамояд, ки ҳамеша ба қадршиносии ҳам моил бошанд ва кӯшиш ба харҷ диҳанд, ки аз бадию бадкорӣ ва кирдори бад дур бошанд.

Ибни Туфайл сифатҳои ахлоқии инсони доно ва порсоро васф намуда, ба ҷавонон таълим медиҳад, ки дар интихоби дӯст ва қарини мувофиқ хато накунанд ва танҳо дар роҳи зиндагӣ аз ҷодаи футувват ва ҷавонмардӣ иқдом гиранд.

Ҳамин фикри худро дар ҷои дигар тақвият дода, сифатҳои инсони комил ва оқилро дар он медонад, ки вай вобаста ба андухтаҳои ахлоқи ҳамидаи хеш нисбати дӯстон ва аҳли ҷомеа садоқат ва меҳру вафо дошта, ва чунин арзи садоқати инсониро сарчашмаи дастовардҳои ахлоқӣ, самимият ва осудагии руҳу равони башарият маҳсуб медонад.

Андешаҳои Ибни Туфайл дар мавриди тоифаи инсонҳо мухолиф ва зиддятноканд, чунон ки дар баробари баҳои баланд додан ба хулқи баъзеи онҳо, қисмати дигареро, ки дар мухолифат қарор доранд, накӯҳиш ва сарзаниш ҳам мекунад, то ки ба ислоҳи ахлоқи худ кӯшанд ва намунаи ибрати дигарон гарданд.

Бояд ёдовар шуд, ки китоби «Ҳай ибни Яқзон»-и Ибни Туфайл саҳифаҳои ҷовидонаи андарзу панд ва ҳидоятномаи таълимиеро мемонад, ки дар рушду нумӯи адабиёт, санъат, маориф мавқеи муҳим мебозад ва новобаста ба дигаргуншавии замон, метавонад ҳамчун яке аз фаслҳои таълимотии педагогӣ барои наслҳои оянда низ хидматгузор бошад.

Аз ин ҷост, ки дар ҳар як оилаи фарҳангдӯст ин китоби тарбиявию ахлоқиро дӯст медоранд ва гаштаю баргашта мехонанд, ғояҳои онро дар тарбияи насли наврас истифода мебаранд, зеро «Ҳай ибни Яқзон» пеш аз ҳама асари тарбиявӣ мебошад ва қаҳрамони асосии ин асари Ибни Туфайл намунаи ибрати ҳар як инсон ба шумор меравад.

Боиси тазаккур аст, ки Ибни Туфайл ба тариқи ин асари тарбиявии хеш пеш аз ҳама роҳҳои ташаккул додани сифатҳои ахлоқии инсонро нишон дода, тарзу усули амалӣ намудани чунин иқдомотро ба ҳар восита новобаста ба назардошти давру замон тавзеҳ медиҳад, ки бисёрии онҳо дар педагогикаи ҳозиразамон исботи худро ёфтаанд ва барои шинохти маънавии ҳадди таълиму тарбия ҳар нуктаи он дар илми муосир низ метавонад хидматгузор бошад.

Афзалияти афкори педагогӣ ва аҳамияти тарбиявӣ доштани осори бебаҳо ва бахусус “Ҳай ибни Яқзон” ба Ибни Сино шуҳрати ҷаҳонӣ бахшидааст: Чунон ки муҳтавиёти ин асари ҷовидонаи ӯ ҳидоятгари инсон ба роҳи камолёбӣ ва соҳиб гардидани он бо хислатҳои нек ва ба фарқият шинохтани хубу зишт равона гардида, инсонро дар масири худшиносӣ ба воя мерасонад. Зеро дар ҳар маврид инсонеро, ки ӯ дар ин асари бемисол васф менамояд, ӯро бо доштани хислатҳои неки ахлоқии ибратпазир ба намо мегузорад ва онро аз тариқи ростин ва растагорӣ ҳидоят мекунад [89, с. 87].

Бо ҳамин тариқ,Ибни Сино таълимоти ахлоқиро дар асари хеш ба роҳ монда, сифатҳои ба шахсият расиданро дар инсони ормонҳои худ парвариш карда, асоси онро дар рӯнамои хисоли ҳамида ва дарёфти роҳи камолоти инсон, ки ташаккулдиҳандаи шахсияти ӯст, нишон медиҳад.

Тамоми мардуми дунё Ибни Синоро чун файласуф ва адиби бузурги Шарқ дар сатҳи ҷаҳонӣ мешиносанд ва қадр мекунанд.

Фалсафаи машшоия аз дигар мактабҳо, ҷараёнҳо ва равияҳои фалсафаи асримиёнагии форсу тоҷик бо он фарқ мекард, ки пеш аз ҳама ҷанбаи дунявӣ-илмӣ дошт. Барои муайян намудани муносибати файласуфон, пеш аз ҳама «машшоиён» ва умуман бештари дигар равияҳо дар Шарқ, ба дин ва хусусан ба дини ислом бояд рӯйии ниёз овард, зеро дар муҳити мадание, ки онҳо дар он мезистанд, муҳити динӣ буд.

Низомӣ ба муқобили беҳудагардӣ баромада, одамонро ба соҳиб гардидан бар хулқи ҳамида, меҳнат, ба дӯстию рафоқат даъват карда, ҳисси вафодориро беҳтарин падидаи хислати ахлоқии инсон шуморидааст:

Тухми адаб чист? -Вафо коштан!

Ҳаққи вафо чист? -Нигаҳ доштан!

Ҳамин тавр, Низомӣ низ ба монанди Ибни Сино ва дигар мутафаккирон дар осораш ба таблиғи беҳтарин сифатҳои инсонӣ кӯшида, хислатҳои бадро мазаммат карда, имконияти ислоҳ намудани ахлоқи бадро бо камоли боварӣ таъкид кардааст.

Мутафаккирони бузург ватандӯстӣ ва хизмат баҳри ватанро вазифаи муқаддаси ҳар як инсон шуморидааст. Ин ақидаҳо дар осори ӯ бо як тарзи нав садо дода, инсонро ба ободонии Ватан даъват намуда, хизмат ба халқу ватанро беҳтарин хислат ва иқдоми хуби инсон донистааст. Чунон ки дар байти зерин мегӯяд:

Кӯш, то халқро ба кор ой,

То ба хулқат ҷаҳон биёрой.

Ҳунар мардумӣ бошаду ростӣ,

Зи кажжӣ бувад каммиву костӣ.

Саъдӣ низ ба фасоҳат овардааст, ки: “Ҳунар давлатест поянда ва агар ҳунарманд аз давлат биафтад, ғам набошад ки ҳунар дар нафси худ давлат аст: ҳар ҷо ки равад, қадр бинаду дар садр нишинад ва беҳунар луқма чинаду сахтӣ бинад” [41, с.42].

Саъдӣ накӯкориро беҳтарин хусусияти ахлоқии инсонӣ дониста ин сифатро мояи ифтихори одамият шуморидааст. Вай инсониятро як организми

бутун, башариятро бошад узвҳои ҷудогонаи он шуморидааст. Ба ақидаи ӯ, агар як узви инсон дард пайдо кунад узвҳои дигари он ҳам осоиши худро гум мекунанд. Аз ин рӯ, инсонияти ҷаҳон бояд ба якдигар ғамхору мададгор бошанд. Чунон ки мегӯяд:

Банӣ-одам аъзои як пайкаранд,
Ки дар офариниш зи як ҷавҳаранд.
Чу узве ба дард оварад рӯзгор,
Дигар узвҳоро намонад қарор.

Саъдӣ худбинӣ, худтаърифкунӣ, ғайбаткунӣ ва дигар сифатҳои бади сиришти инсонро дар «Гулистон» ва «Бустон» ҳамчун сиришти бад зери тозиёнаи танқид гирифта, одамонро даъват намудааст, ки аз ин хислатҳои манҳус дурӣ ҷӯянд ва ба хисоли ҳамидаву некӯӣ гараванд, зеро зебоии инсонро низ дар ин аъмол бештар ба мушоҳида медид.

Дар ин миён метавон ба ақидаҳои панду ахлоқӣ ва таълиму тарбиявии Ҳусайн Воизи Кошифӣ низ рӯйи овард, ки пеш аз ҳама бештар дар “Ахлоқи Мӯҳсинӣ”-и ӯ дарҷ ёфтаанд. Ин китоби тарбиявиро Кошифӣ ба писари султон Ҳусайн Бойқаро Абулҳасан Мирзо бахшида буд. Дар муқаддимаи он Кошифӣ чунин навиштааст: Ин асари панду – ахлоқӣ ба хотири тарғиби суннатҳои волову чашмгири ниёгон ва ба камол расонидани инсони ҳамаҷонибаи рушду нумукарда ҷомаи амал пӯшидааст, ки имрӯз ҳам мақоми тарбиявии хешро аз даст надодааст”. Ва подшоҳро риояти чиҳил сифат лозим аст, ки баъзе аз он миёни вай ва халқ ва ин чиҳил сифат бар чиҳил боб оварда шуд [197, с. 14].

Чиҳил боби ин китоб ба сифатҳои зерини инсон: ибодат, ихлос, дуо, шукрона, сабр, ризо, таваккул, ҳаё, офат, адаб, ҷидду ҷаҳд, адлу саховат, шуҷоат ва ғайра бахшида шудаанд.

Мутафаккирони бузурги тоҷик Аҳмади Дониш моҳияти ҳақиқии эҷодиёти Бедилро дарк кард ва ба шогирдону пайравони худ афкори пешқадами панду ахлоқии ӯро тарғиб намуд. Мунтахаботи девони панду ахлоқии Бедил дар мактабҳои кӯҳна ба сифати китоби дарсӣ низ таълим дода мешуд. Аз маросимҳои “Бедилхонӣ”, ҳатто бесаводони бедилдӯст низ баҳра мебурдаанд ва

ҳатто ҳофизони халқӣ дар маъракаҳо ғазалҳои дилнишини ӯро месуруданд, ки дар тарбия намудани ахлоқи насли наврас нақши муҳим мебозиданд.

Аз зумраи аҳли ирфон Зайниддин Маҳмуди Восифӣ (1485 – 1551-1556) васфи тарбия ва таълими ахлоқи ҳамидаи инсонро сутуда, ороиши aқлро беҳтарин сифати инсонӣ медонад ва барои тасдиқи фикри худ дар “Бадоеъ -ул вақоеъ” ҳикояеро дар бораи сабабҳои кину адовати Убайдуллохон ба вазираш Хоҷа Низом ва аз тарафи Мир аз ин раъй баргардондани Убайдуллохонро оварда нишон медиҳад, ки Мир пайваста ӯро аз боби ахлоқи ҳамида, дӯстию бародарӣ панду насиҳати зиёд мекунад ва дар зери таъсири панду насиҳатҳои ахлоқии Мир чун нури офтоб бо вазир як мешаванд. Ба қавли Восифӣ, Мир ба Убайдуллохон гуфтааст: “Эй фарзанд! Ба тарбияи ҷамоае кӯшиш кун, ки ҳам аз ҷиҳати аслу насаб ва ҳам аз фазлу камол бар дигарон бартарӣ дошта, лоиқи мартабаи баланд ва сазовори тарбия бошанд” [190, с.128].

Дар ин маврид назари Унсурулмаолии Кайковус ҷиҳати баррасии донишу маълумот яктарафа мебошад, зеро мегӯяд, ки илму маълумот танҳо ба ашхоси доро имконпазир аст. Одамони оддиву нодор барои ин қодир нестанд. Дар асл саромадони бузурги адабиёти классикии мо аксар аз оилаҳои камбизоат ва миёнаҳол буданд. Мо низ ба ин фикр чандон розӣ шуда наметавонем, зеро он ба омилҳои гуногун вобаста аст. Ӯ дар тарбия ва ташаккулёбии инсон тарбияи оилавиро асос медонад [41, с.45].

Ин нуктаро Носири Хисрав низ хеле моҳирона ба қалам додааст ва мегӯяд:

Беҳ аз сонеъи олам деҳқон аст,
Ки ваҳшу тайрро роҳатрасон аст.

Ибни Сино меҳнат ва меҳнадӯстиро сарчашмаи саодату хушбахтии инсон ва ташаккул додани сифатҳои меҳнатдӯстиро вазифаи асосии тарбият медонад. Ба ақидаи вай меҳнат ва фаъолияти меҳнатӣ табиати инсонро дигар карда, вайро тарбия мекунад, чунон ки дар натиҷа ба моҳияти зиндагӣ ва нафърасонӣ бештар сарфаҳм меравад ва варзида мегардад. Меҳнат дар шахсияти тарбиятдида хусусиятҳои ахлоқии сабру тоқат, эҳтироми одамони меҳнатӣ,

хоксорию ҳалимӣ ва дигар сифатҳои некро ташаккул медиҳад. Аз ин ҷост, ки ӯ ба наврасону ҷавонон ва ҳар як фарди солимфикри ҷомеа муроҷиат карда, онҳоро ба тариқи осор ва бешак андарзу ҳидоятҳои худ ба меҳнат ва рӯзирасонии мардум даъват менамояд.

Ӯ коҳиливу танбаливу бекориро мазаммат карда, ин сифатҳоро аз падидаҳои бади таъсиргузор ба ахлоқи инсон мешуморад. Ба ақидаи ӯ ҳар як шахс аз хурдсолӣ бояд касб ё кореро интихоб намояд ва нозукиҳои онро омӯзад, то дар зиндагӣ хору залил нагардад ва тавонад ки соҳибтаҷриба бошад. Наврасону ҷавононро гаштаю баргашта таъкид менамояд, ки дар интихоби касбу кор ба шитобкорию иштибоҳ роҳ надода, аввал андеша кунанд, баъдан санҷида, амал намояд, то аз интихоби хеш дар зиндагии ноҳамвор пушаймон нагарданд.

Ибни Сино на танҳо коҳилонро мазаммату сарзаниш менамояд, балки дар ҳар маврид аз онҳо дурӣ ҷустанро раво мебинад, зеро наздикиву рафоқат бо чунин тоифаи ҷомеа метавонад дар тахаллуқи шахсияти онҳо, бахусус наврасон ва ҷавонон низ таъсиргузор бошад.

Намунаи дигар ва олитари ноил шудан ба сифатҳои ахлоқии инсон ва дарёфти дараҷаи шахсиятро Ибни Сино марбут ба меҳнатдӯстӣ ва вақтро сарфи корҳои ибратомуз намудан, инчунин вобасата ба амал бардошт кардан аз омӯзиши илму дониш ва касбу ҳунар муфид мешуморад. Чунон ки бе омӯзиши илму дониш ва касбу ҳунар шахс аз лиҳози маънавию ахлоқӣ инкишоф намеёбад ва аз комёб баҳравар намегардад. Барои ҳамин, мутафакир доимо ҷавононро ба омӯхтани илму ҳунар даъват намуда, мегӯяд, ки қудрату тавоноии инсон маҳз дар дониш ва дар зарурати омӯхтани илм ва алоқаи байни илму амал ба бор меояд.

Ибни Сино сифатҳои ахлоқии инсони доно ва порсоро васф намуда, ба ҷавонон таълим медиҳад, ки дар интихоби дӯст ва қарини мувофиқ хато накунанд ва танҳо дар роҳи зиндагӣ аз ҷодаи футувват ва ҷавонмардӣ иқдом гиранд.

Ҳамин фикри худро дар ҷои дигар тақвият дода, сифатҳои инсони комил ва оқилро дар он медонад, ки вай вобаста ба андухтаҳои ахлоқи ҳамидаи хеш нисбати дӯстон ва аҳли ҷомеа садоқат ва меҳру вафо дошта, ва чунин арзи садоқати инсониро сарчашмаи дастовардҳои ахлоқӣ, самимият ва осудагии руҳу равони башарият маҳсуб медонад.

Андешаҳои Ибни Сино дар мавриди тоифаи инсонҳо мухолиф ва зиддятноканд, чунон ки дар баробари баҳои баланд додан ба хулқи баъзеи онҳо, қисмати дигареро, ки дар мухолифат қарор доранд, накӯҳиш ва сарзаниш ҳам мекунад, то ки баислоҳи ахлоқи худ кӯшанд ва намунаи ибрати дигарон гарданд.

Мутафаккир ва файласуфи маъруфи асри XII – и андалусӣ Абӯбакр Муҳаммад ибни Туфайл (дар Аврупо бо номи лонтинишудаи Абубасер маъруф аст) соли 1110 дар Қадис, (Испанияи кунунӣ) ки аз шаҳристони вилояти Ғариота буда, баъди Қурта, дуюмин маркази мадании ин кишвар ба шумор мерафт, таваллуд шудааст.

Ӯ дар муҳите ба камол расидааст, ки дар он эътибори илм ва эътимод ба олимон бағоят баланд буд ва ба воя расидани ӯ маҳз дар ин муҳит имкон дод, ки вай бе биму бок аз унсурони мутаассиби замонаш бо омӯхтану инкишоф додани илму дониш машғул бошад ва аз муваффақияти донишандӯзиву вобастагӣ ба улуми замонаш баъдҳо таълифоти осори пурбаҳои маърифатии ӯ шаҳодати дучанд додаанд.

Ибни Туфайл аз наздикони нахустин халифаи сулолаи Алмуваҳиддин (1163-1184) буд. Файласуф, ки дар улуми тиб, нуҷум ва риёзиёт дониши мукаммал дошт, сазовори таваҷҷуҳи Абдулмӯъин гардида, дар дарбори ӯ ба вазифаҳои табибию вазирӣ шарафёб гардид ва тамоми вақти аз хизмат холиашро дар китобхонаи шахсии ҳоким бо пажӯҳиш ва фаъолияти илмӣ гузаронида, аз дониши фаровон бархурдор гардид [168, с.120].

Ибни Туфайл дар дарбори халифа Абӯяъқуби Юсуф, ки ба ҷои падараш ба сари тахт омада буд, бо бисёре аз аҳли илму адаби Андалусӣ, аз ҷумла бо файласуфи варзидаи замони хеш Ибни Рушд муносибати дӯстона пайдо карда,

дар ҳалқаи наздикони ӯ ҷой гирифт. Дар ҷаҳонбинӣ ва рушди тафаккури маърифатгароёнаи ӯ нақши ақидаҳои фалсафии Арасту, асари ҳамноми Ибни Сино «Ҳай ибни Яқзон» ва дигар андешаҳои маъорифпарваронаву илмии ӯ бағоят будааст, ки минбаъд дар офариниши осори ӯ, бахусус таълифи «Ҳай ибни Яқзон»-и Ибни Туфайл бараъло равшан гардидааст.Ибни Туфайл соли 1185 дар Марокаш аз олам даргузашт.

Тибқи ахбори фавқуззикр, Ибни Туфайл мисли дигар мутафаккирони барҷастаи Шарқ, нафақат ба ҳайси файласуфи заковатманд, балки ҳамчун табиби ҳозиқу риёзидони мумтоз, муҳаққиқи ҳайъат ва адиби моҳир ҳам дар доираҳои илму адаби замонаш шуҳратёр гардида буд, ки овозаи соҳибназариву маърифати баландаш низ нишонаи эътирофу эътимод бар донишмандии ӯ арзёбӣ шудааст.

Мутобиқи ахбори файласуф ва мутафаккири шинохтаи замонаш Ибни Рушд, аз Ибни Туфайл ба ҷуз осори маърифативу панду ахлоқӣ, ҳамчунон доир ба илми тиб ва кишваршиносӣ ва дигар масоили иҷтимоӣ низ рисолаҳо ва осори гаронмояе ба мерос мондааст. Чунон ки аз сарчашмаҳо бармеояд, Ибни Рушд дар яке тафсирҳояш бар асари “Метафизика”-и Арасту, аз қавли хеш дар он ақидаҳои мансуб ба боби сохт, ҷойгиршавӣ ва ҳаракатҳои ҷисмҳои осмонӣ баён намудаи Ибни Туфайлро низ тавсиф кардааст.

То имрӯз фақат як асари фалсафӣ-таълимии мутафаккир бо номи “Ҳай ибни Яқзон” (Зинда писари Бедор) ба дастраси илму адаб боқӣ мондааст ва ин асар ба тамоми муҷиботи хеш дар мавриде, ки панду ахлоқ ва назариёти фалсафии замони ин мутафаккирро фароҳам намудааст, ба яке аз осори хеле хонданӣ ва ҷолиби давраҳои баъдӣ низ табдил ёфтааст. Зеро то кунун аҳли илм ва муҳаққиқини олам ҷаҳонбинии фалсафии ӯро дар пайгирӣ бар омӯзиш ва пажӯҳиши ҳамин асар муайян мекунанд ва ба ақидаҳои ӯ баҳогузорӣ намуда, ҳамчунон аз андешаҳои ӯ бархурдор мешаванд ва дар осори хеш истифода мекунанд.

Дар мавриди дигар, чунон ки аз муқоисаҳо бармеояд ва ин асари Ибни Туфайл бо рисолаи ҳамноми мутафаккири номии дигари Шарқ табиб, шоир,

файласуф ва ориф Шайхурраис Абӯалӣ Ибни Сино мутобиқи андешаҳои ғоявӣ ва муносиботи назариёти илмии ирфониву фалсафӣ иртиботу ҳаммонандии қавӣ дорад, ки то ҳадде метавон заминаи пайдоиши онро бо илҳом аз мундариҷаи ин асари фалсафии Ибни Сино маънидод кард.

Муҳити маънавии Ибни Туфайл, албатта яке аз доираҳои пурнуфӯзи маърифативу ирфонӣ ва адабӣ ба шумор мерафт, ки намунаи ибрат будани ахлоқи инсониаш шахсан бар он шаҳодат медиҳад, чунон ки мутобиқи сарчашмаҳо худи ӯ низ тарғибгари одоби ҳамидаву накӯкорӣ, қобилияти некӯманишиву ақлу заковати солим ва худшиносиву башардӯстӣ муаррифӣ гардидааст ва ҳам таъсири онро метавонем аз осори ӯ ба мушоҳида гирем, ки то кунун заминаи ғоявии ин асараш дар таълиму тарбияи башарӣ бо фасоҳат ба кор бурда мешавад.

Вай дар осори хеш мутобиқи ақидаҳои ҳақиқатнигоронааш саодати воқеии ҳаётиро бо дарёфти саодати ондунёӣ, ки одамонро ба таассубҳои мазҳабӣ бештар дучор мекард, муқобил гузошта, инсонро ба тариқи андешаҳои тарғибгарояш ба ҷустуҷӯи доимии ҳақиқат дар масири худшиносиву худсозиву инкишофёбӣ, худтакмилдиҳӣ, бунёди ҳаёти хуррам, омӯхтани илму дониш ва меҳнати софдилонаву боровар даъват мекард. Мутобиқи афкори ӯ барои огоҳии аҳли башар мефармуд, ки саодат на фақат дар он дунё, балки дар ин дунё ҳам вуҷуд дорад ва дар аксари назариёти хеш ӯ саодати ин дунёӣ гуфта, бештар муҳити маишӣ ва аз ин миёна ҷустану пайдо намудани роҳҳои расидан ба сахопешагиву хайру некӣ ва созандагиву худшиносии одамонро, ки ҳам барои бунёди ҷомеъа созгор мебошад, бештар тарғибу ташвиқ мекард.

Дар асоси баррасии осори боқимондаи ӯ, ақидаҳои ахлоқии Ибни Туфайл ҳамзамон дорои дарунмоя ва мазмуни саъй барои шинохти моҳияти фавқулода мовароуттабиӣ буда, дар мавқеи хеш ба имконияту қобилияти инсони хушбин ба олам ва аносири атроф, накӯкорӣ ва эътимод доштан бар иқдомоти одамро дар ҳамгироӣ бо табиат талқин мекунанд. Зеро аз дигар сарчашмаҳо низ, чунон ки бар меояд, фақат чунин тарзи ҷаҳонбиниву шинохти олам дар заминаи ташаккули ахлоқи ҳамида метавонад одамро ба сарманзили саодат ҳидоятгар

бошад ва бо пайгирӣ аз ин ақидаҳои ирфониву фалсафист, ки Ибни Туфайл саодатро бо ҳаёти воқеъӣ ҳаммарому дар вобастагии ҳам муҳим мешумурд ва дар асл ҳам чунин ихтилофи назари ӯ мухолифи ақидаҳои догматикӣ ва таассубиву мазҳабии замонаш ба шумор мерафт.

Табиати тағйирпазири ахлоқи одам дар назариёти этикии Ибни Туфайл пеш аз ҳама ба сифати шинохти фарди мушаххас ва ҷаҳони ботинии ӯ ба асос гирифта шудааст. Ибни Туфайл монанди дигар орифони замонаш бештар ба кашфи асрори олами ботинии одам талош меварзид, аммо детерминизми олами ботинии инсонро, ки амри номуайянист, ошкор карда наметавонист. Ин камбудӣ на фақат ба Ибни Туфайл, балки ба ҳамаи мутафаккирони асри миёнаи форсу тоҷик (Ибни Сино, Ибни Мисквайҳ, Насриддини Тӯсӣ, Ҷалолиддини Даввонӣ ва дигарон низ) хос мебошад.

Ибни Туфайл чун дигар файласуфон, одамро ба сифати меъёри мавзуи таҳқиқии хеш ҳамеша дар мадди назар дошт ва дар хилқати ӯ баъзе ҷиҳатҳои туфайлиро низ ба муқоиса мегирифт, аммо дар баробари ин вай фарқи одаму ҳайвонро ҳам ба истисно намегирифт. Дар робита, ба ин дар зимни ақидаи ирфонии «ваҳдати вуҷуд», ҳамбастагии одаму олами мавҷудот, ҷирмҳои осмонӣ ва Худоро низ инкор намекард.

Ба ақидаи ӯ одаму ҳайвон дар олами вуҷуд бо ҳастии фарққунанда ва мақсадҳои муайян офарида шуда, яке мутаққил ва дигаре дорои ҳиссиёти хоси ирсӣ мебошанд ва ба ӯҳдаи ҳар кадом вазифаҳои хос гузошта шудааст. Наҷобати одамӣ аз дидгоҳи ӯ ба сохти бадан, руҳи фарққунанда ва соҳиби ақл буданаш бармеояд ва иртиботи он ба ҷирмҳои осмонӣ вобаста аст. Мутафаккир монандию фарқи одаму ҳайвонро муайян намуда, муътақид буд, ки одам, ҳарчанд дорои баъзе аз хусусиёти табиати ҳайвонӣ доштанаш, набояд, ки ҳайвонро тақлид кунад, зеро ба фарқият аз ҳайвон соҳиби ақл аст ва бояд маҳсули ақли худро ба дараҷаи маърифату шинохт ва заковату зеҳни гирояш истифода карда тавонад.

Дар мавриди дигар файласуф таъкид мекард, ки ҷасади одам, чунон ки бемақсад офарида нашудааст, бо ин гувоҳ бояд онро ҳамеша тозаву назиф

нигоҳ дорад ва пайваста дар роҳи сафо бахшидани руҳи хеш кӯшо бошад, зеро мутобиқи ақидаи Ибни Туфайл ҷисмро руҳ ба ҳаракат меорад ва ақл аз ногуворӣ ба шоистагиву дарёфти ҷавҳари покӣ ҳидоят мекунад. Одаме, ки аз ғаразу дилбастагии ҷисмонӣ раҳо ёфта, ба ҷавҳари пок пайвастааст, ба ин тариқ метавонад камолоти маънавии хешро дарк намояд. Дар ин асно такомули маънавии одам фароҳам меояд ва дар маврид заминаи идроки Худо мегардад. Ин ғоя дар шароити асрҳои миёна нақши басо прогрессивӣ бозида, қадру қимати инсонро боло мебардошт.

Аз рӯйи андешаи Ибни Туфайл рафтору кирдори одам тобеи се мақсад:

- шабоҳат пайдо кардан ба ҳайвонот;
- мушобеҳи ҷирмҳои осмонӣ шудан;
- шабоҳат ба Худованд мебошад.

Шабоҳати одам ба Худо ва муроқибаи он одамро ба саодати олӣ мушарраф мегардонад. Ибни Туфайл шарти сеюмро асосӣ ва ду шарти аввалро воситаҳои ба саодат, яъне ба Худо расидан, ки мақсади асосии худшиносиву камоли инсон аст, маҳсуб медонист. Файласуф таъкид менамояд, ки роҳи аз бадбахтӣ раҳо ёфтан фақат муроқибаи доимии Худо мебошад. Барои мушараф шудан ба ин бахт, одам бояд ин се марҳиларо зина ба зина тай намояд ва умедвор бошад, ки нигаҳбоне чун Худованд дорад.

Марҳилаи аввали мушобиҳат барои одам фақат аз рӯи зарурат ба кор меояд, зеро ки барои устувории руҳ ба микдори эҳтиёҷ истифода намудани ғизо зарур аст.

Барои ин мутобиқи назари мутафаккир нахуст зарурияти ду чиз таъкид мешавад:

c) ҳифзи ботин ва таҷдиди узвҳое, ки фаъолияти суст зоҳир мекунанд;

d) ҳифзи зоҳир ва муҳофизат аз пешомадҳои нохуш, мисли таъсири сардӣ, гармӣ ва дигар ҳаводис.

Ба ақидаи мутафаккир, барои таъмини шарти аввал шикастнафас (сабӯр ва бо қаноат) будан зарур аст, вагарна барои одам, ки гирифтории нафс, ҳирс ва

ҳасадро низ дар хулқи худ санҷида ва дарк кардааст, мехоҳад, ки соҳиби молу мулки зиёд бошад [64, с.370].

Ҳирси сарватҷамъкунӣ зиндагӣ ва осоиши ҳаётро барҳам мезанад. Ибни Туфайл қаноатпешагиро яке аз хислатҳои хуби инсонӣ дониста, қайд кардааст, ки каси қаноатманд ҳеҷ гоҳ бо ҷамъ овардани молу сарват машғул нашуда, танҳо бо роҳи сабру таҳаммул ва меҳнати садоқатмандонаи худ қаноат мекунад. Ва сармояи ҳастӣ дар заминаи хулқи ҳамида ва тамкину матонат, низ сароварда аз маънии сабру қаноат аст, ки одамро ба ҳар манзалат шукргузор медорад. Чунон ки Саъдии бузургвор бар ин ҳикмат мефармояд:

Эй қаноат, тавонгарам гардон,
Ки варои ту ҳеч неъмат нест.
Кунҷи сабр ихтиёри Луқмон аст,
Ҳар киро сабр нест, ҳикмат нест [154,с. 72].

Дар ин мавқеъ афкори файласуфонаи Ибни Туфайл низ ба ҳамин ҳикмат фаровон равона шудааст, чун қайд мекунад, ки шарти инкишоф ва рушди ақлонии одам пеш аз ҳама самараи риояи ҳадди эътидол дар корҳои ӯст ва агар ин ҳад риоя нашавад, қаноат ба хатари бороварандаи ҳирсу хоҳишҳои нафсонии ӯ табдил меёбад.

Аз ин рӯ, одами оқил бояд пеш аз ҳама ҳадди эътидол ва таҳаммулпазириро аз авлавият дониста, аз он ҳадди ҷойдошта берун пой нагузорад. Барои хӯрок бояд одам навъҳои фаровони растанию ҳайвонотро, ки афзоянда бошанд ва сабабгори аз байн рафтани навъҳои нодири набototу ҳайвонот нагарданд, мавриди интихоб қарор диҳад.

Файласуф мушобиҳоти дуюмро бо ҷирмҳои осмонӣ нисбат дода, мегӯяд, ки онҳо ба замин тавассути нерӯи нуру гармӣ метавонанд таъсиргузор бошанд. Ҷирмҳои осмонӣ шаффофу мунаввар ва покиза буда, мудовам ҳаракат мекунанд. Ба ақидаи мутафаккир, одам бояд дар натиҷаи тақлид ба ҷирмҳои осмонӣ, хосияти онҳоро низ касб намояд. Ин рафтор бояд дар се навъи тақлид зоҳир шавад.

Якум, шафқат нисбат ба олами вуҳуш, яъне наҷот бахшидан ва парасторӣ намудани ҳайвонот. Одам, мутобиқ ба аносири ақлонии хеш бояд нисбат ба тамоми мавҷудоти зинда ғамхору мушфиқ бошад. Агар ӯ бинад, ки ягон рустанӣ бо сабабе аз нури офтоб баҳраманд намешавад ва ҷисми дигар онро аз равшанӣ паноҳ кардааст, ё ниҳоле аз беобӣ сусту заиф шудааст, ӯ бояд ин мамониатҳоро бартараф намояд.

Одам бояд то расидан ба камолоти ҳақиқӣ дар ин роҳ собитқадам бошад. Ва ин сухани мутафаккири ориф Асадии Тусӣ низ бар ҳамин далолат хеле бамавқеъ мерасад, ки мегӯяд:

Зи ҷӯе ки хурдӣ аз он оби пок,
Нашояд фикандан дар он сангу хок [160, с. 21].

Фарҳанги этникии халқи тоҷик,ба андешаи мо маҷмуи ғояҳои педагогӣ ва таҷрибаи таърихии тарбиявӣ, арзишҳои ахлоқӣ, донишҳо, андешаҳо, дастурҳо роҷеъ ба таълиму тарбияи насли наврас, шаклу усулҳои таълиму тарбияи фарзандон мебошад, ки онҳо дар тарзи зиндагӣ, хусусияти рӯзгор, забон, анъанаҳо,бозиҳо,осори мардум, инчунин, дар расму оин ва дин ифода ёфтааст, фаҳмида мешавад.

Вале барои бештар ба умқи мазмуну моҳияти масъалаи мазкур расидан , лозим донистем, ки доир ба мафҳумҳои «фарҳанг» « фарҳанги этникии инсон» истода гузарем.

## 2.2. Афкори мутафаакирони форсу тоҷик оид ба саодат ва адолат

Унсурмаолии Кайковус аз ҷумлаи он файласуфонест, ки дар баробари ба миён гузоштани масоили инсондӯстӣ, ватандӯстӣ, некӣ, илмомӯзӣ, касбомӯзӣ, ростӣ, ҳақиқат, халқпарварӣ ва ғайраҳо ба мавзӯъи эҳтироми байниҳамдигарии инсоният ва комгории он бар саодат ва дарёфти адолат, хоҳ шахсӣ ва хоҳ иҷтимоӣ, аҳамияти калон дода, ин падидаҳои таълимӣ ва тарбиявиро ҳамчун хусусияти ахлоқии инсони комил дар, бахусус «Ҳай ибни Яқзон»-и хеш тавсиф намудааст.

Ӯ низ монанди дигар орифону сӯфиён ва аҳли маърифати аҳли замонааш масоили хушбахту саодатёр шудани аҳли башариятро дар натиҷаи ноил шудани он ба адолат, ки албатта ба воситаи тарбияи маънавӣ ва ахлоқии инсонҳо ба даст меояд, бештар мавриди назар қарор дода, паҳлӯҳои гуноногуни онро ба сифати арзишҳои умумиинсонӣ дар осори хеш ба таҳлил ва таҳқиқ гирифтааст.

Албатта, саодат ба хушбахтии инсон вобастагии амиқ доранд, ки дар натиҷаи саъйу талоши худи инсон бо тарбияи хулқи ӯ ба бор меояд ва дар адабиёти ирфонӣ ба гунаи комёбиҳои инсон дар маърифату камоли ӯ муҷассам мегарданд. Масалан, Низомии Ганҷавӣ ба тариқи панду насиҳат ба наврасону ҷавонон дар мавриди саодатмандии инсон чунин гуфтааст:

Насиҳат гӯш кун ҷоно, ки аз ҷон дӯсттар доранд,

Ҷавонони саодатманд панди пири доноро.

Саодати инсон метавонад ба муҳити иҷтимоъ омӯзандаву ибратнамо бошад, ки дар тарбияи инсон барои расидан ба камоли ӯ ва дарёфти ҷойгоҳи ӯ дар ҷомеъа мувофиқат намояд, билхосса дар ҳамзистиву ёрии ӯ бо дигарон. Чунон ки Амир Хусрави Деҳлавӣ бо тавсиф аз саодати инсонӣ мефармояд:

Касе, ки ёри вафодору меҳрубон дорад,

Саодати абаду умри ҷовидон дорад.

Мавзуи дигар тавсифи адолату адлкорӣ ба шумор меравад, ки метавонад ифшогари кирдори одилонаву ба назари адолат дидани одамон бошад. Тарбияи инсон доимо мавриди омӯзишу баҳрабардорӣ қарор мегирад, ки ин нуқта адабиёти маърифатпарваронаи тоҷику форс ба яке аз мавзуъҳои маркази ирфон ва таълим ба кор рафтааст. Дар тавсифи кирдори одилонаи инсон, ки роҳи инсонро ба қуллаҳои муроди ӯ метавонад ҳамвору бемамониат дошта бошад, Абдулқодири Бедил фармудааст:

Табъат ояд ба адлкирдорӣ,

То расад оламе ба ҳамворӣ

Муҳаммад Қутб ҳам мисли ин орифон ва бахусус дар пайгирӣ аз Арасту бахту саодатро мақсади асосии зиндагии инсон мешумурд. Ҳар ду файласуф

ақида доранд, ки фақат инсон хушбахт шуда метавонад, зеро саодат, ба фикри Арасту хушахлоқиро тақозо мекунад. Ибни Сино ин масъаларо хеле, аниқ баён кардааст [168. 135].

Тарафдорони Муҳаммади Ғазолӣ ва пайравонаш сабабиятро ба куллӣ рад мекунанд, то ки ба ҳар гуна мӯъҷизот роҳ кушоянд, вале дар асл ҳеҷ гуна мӯъҷиза вуҷуд надорад. Ҳодисотие, ки чун мӯъҷиза талқин карда мешавад, дар асл ҳодисоте мебошанд, ки мо сабабашонро то ҳанӯз кашф карда натавонистаем. Вале агар ба тадқиқоташон машғул шавем, сабаби чунин ҳодисотро хоҳем донист.

Аз рӯйии нишондоди Ибни Сино, барои ба саодат расидан инсон бояд ба ақлу таҷриба такя кунад. Омили муҳими саодатмандӣ омӯхтани илмҳои назариявӣ аст. Илм инсонро аз рафтору кирдори бад нигоҳ дошта, ба хулқу атвори нек ҳидоят мекунад. Ҳар касе, ки хушбахт шудааст, бояд ҳамеша аз паи такмили худ бошад, фақат илму дониш инсонро ба мартабаҳои баланд мерасонад.

Мутафаккирон ба заковати инсон, ба қувваи ақлӣ ва қобилияти вай боварии комил дошт. Ба гуфти Ибни Сино, аз омӯхтани илм муроди инсон фақат ғизои рухӣ набуда, балки дар ҳаёт аз он истифода бурдан аст. Аз ин ҷост, ки мутафаккирон илмро бе амал тасаввур намекунад. Аз тарафи дигар, Ибни Сино омӯхтани илмро барои инкишофи тафаккур аҳамиятнок шуморидааст. Одаме, ки илм меомӯзад, аз чизҳои пасту зишт парҳез мекунад. Чуноне, ки Е. Э. Бертельс дар “Таърихи адабиёти форсу тоҷик” менависад, ба ақидаи Ибни Сино, ақли инсон ҳадду канор надорад, ба воситаи тафаккури мантиқӣ ҳама чиз ва ҳатто асли моҳияти худоро низ шинохтан мумкин аст. Аз тарафи Ибни Сино тарғибу ташвиқ карда шудани илм яке аз паҳлуҳои ахлоқи густурдаи ӯст.

Илм падидаест, ки ба ташаккули шахсият ва ҷаҳонбинӣ, инчунин камоли маънавии инсон созгор мебошад ва ҳамин илм аст, ки дар шинохти маънавии оламу одам қодир аст ва метавонад тамоми диду боздидҳоро ба айни худ баҳогузорӣ кунад. Аз ин ҷост, ки дар фанни педогогика низ ба ин тавсиф

овардаанд: “Ҷаҳонбинии илмӣ бо пурмазмунӣ ва аниқии худ аз дигар ҷаҳонбиниҳо ба куллӣ фарқ мекунад, зеро он ба диалектикаи илмӣ ва донишҳои дунявӣ такя намуда, оиди табиат, ҷамъият ва тафаккур дуруст баҳо медиҳад” [186, с. 199].

Чунон ки маълум аст, мафҳуми саодат мазмуни таърихию синфӣ дорад. Ҳар синф саодатро аз мавқеи манфиатҳои ҳаётӣ ва шароити зиндагии худ мефаҳмад. Пас, саодат мафҳуми нисбист. Он ба сохти иҷтимоӣ ва муносибатҳои ҳаёти ҷамъиятӣ вобаста аст. Яке аз камбудиҳои ҷомеъашиносон пешина он буд, ки онҳо дар беҳтарин ҳолат фақат сабабҳои идеявии амалиёти таърихии одамонро месанҷиданд ва дар чи будани решаи ин сабабҳоро тасдиқ намекарданд, қонунияти объективии системаи муносибатҳои ҷамъиятиро пай намебурданд решаҳои ин муносибатҳоро дар тараққии истеҳсолоти моддӣ намедиданд.

Андешаҳои Форобӣ дар бораи адолат ва саодат, инкишофи ақл ва озодии ирода ба мутафаккирони пешқадами минбаъда: Ибни Сино, Ибни Туфайл, Насриддини Тусӣ ва дигарон таъсири зиёд расонидааст. Онҳо идеяҳои пешқадами Форобиро қабул карда, ба ақидаҳои догматикии динӣ, ки ҳаёти охират ва саодатмандии пас аз маргро тарғиб мекарданд, муқобил баромаданд. Дар ин хусус Ибни Сино чунин менависад “Абунаср ал- Форобӣ дар “Шарҳи ахлоқ” ном китобаш саодати инсониро шарҳ дода, қайд мекунад, ки танҳо дар ҳамин ҷамъият, дар ҳамин ҳаёт саодатманд шудан мумкин аст, боқӣ ҳама афсона, сафсата хаёли хом аст” [168, 20, 21].

Форобӣ тасаввур карда наметавонист, ки дар ҷамъияти синфҳои антагонистӣ дошта саодат характери иҷтимоӣ - синфӣ дорад. Файласуф саодатро дар “некӯкорӣ” тасвир кардааст, ки ин ақидаи ӯ утопия, яъне хаёлист. Ӯ ҳарчанд хуб медонист, ки дар ҷамъияти синфӣ, саодати як синф дар натиҷаи бадбахтии синфи дигар ва дар натиҷаи мубориза ба даст меояд.

Форобӣ ба ҳар хел мубориза муқобил буд, аз ин рӯ, саодатро бо мубориза, алалхусус бо муборизаи синфӣ намехост алоқаманд бинад. Ӯ саодатро як мафҳуми абстракт тасаввур менамуд.

Карл Маркс низ ба саволи саодат ва бадбахтӣ таваҷҷуҳ ронда, дар мавриди баррасии он чунин ҷавоб медиҳад: “...саодат – ин мубориза, бадбахтӣ – итоаткорӣ” мебошад [50, 204].

Ҳангоми баррасии гурӯҳҳо ва соҳаҳои этникӣ, пеш аз ҳама, дар пайдоиш ва инкишофи онҳо ду принсипи асосӣ «табиӣ» ва «фарҳангӣ» ҷудо карда мешавад [65,с.273]

Принсипи фарҳангӣ ҳоло, пас аз чандин ҳазорсолаҳои рушди фарҳангӣ аз мавқеи психологӣ дар зеҳни одами имрӯза «наздиктар»

аст. Ҳар кас ихтиёран ё беихтёр ба олам аз даричаи маданият бо «чашми фарҳанг» менигарад (Ю.Жданов ). Афлотун аллакай қайд карда буд, ки «Дунё пур аз зебоист, аммо барои он бинише лозим аст, ки ба ин зебоӣ мувафақ бошад» [12,с.23]. Ю .Жданов қайд мекунад, ки ду ниҳояти фоиданок мушоҳида карда мешавад.

Мавқеи фарҳангӣ – бо мо имкон медиҳад, ки зуҳуроти падидаҳои этникиро бо фаъолияти мақсаднок ва фарҳангии гурӯҳҳои этникӣ алоқаманд созем, ки аз инҳо иборатанд:

- Маконе ( дар доираи кулл), ки этнос дар соҳаи фарҳанг ишғол мекунад;
- фаъолият, аз ҷумла самтҳои гносеологӣ (ҳадаф, арзиш ва ғайра) субъектҳои фарҳангӣ (яъне гурӯҳҳои этникӣ ҳамчун субъектҳои «фарҳангсоз»);
- фаъолияти дурусти фарҳангии гурӯҳҳои этникӣ дар лаҳзаҳои мушаххаси воқеияти мушаххаси фарҳангию таърихӣ.

Барои ҳар фарҳанг қонунияти муайяни хос мавҷуд аст. Новобаста аз он, ки фарҳанг чи гуна тағйир меёбад, ҳатто дар шароити номусоиди вайроншавии фарҳангӣ, вақте ки бошитоб ва қатъи чизи муҳимтарин-манзараи олам, системаи арзишҳо, ормонҳои иҷтимоӣ, бартариҳои

идентификатсияи шахсият – дар фарҳанг асосҳои бунёдии вай бетағйир нигоҳ дошта мешаванд,ки дар асоси онҳо манзараи олам ва системаи арзишҳо, ки гарчанде ба тағйирот дучор омада бошанд ҳам, барқарор мегардонд.

Маданияти этникӣ ( фарҳанги этнос) ин устоворшавии доираи фаъолияти зиндагии халқ маҳсуб карда , характери миллиро ҳамчун меҳвари ташаккул нишон медиҳад. Маҳз дар ҳамин осори бешууронаи дастҷамъонаи халқ , пайдоиш, ибтидо ва архетилҳои он равшантар намоён мешавад; дар ин меҳвар дар намуди фишурдашудаи нишонаҳо ва рамзҳои таҷрибаи таърихии халқҳо нигоҳ дошта шуданд[127,с.83]

Пеш аз он ки дар бораи “саодат”-и Форобӣ сухан ронем, донистан лозим аст, ки нуқтаи назари этикаи исломӣ дар бораи “саодат” чӣ гуна аст.

Аз қадимулаём одамон дар бораи некӣ ва хушбахтӣ, яъне саодат орзӯ мекарданд. Этикаи исломӣ ба ин савол чунин ҷавоб медод: “Асри тиллоии инсоният кайҳо гузаштааст ва дар рӯйии замин ҷустуҷӯ намудани саодат маънӣ надорад, онро инсон метавонад танҳо бо роҳи итоаткорӣ ба Худо ба даст орад. Аз ин рӯ, саодат на ба ҳама муяссар мегардад, танҳо ба ҳамонҳое, ки ба Худо боварӣ доранд муяссар мегардад.” (Қуръон, 57, 18).

Чуноне ки маълум шуд, этикаи исломӣ мафҳуми саодатро, дар ба ҷаннат расидан мефаҳмад, ки танҳо ба касони хосташуда ва пок сазовор аст.

Этикаи исломӣ тақдири одамро ба хости Худо вобаста медонад ва инсонро ғуломи Худо меҳисобад. Дар Қуръон чунин баён карда шудааст: “танҳо он чиро талаб кунанд, ки худо мехоҳад”, дар онҳо “интихоби озод нест” ва ғайра. Аз ҳамин рӯ, этикаи динӣ лаёқати одамро нобуд карда, кӯшиш мекунад вайро аз ҳар гуна мустақилият маҳрум созад, зеро ин ақидаҳои таассубӣ мебошанд.

Форобӣ чунин қайд мекунад: “Ҳамаи он чизе ки барои ба саодат расидан муфид аст... некист ва ҳамаи он чизе ки барои саодатманд шудан монеъ мегардад... бадист” [168, 10, 11].

Ба андешаи Форобӣ «Исон бояд донад, ки саодат чист ва барои ба саодат ноил гаштан чӣ кор кардан лозим аст. Баъзеҳо фикр мекунанд, ки саодат ин боигарист, баъзеи дигарашон бошанд, зимни саодат чизи дигарро мефаҳманд. Ин тавр нест, қайд мекунад Форобӣ, саодат ин некист. Некӣ на фақат барои худ, балки барои хушбахтии тамоми инсоният аст. Саодат, ба гуфти Форобӣ, ин амалест ки инсон ба сӯи вай беихтиёр кӯшиш мекунад. Ба андешаи файласуф, дар байни ҳамаи некиҳо саодат (яъне некӣ) манфиатноктарин некист, ки инсон пеш аз ҳама ба вай майл мекунад» [76, с. 65].

Форобӣ саодатро як чизи мукаммал медонад. Саодат чист? Табиати он чӣ гуна аст? Оё дар зебоии ҷисмонӣ? Дар бойигарӣ? Дар доноӣ? Дар фармонфармоӣ ба дигарон?.. чунин суол мегузорад [168, 20,21].

Дар этикаи Ибни Сино вобаста ба саодату адолат, некию бадӣ ва ташаккули камолоти нафс мафҳумҳои “лаззат” ва “алам” мавқеи муҳимро ишғол мекунанд. Мутафаккирон қайд мекунад, ки лаззат ва алам бевосита дар натиҷаи дарк кардан ҳосил мешаванд. Ӯ дар “Китоб- ал- ишорат- ва- танбеҳот” менависад: “Бидон, ки лаззат идрок ва расидан аст бад-он чиз, ки ба наздики андарёбанда камол ва хайр аст, аз он рӯйи, ки чунон аст. Ва аламу дарк ҳам идроку расидан аст бад он чизе, ки ба наздики дарёбанда шарру офат аст” [4, 244].

Матлаби ин рисолаи мо низ марбут ба тавсифи консепсияи бахту саодат ва қоил шудан ба шинохти адлу адолат аст, ки дар таълимоти ахлоқии Ибни Сино мавқеи марказӣ дорад.

Оид ба ин масъала ақидаҳои гуногун вуҷуд дорад. Масалан, мутобиқи ақидаи баъзе идеалистони объективӣ, аз он ҷумла Афлотун, дунёи ҳақиқӣ, адолат ва саодати ҳақиқиро дар рӯйии замин ҷустуҷӯ намудани одамон маънӣ надорад. Мутобиқи назариёти ин донишмандон инсон ба он танҳо дар он дунё, дар олами ғояҳо ноил шуда метавонад. Аз ин рӯ, саодат на ба ҳама, балки танҳо ба ҳамонҳое муяссар мегардад, ки ба олами идеяҳо боварӣ дорад.

Чунин идеяҳо ба принсипу категорияҳои ахлоқи умумиинсонӣ мазмуни нав дода, меъёрҳои онро ба ифодаи ҳадафҳои эътиқодиву мазҳабӣ ва бовари инсонҳо мутобиқ мегардонад.

Усули дигар пеш аз ҳама таассубҳои мазҳабӣ ва хурофот мебошанд, ки дар роҳи инкишофи худтакмилдиҳӣ ва худшиносиву ба камол расидани инсон ва умуман оммаи мазлум монеа эҷод намуда, одамро аз ҳар гуна мустақилият маҳрум сохта, садди роҳи фаъолияту амали ҳаётии ӯ мегарданд ва адолати иҷтимоиву саодати маънавӣ, инчунин рушду такомули ӯро аз байн бурда, ӯро нокому хору залил ва рӯҳафтодаву бадбахт мегардонанд.

Адолат, додрасӣ, додгарӣ, некӯкорӣ, муносибат аз рӯйии инсоф аст. Адолатпеша он касест, ки адолатро марому маслак ва меъёри кордории худ қарор дода бошад. Адл ба ҳамаи одамон бо як чашм нигоҳ кардан, ҳамаро баробар кардан, инсоф, дод ва додгустарӣ мебошад, ки заминаи саодати инсонро муҳайё мегардонад.

Адл пеш овардан, бо адолат рафтор кардан, ҳақ пеш гирифтан, ин ҳама аз хислатҳои барҷастаи инсон ба шумор мераванд, ки метавонанд ӯро дар комёбӣ ба саодат муваффақ гардонанд.

Адолат ва ҳақиқатпарварию ҳақшиносиро пеша кардан вазифаи ҳар ҷавонмард аст. Баръакс, бар зидди ҳақиқатношиносию беадолатӣ ва ҳақношиносӣ мубориза сахту шадид бурдани ҳар шахси бошууру боинсоф ҳатмӣ ва мувофиқи мақсад аст.

Аксар падарон ва модарони бузургвор атфоли хешро ҳанӯз аз нахустин валодаташ дар рӯҳияи адолатмандӣ ва ҳақгӯию ҳақиқатпарастӣ тарбия менамоянд, то ӯ як умр одил ҳақгӯй бошад ва ҳеҷ гоҳ аз ин роҳи рост рӯйи натобад, чунон ки саодати ҳамешагии ӯ дар ин замина таъмин мегардад. Чунон ки овардаанд: -Адл гули баҳорест, ки танҳо накҳаторой кунад ва атрофиён аз ин бӯи латиф ҳаловат баранд. Адолат писандидаи инсон ва сабаби ободии ҳар мулку макон бошад ва кишоварзони роҳатрасони умр донаи роҳат ва фароғат дар киштзори зиндагӣ бипошанд [42, 185].

Адл пеш овардан, бо адолат рафтор кардан, ҳақ пеш гирифтан, додрасӣ намудан, аз рӯйии ҳақиқат кор кардан аст. Чунон ки назм омадааст:

Адл пеш ору муроди дили дарвеш барор,

То туро ҳар чӣ мурод аст, муяссар гардад. (Ахлоқи Мӯҳсинӣ) [197, 33].

Аз фазилати адолат ибрози ҳамин нукта бас, ки шахси одил маҳбуби ҳама мардумон аст ва золим душмани ҷамиъи ҷаҳониён аст. Агарчӣ аз зулми ӯ зарае ба эшон нарасида бошад ва тасдиқи ин ҳол ва миқёси ин маҳол қиссаи Нушервони Одил ва хаҷҷоҷи золим аст. Он ки нафаре буд, оташпараст ва Ҳаҷҷоҷ бар қарори ислом саҳобаро ва тобеинро дида. Ҳар гоҳ ки Нӯшервонро ёд кунанд, бар ӯ офарин гӯянд ба сабаби адл аз ӯ ва чун зикри Ҳаҷҷоҷ гузарад бар ӯ нафрин фиристанд ба воситаи зулми ӯ. Маснавӣ:

Мамлакат аз адл шавад пойдор.

Кори ту аз адли ту гирад қарор.

Ҳар ки дар ин хона шабе дод кард.

Хонаи фардои худ обод кард [197, 144].

Аз ин ҷост, ки фикру ақидаҳои Ибни Сино пеш аз ҳама барои пойдориву бақои адолат ва саодат ёр гардонидани башарият хидмат мекунанд ва инсониятро барои ноил гардидан ба чунин комгорӣ ҳидоят менамоянд. Аз ин лиҳоз метавон афзуд, ки тамоми андешаҳои маорифпарварона ва тарбиявии Ибни Сино дар китоби таълимии педагогикаи башарият бо навоварӣ ва ҳидоятгарӣ метавонад саҳифаҳои тозаву нокушодаеро боз намояд. Аз ҷумла:

– рушди манзуру нишондодҳои омоданамоии этникӣ ба фаъолияти ояндаи касбӣ – педагогӣ;

– азхуд кардани таҷрибаи ибтидоӣ ташаккули рефлексияву худназоратии этнопедагогии омӯзгорони оянда дар матни ҳамкории субъективӣ.

Шароитҳои мазкур донишҷӯёнро ба фаъолияти илмӣ ва эҷодӣ пешбинию сафарбар намуда, захираҳои онҳоро барои мубодилаи ғояҳо, андешаҳои дар рафти фаъолияти эҷодии лоиҳавӣ ва мубоҳисаву муҳокимаҳои ҷолиб таъмин

мекунад. Дар ин росто бояд муносибати шахсиятӣ – воқифӣ асоси муҳити эҷодии таълимӣ мавқеи субъективии донишҷӯёнро ривоҷу сайқал медиҳад. Дарку фаҳми дурӯст ва корҳои мустақилона бо маводи таълимӣ, акси он дар маҷрои ҷустуҷӯиҳои илмӣ – замина ва асоси рушди худташкилкунӣ ва худтарбиякунӣ маҳсуб мебошад.

Барои ҳар як намуна ва шароитҳои педагогӣ марҳилаҳое, ки дорои хосияти дарозию масофа аз рӯи вақт буда, намоишдиҳандаи тағйироти тадриҷан афзуншавандаи сифатҳо ва хусусияти шахсият мебошад.

Ташаккули омодагӣ тавассути марҳилаҳои муайянгаштаву асоснокшудаи шароитҳои педагогӣ, ки дар алоқамандии якдигар муаррифӣ шудаанд: мотиватсионӣ – муқаддимавӣ, фаъолнокӣ, рефлексивӣ – эҷодиро дар бар мегиранд.

Мотиватсионӣ – муқаддимавӣ. Вазифаи асосии марҳилаи мазкур донишҷӯён тавассути мотивҳо сатҳу дараҷаи тайёрию омодагии  педагогии хешро васоити ахлоқ такмил диҳанд. Дар ин марҳила чорабиниҳое мавриди истифода қарор мегиранд, ки дар омӯзгорони оянда талабот ба азхуд кардани арзишҳои появии ҷомеаи  и худ, донишҳои этникӣ, воситаҳои асосии эҷодиёти даҳонии халқ (сурудҳо, афсонаҳо, зарбулмасалу мақолҳо ва ғайраҳо) ба ҳисоб мераванд. Ин давра барои ташаккули мавқеи ҷамъияти ва касбӣ, рӯоварӣ ва шиносоӣ бо арзишҳои касбӣ, омодагии омӯзгор, ки дар он омодагии мотиватсионӣ баҳри татбиқи фаъолияти этнопедагогӣ бо васоиту васоили лингвистӣ инъикос ёфтааст.

Ҳамчунон месазад, ки таълимоти Ибни Синоро ҳамчун намунаи барҷастаи улуми тарбиявӣ дар тамоми макотибу мадорис ба тарзи васеъ ба сифати методикаи корҳои тарбиявӣ истифода намуд.

Ибни Сино чун дигар файласуфон, одамро ба сифати меъёри мавзуи таҳқиқии хеш ҳамеша дар мадди назар дошт ва дар хилқати ӯ баъзе ҷиҳатҳои Синоиро низ ба муқоиса мегирифт, аммо дар баробари ин вай фарқи одаму ҳайвонро ҳам ба истисно намегирифт. Дар робита, ба ин дар зимни ақидаи

ирфонии «ваҳдати вуҷуд», ҳамбастагии одаму олами мавҷудот, ҷирмҳои осмонӣ ва Худоро низ инкор намекард.

Ба ақидаи ӯ одаму ҳайвон дар олами вуҷуд бо ҳастии фарққунанда ва мақсадҳои муайян офарида шуда, яке мутаққил ва дигаре дорои ҳиссиёти хоси ирсӣ мебошанд ва ба ӯҳдаи ҳар кадом вазифаҳои хос гузошта шудааст. Наҷобати одамӣ аз дидгоҳи ӯ ба сохти бадан, руҳи фарққунанда ва соҳиби ақл буданаш бармеояд ва иртиботи он ба ҷирмҳои осмонӣ вобаста аст. Мутафаккирон монандию фарқи одаму ҳайвонро муайян намуда, муътақид буд, ки одам, ҳарчанд дорои баъзе аз хусусиётҳи табиати ҳайвонӣ доштанаш, набояд, ки ҳайвонро тақлид кунад, зеро ба фарқият аз ҳайвон соҳиби ақл аст ва бояд маҳсули ақли худро ба дараҷаи маърифату шинохт ва заковату зеҳни гирояш истифода карда тавонад.

Дар мавриди дигар файласуф таъкид мекард, ки ҷасади одам, чунон ки бемақсад офарида нашудааст, бо ин гувоҳ бояд онро ҳамеша тозаву назиф нигоҳ дорад ва пайваста дар роҳи сафо бахшидани руҳи хеш кӯшо бошад, зеро мутобиқи ақидаи Ибни Сино ҷисмро руҳ ба ҳаракат меорад ва ақл аз ногуворӣ ба шоистагиву дарёфти ҷавҳари покӣ ҳидоят мекунад. Аз рӯйии андешаи Ибни Сино рафтору кирдори одам тобеи се мақсад:

- шабоҳат пайдо кардан ба ҳайвонот;
- мушобеҳи ҷирмҳои осмонӣ шудан;
- шабоҳат ба Худованд мебошад.

Шабоҳати одам ба Худо ва муроқибаи он одамро ба саодати олӣ мушарраф мегардонад. Ибни Сино шарти сеюмро асосӣ ва ду шарти аввалро воситаҳои ба саодат, яъне ба Худо расидан, ки мақсади асосии худшиносиву камоли инсон аст, маҳсуб медонист.

Одам бояд то расидан ба камолоти ҳақиқӣ дар ин роҳ собитқадам бошад. Ва ин сухани мутафаккирони ориф Асадии Тусӣ низ бар ҳамин далолат хеле бамавқеъ мерасад, ки мегӯяд:

Зи ҷӯе ки хурдӣ аз он оби пок,

Нашояд фикандан дар он сангу хок [160, с. 21].

Ин ақидаи ӯро баъдҳо дар тасвири дигар мутафаккирон, аз ҷумла Саъдии Шерозӣ низ дучор меоем:

Дарахте, ки пайваста бораш хурӣ,

Таҳаммул кун он гаҳ, ки хораш хурӣ [153, с. 252].

Дар марҳилаи муосир инсоният барои худ ба кашф ва ихтироъоти аҷибу ғариб, монанди сохтмони заводу фабрикаҳои бемисл, мушаксозиву силоҳҳои ҳастаӣ ва дигар кашфиёти зиддуннақиз комёбиҳои беназиреро шарафёб гардида аст. Аммо бо ин амалкард ва дастовардҳои хеш ғофилназарона аз ифлос кардани чашмаҳо, ҷӯйборҳо, дарёҳо ва кӯлҳо ба олуда кардани баҳрҳо ва уқёнусҳо гузашт. Одам барои қонеъ гардонидани талаботи шахсӣ ва нафсонӣ, инчунин, муҳайё намудани заминаҳои маишӣ ва кайфияти худ, намудҳои гуногуни ҷонваронро бераҳмона несту нобуд ва табиатро заҳролуд кард. Аммо бояд одам огоҳ бошад, ки маданият ба таври стихиявӣ инкишоф меёбад ва аз паси худ биёбони холӣ боқӣ мегузорад [168, с.128].

Олими франсавӣ Ж. Дорст дар китобаш «Қабл аз он, ки табиат мемирад», чунин менависад: «Шояд ин фикри ботил бошад, вале муҳимтарин мушкилоти ҳозиразамон дар соҳаи муҳофизати табиат - ин ҳифзи навъи мо аз худи мост, Homosaplen-ро муҳофизат бояд кард аз HomoZaber» [60, с.126]. Аммо айбҷӯӣ бар ин иддао, на таҳдид бар инсоният, балки умуман, ба мақсадҳои ғаразнок, бойшавии бархе аз одамон аст, ки бо таҷрубаи маҳдуд кардани рушду нумӯи табиат, ки аз кӯтоҳназарӣ ва ғояти нафспарварии онҳо маҳсуб мешавад, ба чунин иқдомоти ношоиста роҳ медиҳанд.

Дигаргунсозӣ ва дахолат барои тағйирпазирии табиат амалиётест, ки дар ҷараёни он моҳияти аслии инсон ва аъмоли ӯ ҳамчун субъекти таърих ва ё мабдаи фаъоли иҷтимоӣ барҷаста зоҳир мешавад. Ҳатто чунин ҳолатҳоеро метавон дучор гардид, ки ҷангалҳо ва ботлоқзороҳо бо дасти одамон хароб мегарданд ва ин ҳам ба номувозинатии фазо ва табиат оварда мерасонад.

Масалан дар китоби табиатшиносӣ бо муқоиса бар суду зиёни он ба таъкид омадааст, ки: “Аз буридани ҷангал қабати ҳосилхези хок зарар мебинад. Ин ҳолат ба биёбоншавӣ оварда мерасонад. Ҳамин тавр, инсон дар натиҷаи фаъолияти худ ба олами наботот ва умуман ба табиат таъсири худро мерасонад” [165, с. 128].

Ҳамчунон, худ бояд донад, ки инсон зода, фарзанд ва парвардаи табиат ва муҳит аст. Пас, бо таваққуф бар ин иддао месазад гуфт, ки инсон ҳам, бояд табиатро ба ҳайси модари азизу арҷманди худ пазиро бошад ва тамоми мавҷудоти онро сипосгузорӣ кунад.

Мутаассифона ҷангалзорҳои Тоҷикистони мо, ки аз пистаю чормағз ва арча иборатанд, дар тули даҳ соли охир қариб ба миқдори 12 ҳазор гектар кам шудаанд. Агар мо аз ҳозир роҳҳои истифодаи самаровари ҷангалзорҳоро, туғайзорҳои канори дарёи Ому ва Сирро ҷустуҷӯ накунем, мушкилотамон аз мушкилҳои басаровардаи баҳри Арал ҳам душвортар хоҳад шуд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ дар гузориши хеш дар Конфронси байналмилаии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амалиёт «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» бо таваҷҷуҳ ба ин хатароти экологӣ ва дигаргуншавии иқлими ҷаҳон хеле бамаврид қайд карда, ҳушдор дода буд, ки: «Вазъи экологӣ дар тамоми ҷаҳон дар ҳолати ноустувор қарор дорад… Омилҳои ногувори экологӣ имрӯз барои намудҳои нодири табиати зинда дар хушкию об хатар эҷод мекунанд. Оқибатҳои мушкилоти имрӯзаи экологӣ мумкин аст дар давраи даҳсолаҳо, ҳатто садсолаҳо ҳис карда шавад» [165, с. 128].

Дар робита ба мавзуъ вақте бозмегардем ба дараҷаи огоҳӣ бар ин вазъ, ки дар даврони садсолаҳо пеш низ аз вазъи экологӣ бо бонги изтироб хабар медоданд, бинобар ин ҳақ бар ҷониби Ибни Сино аст, ки ин мақсадро ҳанӯз дар замони хеш пай бурда буд ва баланд бардоштани дараҷаи маърифатнокии инсонро бар шинохти табиат аз авлавиятҳои ахлоқӣ, хирад ва тарбиявӣ маҳсуб мешуморид. Ҳифзу ҳимоят аз табиат низ бар асари хиради инсон болои кор

меояд ва бар ҳамин амр аст, ки файласуфи Юнони қадим Пифагор қайд карда буд: «Чӣ хуш аст, ки шодкомиҳои инсон ба қонунҳои хирад асос меёбанд» [168, 130].

Файласуф, ҳамчунон, тавассути андешаронихояш дар асари «Ҳай ибни Яқзон» қайд мекунад, ки хислатҳои ахлоқию эстетикии инсон дар ягонагии он бо дарки табиат ва мутобиқаткунонии табиати ақлонӣ ба табиати моддӣ ташаккул меёбанд ва зебоии инсонро дар натиҷаи азхуд кардани дониш ва меҳнатдӯстии ӯ рӯнамо мегардонанд.

Ибни Сино инсонро пеш аз ҳама, ҳамчун падидаи бошуур, дорои хислатҳои ҳамида, сабру таҳаммул ва қаноат, хушахлоқ ва зебо тасвир мекунад. Барои ҳамин, ҳам инсон аз дидгоҳи ҳақиқатшиноси мутафаккирон на бо категорияи иҷтимоӣ, балки бо рунамои дараҷоти эстстикӣ ва ахлоқии ӯ муайян карда мешавад.

Инсони офаридаи Ибни Сино пеш аз ҳама, инсони мушаххас аст. Ӯ инсонро на дар муносибатҳои ҷамъиятӣ, балки ҳамчунон дар муносиботи ҳаётӣ, иҷтимоӣ ва ғайра мавриди таваҷҷуҳ қарор медиҳад. Чунон ки инсони идеалӣ ва ормонии худро ӯ бештар аз дидгоҳи эстетикӣ, дорои дараҷоти ахлоқӣ ва соҳибназарӣ нишон медод ва ҳамчунон бар ин асос, ки бо хисоли некӯ, меҳрубонӣ ва шафқат ва бо ёрии ҳиссиёти зеҳниву ақлонии инсониаш худро идора карда ва ба тартиб дароварда метавонист.

Ибни Сино мегӯяд: «Вобаста ба ин ақидаи хеш қайд мекунад, ки дар инсон ҳам зебоии руҳӣ ва ҳам зоҳирӣ вуҷуд дорад. Ва ҳамчунон, ин ду намуди зебоиро дар маҳсусияти ягонагӣ мутаалliқи ҳам медид. Аз ин лиҳоз аст, ки мутобиқи ақидаи муҳаққиқон низ ягонагии зебоии ботинӣ ва зоҳирӣ мазмуни идеалӣ ва зебоишиносии Ибни Синоро ташкил медиҳанд. Ва боровардаи ҳамин ақида аст, ки ба андешаи ӯ зебоии ботинии инсон, ин рафтори хушахлоқонаи инсон аст, ки ба принсипи худшиносӣ ва худошиносии ӯ мувофиқат мекунад» [167, 131].

Ба ақидаи мутафаккирон зебоии инсонро фақат бо намуди зоҳирии он муайн кардан мумкин нест, яъне зебоии зоҳирӣ набояд муайянкунанда ва ҳалкунандаи зебоии инсон бошад, гарчанде ки ин намуди зебой метавонад дар намуди аёнии ӯ нақши муҳиммеро бозад.

Ибни Сино дар муайянкунандагии зебоии инсон, зебоии руҳӣ, зебоии ботинӣ ва вуҷудиро афзалтар медонад, лекин симои зебоии зоҳириро низ инкор намекунад, зеро зебоии зоҳирӣ метавонад тавсифгар ва собиткунандаи вуҷуди айнии инсон бошад ва ӯ бар ин назар мутобиқи ақидаи хеш пеш аз ҳама зебоии ҷисмонии одамро дар назар дорад. Ӯ талаб мекунад, ки инсон бояд ҷисман ҳам зебо бошад, лекин дар баробари ин зебоии руҳии инсонро дар мадди аввал мегузорад.

Барои ҷисман зебо гардидани инсон пеш аз ҳама тарбияи ҷисмонии онро матраҳ намудан зарур аст, ки он ба тарбияи руҳиву фикрии он низ таъсир мерасонад ва дар доираи таълими хонандагон ҷорӣ намудани онро мо низ ногузир мешуморем. Чунон ки мутобиқи таълимоти назарияи тарбия дар илми педагогика низ ин амал дарҷ гардидааст: "Тарбияи ҷисмонӣ ба тарбияи фикрӣ, ахлоқӣ, меҳнатӣ ва эстетикӣ пайваста буда, ба рушди ҳаматарафаи шахсияти хонандагон ёрӣ мерасонад" [56, 217].

Ибни Сино низ дар осори хеш мисли Ибни Сино тасдиқ мекунад, ки инсон аз беҳтарин зебоиҳои офаридашуда дар дунё мебошад. Зеро зебоии вай пеш аз ҳама дар муҳаббати ӯ зоҳир мешавад. Фақат дар зимни рӯнамоии муҳаббати ҳақиқӣ инсон метавонад худро ба сифати инсон бишносад. Аз чунин ақидаву андешаҳои ин мутафаккирон бармеояд, ки зебоии зоҳирӣ на фақат инсонро ба ҳусну таваҷҷуҳ моил мекунад, балки ӯро маҷбур мекунад, ки ӯ накукор, самимӣ ва содиқ бошад.

### 2.3. Таҳлил ва арзёбии самарабахшии натиҷаҳои кори таҷрибавӣ – озмоишӣ оид ба ташаккули тарбияи насли наврас

Барои ошкор кардани сатҳи омӯзиши афкори педагогии мутафаккирони форсу тоҷики асрҳои XII-XIII дар тарбияи насли наврас дар шароити муосири

таҳсилоти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз ҷониби мо озмоиши педагогӣ гузаронида шуд, ки марҳилаҳои зеринро дар бар гирифт:

Арзишҳо ва принсипҳои хоси тарбияи маърифатӣ талаботҳоро ба ташаккули мазмуни *ҷузъҳои тарбияи насли наврас* - маърифатӣ, эҳсосотӣ - арзишӣ, фаъолиятӣ ва шаклҳо ва методҳои мушаххаси татбиқи он инъикос менамоянд (ҷадвали 6).

**Ҷадвали 6. Ҷузъҳои тарбияи ватандӯстӣ**

| Ҷузъҳо | Тавсифи ҷузъ |
|---|---|
| 1. Маърифатӣ | - дарки амиқи моҳияти ватандӯстӣ ва ҳисси қарзи шаҳрвандӣ, усулҳои зуҳури онро дар намудҳои гуногуни фаъолияти инсонӣ дар бар мегирад, ки ба дарки зуҳуроти мушаххаси ватандӯстӣ ва сифатҳои маънавию ахлоқӣ, фаъолиятии шахсият дар омодагӣ ба ҳимояи Ватан мусоидат менамояд. |
| 2.Эҳсосотӣ - арзишӣ | - дарки амиқи моҳияти ватандӯстӣ ва ҳисси қарзи шаҳрвандӣ, усулҳои зуҳури онро дар намудҳои гуногуни фаъолияти инсоние дар бар мегирад, ки ба ташаккули назарҳо ва боварҳои ватандӯстӣ дар хонандагон мусоидат менамояд. |
| 3. Фаъолиятӣ | - ба ташаккули қобилиятҳо ба зуҳуроти иродавӣ дар хонандагон дар соҳаи ватандӯстӣ ва касби таҷрибаи рафтори ватандӯстӣ аз тариқи фарогирии хонандагон бо навъҳои гуногуни фаъолияти амалӣ мусоидат менамояд. |

Аз рӯйи нишондиҳандаи якум - сатҳи ташаккулёфтагии ҷузъи эҳсосотӣ-арзишӣ дар тарбияи ватандӯстӣ дар марҳилаҳои муқарраркунанда ва ташаккулдиҳанда (то ва баъди озмоиш) аз ҷониби мо маълумоти зерин ба даст омад, ки дар ҷадвали 6 ва ба таври аёнӣ дар расмҳои 5 ва 6 оварда шудааст.

**Ҷадвали 7. Сатҳи ташаккулёфтагии ҷузъи маърифатӣ дар тарбияи ватандӯстӣ дар марҳилаҳои муқарраркунанда ва ташаккулдиҳанда (то ва баъди озмоиш)**

| Гурӯҳҳо | Ҳамагӣ | Баланд | | | | Миёна | | | | Паст | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | То озмоиш | | Баъди озмоиш | | То озмоиш | | Баъди озмоиш | | То озмоиш | | Баъди озмоиш | |
| | | Наф. | % | Наф | % | Наф. | % | Наф. | % | Наф. | % | Наф. | % |

**Идомаи чадвал**

| | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ГО | 60 | 21 | 35,00 | 45 | 75,00 | 8 | 13,33 | 4 | 06,66 | 31 | 51,67 | 11 | 18,34 |
| ГН | 62 | 22 | 35,48 | 29 | 46,78 | 10 | 16,13 | 8 | 12,90 | 30 | 48,39 | 25 | 40,32 |




***Диаграммаи 5. Нишондиҳандаҳои сатҳи ташаккулёфтагии ҷузъи маърифатӣ дар тарбияи ватандӯстӣ дар марҳилаҳои муқарраркунанда ва ташаккулдиҳанда (то озмоиш)***



*Диаграммаи 6. Нишондиҳандаҳои сатҳи ташаккулёфтагии ҷузъи маърифатӣ дар тарбияи ватандӯстӣ дар марҳилаҳои муқарраркунанда ва ташаккулдиҳанда (баъди озмоиш)*

Тавре ки маълумоти ҷадвали 5 нишон медиҳад, сатҳи ташаккулёфтагии ҷузъи маърифатӣ дар тарбияи ватандӯстӣ дар марҳилаи муқарраркунанда то озмоиши педагогӣ дар гурӯҳи озмоишӣ 21 наф. (35,00%), сатҳи миёна - 8 наф. (75,00%), сатҳи паст - 31 наф. (51,67%)-ро ташкил дода, дар гурӯҳи назоратӣ бошад, ин нишондиҳандаҳо, мутобиқан, - 22 наф. (35,48%), 10 наф (16,13) ва 30 наф. (48,39%)-ро ташкил доданд.

